**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 334.722:331.5-055.2(575.3)
ТБК: 65.290-2
Н 12

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Набизода Маҳфуза Раҳмат**

# ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

# ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт**
**(5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** д.и.и., професссор
Асрорзода Убайдулло Саттор

**Душанбе – 2026**

# МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ ...........................................** 3
**Муқаддима .......................................................................................** 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН .........................................** 15
1.1. Консепсияҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи соҳибкории занон дар илми иқтисодӣ...................................................................... 15
1.2. Заминаҳои ташаккули соҳибкории занон дар иқтисодиёти муосир........................................................................................ 37
1.3. Асосҳои институтсионалӣ ва механизми танзими давлатии соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти бозор ................ 49

**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИР, ТАМОЮЛҲО ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД...................................................................... 63**
2.1. Заминаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд ........................................................ 63
2.2. Тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ......................................................................... 85
2.3. Омилҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва роҳҳои идоракунии онҳо ........................................................ 103

**БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД .......... 133**
3.1. Равияҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон барои давраи оянда ............................................................................ 133
3.2. Авлавиятҳои афзоиши таъминнокии молиявӣ дар рушди соҳибкории занон ............................................................................ 146

**ХУЛОСА** .......................................................................................... 160
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ..................................................................... 166

**Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ**

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| СМР ҶТ | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| МММ | Маҷмуи маҳсулоти минтақа |
| ҚҶТ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИА | Иттиҳоди Аврупо |
| СЗ | Соҳибкории занон |
| ФС | Фонди соҳибкорӣ |
| СИ | Соҳибкори инфиродӣ |
| КОА | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи марказ |
| БМБИОМ | Барномаи махсус барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ |
| АМЗСТ | Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули иқтисоди бозорӣ ва тағйирёбии сохтории шакли моликият дар иқтисодиёт, тарзу усулҳои бурдани хоҷагидориро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дигаргун сохт. Дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва ташаккули модели муосири иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳимми дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар таъмини такрористеҳсоли васеъ зоҳир гардид ва то ҳол танзими давлатии бахши хусусӣ, ки бевосита ба рушди фаъолнокии корӣ дар иқтисодиёт, ҳаллу фасли муаммоҳои сохтории иҷтимоӣ, баланд бардоштани нуфуз ва рақобати иқтисодиёти миллӣ равона мегардад, ҳам аз ҷиҳати илмию амалӣ, ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоию сиёсӣ мубрам боқӣ мемонад.

Боиси таъкид аст, ки дар давраи оғози соҳибистиқлолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии бештари хоҷагиҳои хонавода на танҳо бо сабаби гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инчунин дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандие, ки ҷумҳуриро солҳои 1991-1997 фаро гирифта буд, хеле душвор гардида буд. Зеро дар натиҷаи ҷанги хонумонсӯз аксари оилаҳо саробони худро аз даст дода, камбизоат гардиданд ва занҳо, ки тибқи анъанаҳои миллӣ бештар бо нигоҳубини хона ва кӯдакон машғул буданд, бе малака ва маълумоти мувофиқ маҷбур шуданд, ки вазифаи таъмин намудани оиларо бо маблағи ҳадди ақал пурра ба уҳдаи худ гиранд.

Бояд қайд намоем, ки дар Паёмҳои ҳамасола, суханронӣ ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаи муосири тоҷик ба таври алоҳида борҳо таъкид мегардад. Чунончи, дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2024 чунин қайд шуда буд: «мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст. Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони

соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд. Имрӯз беш аз 110 ҳазор бонувону занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд», [1, 37-40].

Дар боби 3-юми Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 - «Такмили неруи институтсионалии кишвар» дар самти такмили идоракунии давлатӣ қайд карда мешавад, ки «такмили ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои бунёдӣ ҷиҳати дахлнопазир будани моликият ва рушди сармояи инсонӣ, дастрасии баробари занону мардон ба раванди қабули қарорҳо, ки фаъолияти устувор ва рушди иқтисодиёти миллиро таъмин мекунанд» [24, 33]. Ин амал бевосита ба рушди соҳибкории занон мусоидат хоҳад намуд, зеро иштироки бевоситаи занон дар раванди қабули қарорҳои идоравӣ айнан аз ин бахш оғоз мегардад.

Чи хеле ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, мушкилоти таъмини шуғли занон тавассути амалӣ гардонидани механизмҳои  соҳибкорӣ ва ҷалби занон ба бизнеси хурду миёна масъалаи муҳим гардидааст. Ба андешаи як қатор олимони соҳаи иқтисодӣ, аз ҷумла мутахассисони созмонҳои молиявии байналмилалӣ, соҳибкорӣ ин ояндаи шуғли занон аст. Соҳибкории хурду миёна вақтҳои охир бештар ба як соҳаи фаъолияти занон табдил ёфтааст. Ин ақидаро мутахассисони Созмони байналмилалии меҳнат ва Иттиҳоди Аврупо ҳам баён намудаанд.

Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон  ҳалли мушкилоти шуғли занон хеле мубрам аст, чунки дар тамоми кишвар ва минтақаҳои он бо сабаби боқӣ мондани  анъанаҳои миллии давраҳои қаблӣ (то шуравӣ ва шуравӣ), аз ҷумла нокифоя будани сатҳи тахассуси занон, барвақт оиладор шудан, серфарзандии онҳо қувваи кории занона дар бозори миллӣ талаботи на он қадар зиёд дорад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин  оқибатҳои манфии иҷтимоиро пурзӯр гардонида, сафи бекоронро дар байни занон афзоиш медиҳад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол аз се

ду ҳисси бекоронро занҳои синну соли қобилияти корӣ дошта ташкил медиҳанд. Вале табиатан нисбат ба мардон занҳо бештар ҳисси масъулиятнокӣ, ташкилотчигӣ доранд, ки ин барои соҳибкор хело зарур аст. Бинобар ин, чунин афзалиятҳои психологии занонро бояд дар инкишофи ҷомеа барои расидан ба рушди устувори иқтисодии минтақаҳо истифода бурд. Албатта, амалишавии ҳадафи мазкур аз дастгирии давлатӣ низ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, рушди соҳибкории занон яке аз самтҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодӣ ва стратегияи паст кардани нобаробарии мардону занон дар соҳаи шуғли аҳолӣ масъалаи мубрам боқӣ мемонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Соҳибкорӣ аз давраҳои қадим то ҳол чун механизми ҷудонашавандаи муносибатҳои бозорӣ эътироф карда мешаввад. Бинобар ин, оид ба ташаккул, рушд ва аҳаммияти он дар илми иқтисодӣ андешаҳои гуногун, ҳамзамон ба ҳам зид хеле зиёд аст. Дар ин маврид, боиси зикр аст, ки таҳқиқот оид ба соҳибкории занон вале шуғли занон дар бахши соҳибкорӣ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Новобаста аз он, фаъолияти соҳибкорӣ чун механизми иқтисодиёти бозор ва яке аз намудҳои шуғл дар асарҳои илмии иқтисоддонҳои машҳури ғарб, ба монанди А.Маршалл [41], К.Макконелл ва С.Брю [38], С.Фишер [54], Р.Дорнбуш [55] ва дигарон, инчунин дар корҳои илмию таҳқиқотии иқтисодчиёни рус: А.И. Рофе [48], Е. Красин [90], Т.В. Зинкевич [86], Ю.С. Карян [67], Ражнева Ю.А. [68], Н.Ю.Уткина [111] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаммоҳои шуғли занон ва роҳҳои ҳалли онҳо дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз қабили А.Е.Котляр [36], Х.Алгада [71] ва дигарон ба таври васеъ баррасӣ гардидааст.

Саҳми назаррасро дар таҳияи назарияи шуғл, инчунин ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, шуғли занон олимони иқтисоддони ғарб, аз қабили И. Шумпетер [57], Веллем Л.А. [64] ва дигарон гузоштаанд.

Саҳми назарраси худро дар омӯзиши муаммои таъмини шуғли

аҳолӣ иқтисоддонҳои ватанӣ, аз қабили академикҳои АМИ Тоҷикистон Т.Н. Назаров [43], Р.К. Раҳимов [102], олимони намоёни соҳа ба мисли У.С. Асрорзода [74], И.А.Аминов [72], А.А.Юсупов [120], М.А.Бобоқулова [63], Н.Б.Комилов [88], Ш.Ш. Саидов [104], А.К. Сафозода [106]. М.М. Каримова [33], Г.М. Махкамова [42] ва дигарон гузоштаанд.

Азбаски соҳибкории занон падидаи нисбатан нав дар илми иқтисод аст, вай ҳамчун як шакли шуғл дар таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои ватанӣ, аз қабили ҷонмамадов Ш.Б. [116], Тағоева, С. С. [52], Асрорзода А.С [62], Рустамзода Р.Р. [70], Комилов Н.Б. [88], қличев З.Р., Бахронова Х.А. [91], Назарова Н. Н. [99], Нуров Н.қ. [100], Раҷабов Б.С. [101], Ризозода Т.Р. [103], Саидов Ш.Ш. [104], Сафаров Ҷ.А., Ашуров Ф.М. [105], Убайдуллозода Ф.У., Қурбонов Ҷ.Н. [110], Холиқов Ш.Х. [115] ва дигарон баррасӣ гардидааст. Боиси зикр аст, ки бо дастрасии соҳибистиқлолӣ, гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ олимони зиёди ватанӣ таҳқиқотҳои худро ба масъалаи рушди соҳибкорӣ равона намуданд.

Чи тавре ки дида мешавад, корҳои илмии олимони иқтисоддони ватанӣ ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ хеле зиёд бошад ҳам, масъалаи рушди соҳибкории занон чун шакли афзалиятноки шуғли занон дар сатҳи минтақавӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

Дараҷаи нокифояи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ва аҳаммияти он дар марҳалаи муосири рушди иқтисодии вилояти Суғд мақсад, вазифаҳо, методология ва сохтори таҳлили соҳибкории занонро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ба барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи дастгирии соҳибкории дохилӣ, инчунин «Барномаи рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқ аст.

Инчунин, рисолаи диссертатсионӣ бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии самти дастгирии шуғлнокии занон пайваста мебошад. Алалхусус, бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021 таҳти рақами №5 "Оид ба грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон дар солҳои 2021-2025", қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 таҳти №167 "Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд бахшида шудааст. Дар кори диссертатсионӣ дар асоси низомбандии муқаррароти илмӣ-назариявӣ оид ба соҳибкории занон ва шуғли занон таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон» пешниҳод гардидааст. Вазъи муосир, тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд арзёбӣ гардида, омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди он муайян карда шудаанд. Ҳамзамон нақши соҳибкории занон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуғл дар иқтисодиёт, таъмини мустақилияти иқтисодии занони соҳибкор ва нақши онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Маҷмуи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории занон, густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамии занон, инчунин истифодаи технологияҳои муосир таҳия гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ва минтақавии дастгирии соҳибкории занон, такмили сиёсати давлатии шуғл ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти рушди соҳибкории занон истифода шаванд.

**Мақсади таҳқиқот** аз ғанӣ гардонидани муқаррароти илмӣ-назариявии рушди соҳибкорӣ ҳамчун низоми муосир дар баланд бардоштани сатҳи шуғли занон, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмил ва густариши шуғли занон тавассути ниҳоди соҳибкорӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба ҳадаф ва ифшои мубрамияти мавзӯъ ба андешаи мо, иҷрои чунин вазифаҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1) Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва институтсионалии шуғл ва соҳибкории занон дар илми иқтисод;

2) Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди шуғл ва соҳибкории занон дар вилояти Суғд;

3) Муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон ва асоснокккунии илмии роҳҳои идоракунии он;

4) Таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба рушди соҳибкории занон ва таҳкими таъминоти молиявии он дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иқтисодие, ки бо рушди соҳибкорӣ ҳамчун ниҳоди асосии афзоиши шуғли занон дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа алоқаманд аст, мебошад.

**Предмети таҳқиқот** ҷараёни ташаккул ва инкишофи механизми соҳибкорӣ дар баланд бардоштани сатҳи шуғли занон дар вилояти Суғд мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Пешбинӣ мегардад, ки ҷалби занону бонувон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рушди иқтисодиёти муосири ватанӣ имконият фароҳам меоварад, то ки дар байни занон сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, мушкилоти дар соҳаи шуғли занон дар иқтисодиёти вилояти Суғд буда ҳаллу фасл гардида, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа имкониятҳо ба миён оянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба муқаррарот ва консепсияҳои назарияи соҳибкорӣ, назарияи рушди соҳибкории занон, назарияи

рушди минтақавӣ, назарияи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, назарияҳои гендерӣ дар иқтисодиёт, инчунин равишҳои илмии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодмёти минтақа асос ёфтаанд. Дар асосноккунии муқаррароти назариявии диссертатсия ба корҳои бунёдии иқтисодшиносони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба назария ва амалияи соҳибкорӣ, маводи таҳлилии нашрияҳои даврӣ ва маҷмуаҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

**Асоси методологии тадқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гузошташуда усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ, усули омӯзиши омилҳо, пурсишнома, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар вилояти Суғд, шуъбаи омори Раёсати омор ва бюллетени омории Бонки миллии Тоҷикистон, маводи таҳлилӣ, ки дар нашрияҳои даврии байналмилалӣ нашр гардидаанд ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд. Инчунин, дар диссертатсия маълумотҳое, ки дар гузоришҳои СММ, Бонки умумиҷаҳонӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии вилояти Суғд нашр шудаанд, истифода шудааст.

Дар робита ба рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва гузаштан ба шакли рақамии пешниҳоди иттилооти таҳлилӣ, муаллиф дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ барои ба даст овардани иттилооти нав аз сарчашмаҳои электронӣ ва интернетӣ ба таври васеъ истифода кардааст.

**Заминаи ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро** низомномаҳо ва барномаҳои давлатӣ, созишномаҳо, шартномаҳо, протоколҳои гуногун ташкил мекунад, ки ба ҳимояи манфиатҳо ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, инчунин мусоидат ба шуғли занон нигаронида шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба дастгирӣ ва густариши соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосие, ки **унсурҳои навгониҳои илмиро** ифода мекунанд, инҳоянд:

1) Дар асоси таҳқиқи таҳаввулоти назариявӣ-методологии соҳибкории занон, мазмуни иқтисодии ин мафҳуми иқтисодӣ муайян карда шудааст, ки тибқи он соҳибкории занон ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар асоси ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занон дар раванди ташкили фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида, худтатбиқнамоӣ ва таъмини мустақилияти иқтисодии онҳо дар ҷомеа ташаккул меёбад, тавсиф дода шудааст.

2) Заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти муосир асоснок карда шудаанд, ки маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва психологиро дар бар гирифта, нақши соҳибкориро ҳамчун самти афзалиятноки таъмини шуғли занон ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии онҳо дар рушди минтақа муайян менамоянд.

3) Дар асоси таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ вазъи муосир, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд ошкор гардида, исбот шудааст, ки рушди соҳибкории занон ба баланд шудани сатҳи шуғли занон ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири назаррас мерасонад; дар асоси таҳлили омилӣ таъсири хусусиятҳои демографии минтақа, муҳоҷирати меҳатии мардон, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ба фаъолнокии соҳибкории занон аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ гардидааст.

4) Маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд муайян ва

илмӣ асоснок гардида, дар ин замина тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон пешниҳод шудаанд, ки ба густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир равона карда шудаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

- таҳия гардидааст: тарифи муаллифии «соҳибкории занон» дар асоси низомбандии муқаррароти илмию назариявӣ оид ба предмети таҳқиқот. Моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст; консепсияи илмӣ пешниҳод гардидааст, ки тибқи он рушди фаъолияти соҳибкории занон ҳамчун шакли самараноки шуғли онҳо, ки ба ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва гендерӣ асос ёфтааст, баррасӣ мегардад.

- муайян карда шудааст, ки ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии кофеъ дорад ва дар асоси ин модели институтсионалии рушди соҳибкории занон дар минтақа асоснок карда шудааст;

- исбот карда шудааст, ки байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занон дар вилояти Суғд робитаи мустақим ва мусбати қавӣ мавҷуд буда, афзоиши шумораи соҳибкорзанон ба баланд гардидани сатҳи шуғли занон мусоидат менамояд; дар асоси таҳлили омилӣ хусусиятҳо, тамоюлҳо, қонуниятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд ошкор карда шудааст;

- пешниҳод гардидааст: маҷмуи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳлили амиқи тамоюлҳои рушди шуғли занон ва соҳаи соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян кардани омилҳои рушди соҳибкории занон дар сатҳи минтақа ифода меёбад.

**Ахаммияти амалии таҳкикот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои илмию

амалии дар диссертатсия пешниходшударо вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии рушд ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа, баланд бардоштани шуғли занон, фаъол гардонидани занон дар соҳаи соҳибкорӣ, инчунин мутобиқгардонии фаъолияти занон дар шароити муосир нигаронида шудаанд, метавонанд самаранок истифода баранд. Интишороти муаллиф ва маводи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими курсҳои махсуси фанҳои тахассусӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифи рисола аз самтҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти фундаменталии назариявии илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳодшуда ва асоснокшуда оид ба масъалаҳои баррасишаванда истифода кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ): 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 3. қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, миқёси фаъолият: намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолот, тиҷорат, молиявӣ ва ғайра); 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳалаҳое, ки истифодаи

онҳоро барои такмил ва рушди соҳибкории занон имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад. Умуман, таҳқиқоти диссертатсионӣ кори мустақилонаи довталаб мебошад, ки ба таҳқиқоти илми иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин масъала асос ёфтааст. Пешниҳодҳои асосии назариявии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар бар мегиранд, шахсан муаллиф таҳия намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти рисолаи мазкур аз ҷониби муаллиф дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ чоп гардида, конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва минтақавӣ баён гардидааст. Аз ҷумла дар конференсияи илмию амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Пешомадҳои рушди макроиқтисоӣ ва тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда” (Душанбе, 2016); конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ «Тоҷикистон ва олами муосир: масъалаҳои мубрами рушди иқтисодӣ ва инноватсионӣ» (Душанбе, 2018); конференсияи илмию амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024); конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ “Пайём - раҳнамои миллат” (Душанбе, 2024); Форуми байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои таъмини рушди устувори сайёҳиву соҳибкорӣ ва иқтисоди сабз» (Душанбе, 2025)

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи рисолаи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи конференсияи байналмиллӣ ва анъанавии донишгоҳӣ нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар ҳаҷми 185 саҳифа оварда шуда, 33 ҷадвал ва 2 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН

## 1.1. Консепсияҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи соҳибкории занон дар илми иқтисодӣ

Тағйироти амиқи сохторие, ки дар ҷомеаи муосир ба вуқуъ мепайвандад, боиси тағйир ёфтани нақши зан ва муайянкунандаи мавқеи иҷтимоии ӯ гардидааст. Рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷалб намудани занон ба соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла соҳибкорӣ гардид. Дар таҳқиқоти махсуси СММ, ки дар самти таъмини баробарии гендерӣ гузаронида шудааст, оид ба моҳияти соҳибкории занон чунин таъкид мегардад: «Соҳаи соҳибкорӣ яке аз намудҳои муҳимтарини фаъолият буда, масъалаҳои фарогирии занон ба он хеле мубрам гардидааст» [19]. Новобаста аз он, ки дар илм ва амалияи иқтисодӣ бахшида ба омӯзиши моҳият ва мафҳуми «шуғли занон» ва «соҳибкорӣ» корҳои илмию таҳқиқотии зиёд мавҷуд аст, вале баҳсу муҳокима дар бораи моҳияти ин мафҳум то ҳол идома дорад. Бинобар ин, мо ба таҳлили истилоҳоти “шуғл”, “шуғли занон” ва “соҳибкорӣ бештар таваҷҷуҳ намудем.

Тавре ки олимони ватанӣ қайд менамоянд «Дар давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини шуғли аҳолӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарини давраи ҳозираи рушди кишвар мебошад. ... Дар ҳалли ин масъала рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намудааст. Бинобар дар оянда ба масъалаи номбаршуда бояд диққати бештар дода шавад» [72,6]. Шуғл ҳамчун маҷмуи муносибатҳои марбут ба иштироки шахс дар фаъолияти истеҳсолӣ фаҳмида мешавад, ки чун манбаи даромад амал намуда, стандарт ва сифати зиндагии шоистаро таъмин мекунад [76, 156].

Мувофиқи ақидаҳои муҳаққиқи ватанӣ Холиқов Ш.Х. «Тағйироти имрӯзаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бояд ба ташаккули бозори нави меҳнат оварда расонад, ки дар он меҳнат ҳамчун мол дар асоси

созишномаҳои шарикӣ бо истифода аз усулҳои нави таҳқиқи муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун: муносибатҳои давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ ва корпоративӣ мубодила карда шавад» [115]. Ҳамчунин, «меҳнат на танҳо сатҳи зиндагӣ ва даромади шаҳрвандонро таъмин мекунад, балки механизми тавонои ба вуҷуд овардани заминаи сарвати миллӣ ва ММД-и давлат мебошад» [115].

Дар ин бора олимони ватанӣ Ҷонмамадов Ш.Б. ва Назарзода Н.М. дуруст қайд менамоянд, ки «меҳнат аз худи инсон ҷудонашаванда аст ва ҳамчун шакли фаъолияти ҳаётӣ мебошад. Аз ин нигоҳ, дар ҷомеаи озоди сиёсӣ ва иқтисодӣ меҳнат ҳамчун объекти хариду фуруш баромад карда наметавонад, зеро ки озодии иқтисодӣ ва сиёсӣ шарти зарурии амалигардонии хоҷагии бозорӣ мебошад» [116, 67].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки инсон тавассути фаъолияти меҳнатӣ дар истеҳсол ё хизматрасонӣ иштирок намуда, барои худ манбаи даромад пайдо мекунад. Ин даромад ба шахс имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти зиндагии худро қонеъ намуда, сатҳи муайяни сифати зиндагӣ ва некӯаҳволӣ дошта бошад. Аз ин нуқтаи назар, шуғл на танҳо фаъолияти иқтисодӣ, балки унсури муҳимми таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад. Дуюм, тавассути фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон молу хизматрасониҳо истеҳсол мешаванд, ки онҳо қисми муҳимми Маҷмуи маҳсулоти дохилии давлатро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, меҳнат на танҳо ба манфиати шахс, балки ба рушди иқтисодии ҷомеа ва давлат низ хизмат мекунад. Дар ин бобат Холиқов Ш.Х дуруст қайд менамояд, ки «Мафҳуми асосӣ дар назарияи классикии бозори меҳнат, ба монанди ҳамаи назарияҳои дигар, музди меҳнат мебошад. Барои ҷалби қувваи кории иловагӣ, корфармоён музди меҳнатро зиёд мекунанд. Аз ин рӯ, шумораи афзояндаи одамон ба гирифтани ин кор манфиатдор хоҳанд буд. Аммо, афзоиши музди меҳнат боиси афзоиши хароҷоти истеҳсолот мегардад, ки корфармоёнро маҷбур мекунад, ки ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи коргарони кироякро коҳиш диҳанд. Бо паст кардани сатҳи музди меҳҳнат ва, аз ин рӯ, хароҷоти истеҳсолот, корхонаҳо метавонанд

арзиши махсулотро коҳиш диҳанд. Ҳамин тариқ, механизми бозор вазъи бозори меҳнатро ба танзим медарорад» [105].

Олимони ватанӣ Аминов И.А. ва Аминов Ф.И. таъкид менамоянд, ки «масъалаи мувозинатнокии бозори меҳнат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа мебошад, ки бояд барои ҳалли он чораҳои заруриро дидан лозим аст. Роҳи халли ин масъала ҳарчи бештар сохтани ҷойҳои кории нав мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусӣ, аз ҷумла ва корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкории инфродӣ дар таъсиси ҷойҳои корӣ нақши муҳим доранд» [72, 7]. Аз ин рӯ мо таъкид месозем, ки агар шуғл ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамзамон ҳам ба некуаҳволии шахс ва ҳам ба рушди устувори давлат таъсири назаррас расонад, дар ҳалли ин масъалаи низомии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории занон аҳамияти хоса дорад.

Масъалаи шуғл ва бекорӣ яке аз муаммоҳои муҳимтарин ва шадиди иҷтимоӣ буд ва он то имрӯз боқӣ мондааст, ки онро олимону иқтисоддонон мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Асосҳои назариявии назарияи шуғлро дар нимаи дуюми асри XIX классикони илми иқтисод: А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, А. Маршал, Д. Кейнс, М. Фридман, Ф. Хайек, П. Самуэлсон ва дигарон таҳия намудаанд. Ҳар кадоми онҳо масъалаи шуғлро ба таври худ маънидод намудаанд, ки дар натиҷа назарияҳои гуногуни шуғл: классикӣ, неоклассикӣ, марксистӣ, кейнсӣ, монетаристӣ ба вуҷуд омадааст.

Асосгузори мактаби марксистӣ К. Маркс масъалаҳои вобаста ба шуғл ва бекории аҳолиро таҳлил намуда, як қатор андешаҳои назариявиро пешниҳод кардааст, ки онҳо ба се муқаррароти асосӣ такя мекунанд.

Аввалан, назарияи арзиши изофа мавҷуд аст, ки ба омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои қувваи корӣ асос меёбад. Мувофиқи ин назария,

дар иқтисодиёти кишварҳои капиталистӣ қувваи корӣ ҳамчун як намуди махсуси мол баррасӣ мешавад. Яъне коргар қобилияти меҳнатии худро ба корфармо пешниҳод мекунад ва дар иваз барои он музди меҳнат мегирад.

Дуюм, назарияи афзоиши сохтори органикии сармоя мебошад. Тибқи ин андеша, дар раванди истеҳсолот қувваи корӣ арзиши нав ба вуҷуд меорад, ки аз арзиши худи қувваи корӣ бештар аст. Ин фарқият ҳамчун арзиши иловагӣ ба корфармо мерасад. қисми сармояе, ки барои ҷалби қувваи корӣ ва пардохти музди меҳнат истифода мешавад, сармояи тағйирёбанда ном дорад. Таносуби байни сармояи доимӣ (воситаҳои истеҳсолот) ва сармояи тағйирёбанда сохтори органикии сармояро муайян менамояд.

Сеюм, қонуни аҳолӣ мебошад. Ба андешаи Маркс, соҳибкорон барои зиёд кардани арзиши изофа кӯшиш мекунанд, ки арзиши истеҳсоли маҳсулотро кам намоянд. Барои расидан ба ин ҳадаф онҳо бештар ба истифодаи техника ва воситаҳои истеҳсолот рӯ меоранд, ки боиси зиёд шудани сармояи доимӣ мегардад. Дар натиҷа ҳиссаи сармояе, ки барои қувваи корӣ сарф мешавад, кам шуда, талабот ба меҳнати коргарон низ коҳиш меёбад. Аз ҳамин сабаб, новобаста аз афзоиши сармоя ва ҳаҷми истеҳсолот, шумораи коргарони машғулшуда нисбатан суст меафзояд. Дар чунин шароит як қисми аҳолии қобили меҳнат берун аз истеҳсолот мемонад ва ин раванд ба зиёд гардидани сатҳи бекорӣ оварда мерасонад. [39, 309-310].

Доир ба муаммоҳои қувваи кории занон, ки бори аввал дар мактаби иқтисодии марксистӣ, дар асри XIX баррасӣ шуда буд, Ф. Энгелс дар асари худ «Ташаккули оила, моликияти хусусӣ ва давлат» сухан ронда, қувваи кории занонро тавсиф намуд. Ӯ нишон дод, ки иштироки занон дар истеҳсолоти саноатӣ заминаи асосӣ ва шарти аввалиндараҷаи озодии занон мебошад. Энгелс зимни таҳлили таҳаввулоти оила дар давраҳои гуногуни таърихӣ таъкид кардааст, ки «бо рушди тақсимоти меҳнати берун аз хона, занон аз кори хона озод мешаванд» [40, 626].

Масъалаи шуғли аҳолӣ дар асарҳои илмии пайравони мактаби классикии иқтисодӣ низ баррасӣ шудааст. Дар ин самт асосгузорони назарияи классикӣ (А. Смит, Д. Рикардо ва Ж. Б. Сей) исбот кардаанд, ки таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат шуғлро муайян мекунад, ки дар он коргарон таъминоти доимии меҳнатро дарк мекунанд ва корфармо ба онҳо талаботро ба вуҷуд меорад. Намояндагони мактаби классикӣ аввалин маротиба мафҳуми «шуғли пурра»-ро ба миён гузоштанд, ки маънои истифодаи тамоми захираҳои меҳнатиро дорад. Ба андешаи иқтисоддони маъруфи мактаби классикӣ А. Смит, ҳолати шуғли пурра дар иқтисод он вақт ба амал меояд, ки дар шароити бозори рақобатпазир миёни талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он тавозун ба вуҷуд ояд [50, с.78]. Ҳамчунин, ҷонибдорони назарияи классикӣ бар он назаранд, ки иқтисоди бозорӣ механизми худтанзимкунӣ дорад ва барои шуғли пурраи аҳолӣ саъй мекунад. Аз ин рӯ, давлат набояд ба бозори меҳнат дахолат кунад.

Ҳам тарафдорони мактаби классикӣ ва ҳам тарафдорони мактаби неоклассикӣ А.Маршалл, Д.Робертсон, А.Пигу, Г.Клей ва дигарон чунин мешумориданд, ки механизми бозории танзими иқтисодиёт хусусияти мустақилона пешгирӣ намудани бекории оммавӣ ва барқароркунии пурраро дорад. Мувофиқи гуфтаҳои Алгада Х. «ақидаи неоклассикон бо он фарқ мекард, ки онҳо мавҷуд набудани корро як зуҳуроти зарурие қабул мекарданд, ки барои таъмини гардиши аҳолии қобили меҳнат зарур аст» [71, 9]. Ҳамзамон, ба андешаи онҳо, бекорӣ ихтиёрӣ мебошад.

Дар адабиёти илмии ватанӣ қайд мегардад, ки «буҳрони молиявию иқтисодии даҳсолаҳои охир ба пайдоиши захираҳои меҳнатии барзиёд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда расонид, ки оқибатҳои махсуси худро доранд ва таҳлилу баҳодиҳии истифодаи аҳолии қобили меҳнатро металабанд. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили равандҳои инкишофи шуғл ва бозори меҳнат як қатор омилҳои минтақавӣ, аз қабили сатҳу рушди махсусгардонии минтақавӣ, анъанаву фарҳанги миллати тоҷикро ба назар бояд гирифт» [101, 121]. Дар ҳақиқат “Буҳрони бузург”-и аввали

асри XXI, ки бухрони шадиди молиявӣ буд, дар аксари кишварҳои тараққикардаистода, аз он ҷумла дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси бекории оммавӣ дар байни аҳолӣ гардид. Дар натиҷа, самтҳои нави консептуалии рушди бозори меҳнат ба вуҷуд омадаанд, ки дар он рушди соҳибкории хурду миёна, аз он ҷумла соҳибкории зонон мавқеи хосаро пайдо намуд.

Шарҳи нави ин сохтори бозори меҳнатро асосгузори назарияи кейнсианӣ Ҷ.М.Кейнс пешниҳод карда, иброз намудааст, ки мавҷудияти бекорӣ номукаммал будани механизми танзими мустақилонаи бозори меҳнатро тасдиқ мекунад ва аз ин бармеояд, ки давлат бояд ба иқтисодиёт дахолат кунад, ба ин васила ӯ консепсияи неоклассикиро танқид намуд. Хусусияти дигари муҳимми ақидаҳои намояндагони мактаби кейнсианӣ нисбат ба ҳалли масъалаҳои бозори меҳнат аз он иборат буд, ки мақсади асосии танзими давлатии бозори меҳнат ноил шудан ба шуғли пурра мебошад.

Минбаъд, ҷонибдорони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ консепсияи Ҷон Мейнард Кейнсро барои он сахт интиқод карданд, ки татбиқи назарияи ӯ дар амалия ба норасоии чандирии бозори меҳнат оварда расонд, ки ба ташаккули тамоми хоҷагии халқ халал расонида буд. Консепсияи назариявӣ ва методологии ин самт, ки асоси онро мактаби иқтисодии неоклассикӣ ташкил медод, баъдан сабаби муттаҳидшавии бисёре аз иқтисоддонон дар мактаби бо ном «танқиди неоконсервативӣ» шуд. Намояндагони мактаби монетаристӣ Ф.Хайек, М.Фридман, Э.Фелпс аз ғояҳои ноил шудан ба шуғли пурра даст кашида, ба илми иқтисод мафҳуми нав - «сатҳи табиии бекорӣ»-ро ворид карданд, ки зарурати танзими давлатии меҳнатро дар назар дошт.

Дар мақолаи муҳаққиқи ватанӣ дуруст қайд карда мешавад, ки «соҳибкорӣ, ки бо мафҳумҳои ташаббускорӣ, масъулиятнокӣ, навоварӣ, ҳосилнокии баланд алоқаманд аст, на танҳо ҷараёни пешрафт ва рушдро суръат медиҳад, балки дар эҳёи ғояҳои сершумори нав, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар нигаронида шудаанд, нақши муҳим мебозад» [100].

Аз ин гуна хусусияти мафҳуми соҳибкорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки асосҳои методологӣ ва назариявии фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди мактаби неоклассикӣ ва институтсионалии муосир ба вуҷуд омадааст.

Як гурӯҳ иқтисоддонони Донишгоҳи Чикаго, ки бо ақидаҳои радикалии монетаристии худ маъруф буданд, изҳор доштанд, ки хоҳиши ба даст овардани фоидаи бештари шахс дар асоси ҳама падидаҳо, аз ҷумла муносибатҳои байнишахсӣ қарор дорад. Дар асоси ин, намояндаи назарияи мазкур, барандаи ҷоизаи Нобел дар самти иқтисод Гарри Беккер кӯшиш кард, бифаҳмад, ки чаро барои як кор занон нисбат ба мардон камтар музд мегиранд. Ба ақидаи ӯ, ин ҳолат, аз як тараф, аз истисмори занҳо шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар, пардохти маблағи пасти музди кори занон дар бозор мебошад. Г.Беккер инро чунин шарҳ додааст, ки азбаски зан ҳиссаи назарраси вақти холии худро ба корҳои рӯзгор (нигоҳубини кӯдакон, пухтупаз, рӯбучин ва ғайра) мебахшад, мутаносибан ҳамаи ин ӯро хаста мекунад ва аз ин рӯ, маълум аст, ки вай дар муқоиса ба мардон самаранок кор намекунад. Бинобар ин, занон сазовори маоши камтар гардидаанд. Ҳарчанд ин гуна баҳодиҳӣ нисбат ба занон ноодилона ва чандон боварибахш набуд, аммо бисёр олимони иқтисоддон бо он розӣ буданд. Ҳамчунин, дар ибтидои солҳои 70-ум олимони амрикоӣ ба илми иқтисод истилоҳи нави «мақоми зан»-ро ворид карданд, ки ба арзёбии мавқеи занон дар заминаи чунин меъёрҳо асос ёфтааст:

- сиёсӣ (сатҳи иштироки занон дар қабули қарорҳои идоракунӣ муайян карда мешавад);

- ғоявӣ (баҳодиҳии ғояҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бораи фарқҳои гендерӣ ва сиёсати стандартҳои дугона нисбат ба занон дар ҷойи кор);

- иҷтимоӣ (муайян кардани хусусиятҳои тақсимоти кори ҳаррӯзаи хоҷагӣ байни занону мардон ва самтҳои шуғли занон);

- иқтисодӣ (ҳиссаи пулӣ ба буҷети оилавӣ, саҳм ба иқтисодиёти миллӣ, мукофотпулӣ).

Ба андешаи рӯзноманигори шведӣ К.Марлес, «иқтисоди ҷаҳонӣ дар асоси чунин ақидае сохта мешавад, ки ҳамаи одамон мардонанд». Дар китоби худ «Кӣ Адам Смитро омода кард? Занон ва иқтисодиёти ҷаҳон» муаллиф масъалаи нодида гирифтани саҳми занон дар иқтисодиётро баррасӣ мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки дар рушди назарияҳои иқтисодӣ нақши занон аксаран ба назар гирифта намешавад. Ба андешаи ӯ, ҷанбаҳои гендерӣ аҳаммияти калон доранд, зеро то имрӯз қисми зиёди корҳои хонагӣ ва нигоҳубини оила аз ҷониби занон бе гирифтани музд иҷро карда мешавад. Бо вуҷуди он ки чунин фаъолият барои таъмини некуаҳволии ҷомеа ва иқтисоди кишвар аҳаммияти муҳим дорад, он одатан дар ҳисоботи оморӣ ва нишондиҳандаҳои расмии иқтисодӣ инъикос намеёбад.

Аз нимаи дуюми асри XX дар Аврупо ва Амрико таҳқиқот ҷиҳати муайян кардани сабабҳои муваффақияти фаъолияти касбии мардону занон, қобилият ва салоҳияти онҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолият вусъат ёфт. Аз ҷумла дар таҳқиқоти Петерсон, Доу ва Кислер маҳорати мардон ошкоро аз ҳад зиёд арзёбӣ шуда, қобилияти зан ноодилона арзёбӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, онҳо ба хулосае омаданд, ки нокомӣ дар фаъолияти касбӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад ва он вобаста аз он аст, ки муваффақият ё нокомӣ воқеаи ғайричашмдошт ё интизорӣ аст [29, 143].

Мафҳуми «шуғл», ки ҳам дар илми иқтисодии муосири ватанӣ ва ҳам дар давлатҳои дигар истифода мешавад, тафсири васеъ дорад, ва он ҳама намуд ва шаклҳои шуғли коргаронро дар бар мегирад. Дар ҷадвали 1.1. тафсирҳои гуногуни истилоҳи «шуғл», ки дар асарҳои олимон - иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода мешаванд, оварда шудааст.

Тибқи нишондоди шарҳи мафҳуми «шуғли аҳолӣ», дар таърифҳои гуногуни шуғл, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ истифода мешаванд, ихтилоф ба назар мерасад, зеро шарҳу тафсири он гуногун буда, бештар бо назардошти сатҳи рушди инсонӣ, қонеъ гардонидани ниёзҳо, ба вуҷуд

овардани неъматҳои моддию маънавӣ, ба вуҷуд овардани даромад ва ташаккули захираҳо ва ғайра пешниҳод мешаванд.

**Ҷадвали 1.1. - Шарҳи мафҳумҳои «шуғли аҳолӣ» дар илми иқтисодии муосир**

| Сарчашма | Таъриф |
|---|---|
| Бреев Б.Д. | Шуғл падидаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҷузъи мураккабтарини истеҳсолоти ҷамъиятист |
| Т.В. Зинкевич. | Шуғли аҳолӣ маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба иваз намудани ҷойҳои кории мавҷуда мебошад. Шуғли меҳнат дараҷаи бо кор таъмин будани аҳолии қобили меҳнатро инъикос мекунад. |
| Красин Е. | Муносибатҳои иҷтимоии байни одамон, пеш аз ҳама иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, вобаста ба шомил кардани коргар ба кооператсияи мушаххаси меҳнатӣ дар ҷойи кори мушаххас мебошад. |
| Волгина Н.А. | Шуғл маҷмуи муносибатҳои марбут ба иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ буда, дараҷаи фарогирии онро бо меҳнат, сатҳи қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ ба кормандон ва талаботи шахсӣ, ҳавасмандӣ ба ҷойҳои кории музднок ва ба даст овардани даромадро ифода мекунад. |
| Гаги В.А. | Шуғл маҷмуи муносибатҳои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ буда, андозаи бо меҳнат фарогирии он, дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятиро ба кормандон ё талаботи дигар, ҳавсмандии шахсро ба ҷойҳои кории музднок, ба гирифтани даромад ифода мекунад. |
| Рофе, А.И. | Шуғл - ҳолати қисми аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ мебошад, ки бо мавҷудияти кори ё шуғли даромадноки қонунӣ, яъне ба қонунгузории амалкунанда ихтилоф надоштаи одамон ба тавсиф мешавад. Бо суханони дигар шуғл таъминнокии одамон бо кори аз лиҳози ҷамъиятӣ зарурӣ мебошад, ки ба онҳо музд, даромади меҳнатӣ меорад. |
| Карян Ю.С. | Шуғл - маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сохтори соҳавии хоҷагии халқ мебошад, ки бо таъсири системаи омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда шуда, ҳуқуқи аҳолии қобили меҳнатро барои анҷом додани фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ таъмин менамояд, хилофи қонунгузории Федератсияи Россия набуда, мақсади ба вуҷуд овардани неъматҳои моддию маънавӣ ва худшиносии иҷтимоии шахсро дорад. |
| Фикри муаллиф | Шуғли аҳолӣ (занон) ҷараёни ҷалб ва истифодаи самараноки нерӯи кории қобили меҳнат дар бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмии иҷтисодиёт мебошад, ки бо таъмини даромади устувор ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамоҳанг аст. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [32, с.163], [86, с.96-98], [90, с. 355], [49, с.18], [58, 58], [48, 159], [67, 45]

Ҳарчанд истилоҳи «шуғли занон» мушаххасоти истилоҳи умумии «шуғл» бошад ҳам, ибора мазмуни худро дорад. Дар ин бобат, байни асарҳои илмии иқтисоддонони академии рус, ки ба омӯзиши иштироки

занон дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ бахшида шудаанд, асарҳои С.Г. Струмулин, ки роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии меҳнати занонро дар истеҳсолот муайян кардааст, ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Мавсуф сохтори шуғли занонро дар иқтисодиёт муайян намуд ва дар асоси ин мувозинат қувваи корро аз рӯйи ҷинсият тартиб дод.

Ба андешаи Ражнева Н.Ю., «хусусиятҳои асосии шуғли занон пайвастани кори хона бо фаъолияти касбӣ; афзоиши эҳтиёҷ ба танаффус дар кор; сарбории дукарата (хона ва касбӣ); маҳдудиятҳо ҳангоми интихоби ихтисос ва ҷойи корро (дар асоси хусусиятхои физикию физиологӣ)» [69, 18] дар бар мегирад. Ҳамчунин, қайд намудан ҷоиз аст, ки «шуғли занон» метавонад ҳамчун маҷмуи муносибатҳои марбут ба иштироки корманд – ҳомили вазифаи махсуси репродуктивӣ (фарзандӣ) муайян карда шавад.

Олими ватанӣ дар самти шуғли занон чунин таъкид менамояд, ки «дар даврони истиқлоли давлатӣ ба фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, барои ҳифз ва эҳёи анъанаҳо, хунарҳо ва ҳунарҳои сирф мардумии тоҷикӣ, ки бо сабабҳои гуногун дар арафаи нобудшавӣ қарор доштанд, иқдомҳои гуногун оғоз карда шуданд. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас исбот мекунад, ки эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба шуғли занон алоқаманд аст, аз қабили сӯзанидӯзӣ, зардеворӣ, рӯймол, дастпӯш, сачоқ, кӯрпа, гаҳворапӯш ва чойникпӯш, болишҳои гулдӯзӣ , қолинҳои дастӣ, гулдӯзӣ айни замон дар марҳилаи эҳёву ташаккулёбии пурра қарор доранд» [114]. Бешубҳа, дар шароити муосир хунарҳои мардумӣ дар ҷоннок гардидани фаъолияти соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самти муҳим баромад мекунад ва ин бевосита ба афзоиши шумораи соҳибкорзанон дар ҷумурӣ оварда расонидааст.

Н.Кунгурова ҳангоми омӯзиши масъалаи шуғли занон фарқи байни «шуғли занона» ва «шуғлнокии занон»-ро ба таври зерин баён мекунад: «Шуғлнокии занҳо ҳамчун тақсимоти занон аз рӯйи соҳаҳо, самтҳо, истеҳсолот ва касбҳое, ки ба онҳо мувофиқ аст, фаҳмида мешавад.

Хусусиятҳои истифодаи меҳнати занон ва “шуғли занон” татбиқи амалии меҳнати занонро инъикос мекунанд» [37, 166].

Олими дигари иқтисоддон Ю.А.Ражнева шарҳи муосири мафҳуми шуғли занонро пешниҳод намудааст: «шуғли вобаста ба истифодаи меҳнати занон, ки аз фаъолияти меҳнатии онҳо на танҳо ҳамчун зарурати иқтисодӣ, балки чун воситаи ифодаи худи шахсияти зан ва инкишофи ӯ иборат буда, он дар ин марҳала самараи бештари иҷтимоию иқтисодӣ медиҳад» [69].

Дар тадқиқоти худ, ки натиҷаҳои онро мо дар маҷаллаи “Осиё ва Аврупо”-и Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии Тоҷикистон нашр карда будем, хусусиятҳои муҳимми шуғли занон дар ҷумҳурӣ муайян карда шуданд, ки ба онҳо «ҷалби аксарияти занон ба меҳнати ҷамъиятӣ вобаста ба талаботи марҳилаи баъдииндустриалии рушди ҷомеа, зарурати нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули зиндагӣ барои оила, манфиатҳои худи занон; тамоюли афзоиши афзалияти меҳнати баландихтисоси занон, ки ба таҳкими мавқеи онҳо дар соҳаи шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад; ташаккули модели тағйирпазири шуғли занон, ки дар кишварҳои пешрафта боиси бартарияти занҳое гардид, ки барои онҳо таҳсилот ва касбу кор аз оила ва фарзанддорӣ камтар аҳаммият надоранд; тағйирёбии тафриқаи гендерӣ дар системаи меҳнати ҷамъиятӣ, ки дар норавшан шудани хатти байни соҳаҳои суннатии фаъолияти мардонаю занонаи татбиқи меҳнат зуҳур мегардад. Дар таъмини шуғли занон омили ба истилоҳ тақсимоти гендерии меҳнат таъсири бузург дорад. Ба андешаи мо, ба «мардона» ва «занона» тақсим шудани касбҳо бо мавҷудият ё набудани қобилияти равонӣ ва сифатҳои кордонӣ шарҳ дода намешавад, балки натиҷаи дидгоҳҳои суннатӣ ба нақшҳои иҷтимоии зану мард аст. Инро он далел тасдиқ мекунад, ки маҷмуи касбҳои маъмулан "мардона" ва "занона" аксар вақт дар кишварҳои гуногун яксон нестанд. Дар ин маврид ғояҳо дар бораи даромаднокӣ ва обрӯю эътибор бартарӣ доранд. ҳамин ки ҳар як кор сода гардад, обрӯю эътибор ва даромаднокиаш паст шавад,

«занона» мешавад. Феминизатсияи касбҳо мақоми пасти ин намуди касбҳо, даромади шахсии пастро пинҳон мекунад» [3-М, 157-156].

Дар маҷмӯъ дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса намудан мумкин аст, ки ду категорияи иқтисодии дидабаромадашудаистода - «шуғл» ва «соҳибкорӣ» ҳамчун падидаҳои мутими иқтисодиёт, ки боҳамдигар алоқамадии зич доранд, баромад мекунанд. Тавре ки Ражнева Н.Ю. қайд менамояд, «азбаски шуғли занон мушаххасгардонии мафҳуми шуғли аҳолӣ мебошад, байни онҳо фарқиятҳо мавҷуданд ва хусусияти фарқкунандаи ин тафсирҳо дар он ифода меёбад, ки мафҳуми шуғли занон хусусияти физиологӣ ва ҷисмониро ба назар мегирад» [69].

Дар давоми фасли мазкури диссертатсия мо мафҳуми «соҳибкориро» дида мебароем, зеро ин яке аз масъалаҳои муайяншудаи тадқиқот баромад мекунад.

Истилоҳи «соҳибкорӣ» мафҳуми бисёрҷанба буда, олимони иқтисоддон вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни ин падида таърифҳои гуногун пешниҳод карданд. Ин маънои онро дорад, ки муаммои соҳибкорӣ дар доираи илмҳои гуногун баррасӣ ва таҳлил карда мешавад. Мо дар таҳқиқоти худ кӯшиш кардем, ки шарҳи мафҳуми «соҳибкорӣ»-ро, ки дар асарҳои олимони иқтисоддон оварда шудаанд, низомбандӣ кунем.

Тарафдорони назарияи классикии иқтисодӣ аввалин шуда ба илми иқтисодӣ мафҳуми «соҳибкорӣ»-ро ворид карданд, ки муаллифи он Р.Кантилион мебошад. Р.Кантилион дар натиҷаи тавсиф ва умумисозии минбаъдаи муҳтавои фаъолияти касбии ашхоси алоҳида (аз ҷумла деҳқонон, косибон, савдогарон, дӯзандагон, ҳуқуқшиносон, олимон, рассомон ва ғ.), ки ҳамеша дар фаъолияти кории худ ба хавф дучор мешаванд, ба хулосаи зерин омадааст: «Соҳибкорон даромаде мегиранд, ки маблағи он пешакӣ маълум нест, ин дар ҳолест, ки коргарон маоши муқарраршударо мегиранд» [125]. Чунон ки дар боло зикр гардид, Р.Кантилион тоҷирон, деҳқонон, нонвойҳо, косибон, баққолҳо, дӯзандагон, инчунин рассомон, ҳуқуқшиносон, олимонро ба соҳибкорон дохил намудааст, зеро ба ақидаи ӯ, онҳо ҳамчун соҳибкор эътироф

шудаанд. Сабаби шарҳи ин мафҳум дар он аст, ки одамон омилҳои истеҳсолотро бо нархи пешакӣ маълумшуда мехариданд, дар ҳоле ки даромади худро аз меҳнати худ пешгӯйӣ карда наметавонистанд, ки дар ин маврид истифодаи омилҳои харидашудаи истеҳсолот пешбинӣ шудааст. Аммо, дар баробари ин, ӯ дар бораи характери таваккал ва номуайянӣ сухан нагуфта, онҳоро ҳамчун додашуда ҳисоб мекард.

Иқтисоддони фаронсавӣ, намояндаи мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ Ж.Б.Сей мафҳуми «соҳибкор»-ро чунин шарҳ медиҳад: «Соҳибкорон шахсоне мебошанд, ки баробар дар бораи таносуби оптималии омилҳои истеҳсолот қарор қабул мекунанд, кори идоракуниро иҷро мекунанд ва сифатҳои роҳбариро зоҳир мекунанд» [48, 78]. Ба андешаи Ж.Б. Сей, вазифаи асосии соҳибкор ин идоракунии омилҳои истеҳсолӣ (замин, сармоя, омили инсонӣ, инчунин донишҳои илмии барои ташкили раванди истеҳсолот зарурӣ) мебошад.

Асосгузори мактаби марксистӣ Карл Маркс дар асоси назарияи меҳнатии арзиши Адам Смит соҳибкорро ҳамчун капиталисте медонист, ки ба воситаи истифодаи меҳнат сармояи худро ба ташаккули арзиши изофа (фоида) равона мекунад. Ба андешаи ӯ, азбаски сармоя раванди мустақилонаи афзоиши арзиш аст, пас мувофиқи он: «... мақсади пешбаранда ва муайяни истеҳсолоти капиталистӣ, шояд, бештар худафзоиши сармоя бошад» [40, 626]. Дар ин самт К.Маркс аввалин шуда нишон дод, ки ҳадафи зиёд кардани сармоя бо зиёдшавии воқеии он дар раванди танзими истеҳсолот ба ҷудо шудани нақши капиталист аз нақши коргари кироя боис мегардад. Ба фикри ӯ, капиталист то даме ки вай дар ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии сармоя бошад, соҳибкор аст.

Йозеф Шумпетер барои муайян кардани моҳияти «соҳибкорӣ» муносибати дигарро пешниҳод кард. Ба андешаи ӯ, соҳибкор шахсест, ки неъматҳои нав ба вуҷуд меорад, инчунин рушди технологияро таъмин мекунад. Аз таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ чунин бар меояд, ки «меъёри иқтисоди солим, асоси воқеияти назария ва амалияи иқтисодӣ мувозинат

ё оптимизатсия нест, балки номутаносибии динамикӣ мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкори навовар ба амал омадааст. Нақшаи умумии рушди иқтисодии ҷомеа, ба ақидаи ӯ, чунин менамояд: «мувозинат»-и иқтисодиёт - вайрон кардани «мувозинат»-и иқтисод дар натиҷаи татбиқи инноватсия. Й. Шумпетер дар таҳқиқоти худ аз робитаи байни соҳибкорӣ ва номуайянии динамикӣ истифода мекард» [105]. Фаъолияти соҳибкор дар шакли ташаккули мол ё хизматрасониҳои нав, ташкили истеҳсоли мол ё пешниҳоди хизматрасонӣ, усулҳои истеҳсолот, бозор, манбаъҳои ашёи хом ва захираҳо амалӣ мегардад, ки дар натиҷаи он бозор ҳолати мувозинатро тарк мекунад. Дар ин сурат аз ҳисоби харидороне, ки ба харидани ин намудҳои мол афзалият медиҳанд, сохтори бозор тағйир меёбад ва иқтисодиёти миллӣ аз ҳолати мувозинат мебарояд. Тавре ки аз тарафи иқтисоддонони ватанӣ қайд карда мешавад, ин ба рушди соҳибкории инноватсионӣ оварда мерасонад. Мувофиқи ақидаи онҳо «маҳсулоти инноватсионӣ - раванди азнавнамоии иқтидори фурӯши корхона, зиёд шудани ҳаҷми даромад, васеъ гардидани саҳм дар бозор, нигоҳдории мизоҷон, мустаҳкам намудани мустақилият, муҳайё сохтани ҷойҳои нави кориро дар худ инъикос менамояд» [110].

Дар ин самт, соҳибкор пайваста дар ҷустуҷӯйи донишҳои нав ва роҳҳои имконпазири татбиқи ин донишҳо ва тақсимоти фоида фаъолияти худро ба роҳ мемонад [57, 202]. Ба андешаи аксари олимони иқтисоддон дар байни тафсирҳои «соҳибкорӣ», консепсияи Й.А. Шумпетер аз ҳама маъмултарин мебошад.

Иқтисоддонони рус ҷанбаи иқтисодии соҳибкориро баррасӣ намуда, онро ҳамчун варианти беҳтарини ихтиёрдории захираҳои соҳибкорӣ, ки фоидаи бештарро таъмин мекунад, муаррифӣ мекунанд. Ин мафҳум танҳо як тарафи фаъолияти соҳибкорӣ – ҷанбаи молиявиро дар назар дорад, зеро дар ин ҳолат мақсади соҳибкор гирифтани фоидаи бештар аз фурӯши молҳо (хизматрасонӣ, корҳо) мебошад.

Аксар вақт олимони рус барои муайян кардани моҳияти соҳибкорӣ ба равиши анъанавӣ афзалият медиҳанд. Ин равиш пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти илмии иқтисоддонони хориҷӣ, ки то нимаи асри XX сурат гирифта буданд, ба асарҳои илмии муҳаққиқони рус, ки ба масъалаҳои соҳибкорӣ бахшида шудаанд, асос гузоштаанд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи иқтисодшиноси рус Е.А.Заздравних дар мавзуи илми соҳибкорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: якум, таҳқиқоте, ки то миёнаҳои асри XX гузаронида шуда буд ва дуюм, таҳқиқоте, ки баъдтар гузаронида шудааст. Сабаби ин ҳолат дар дигаргуниҳое ниҳон аст, ки дар методологияи илми иқтисодӣ ба амал омадаанд. Ба ақидаи Е.А.Заздравних моҳияти соҳибкорӣ дар риояи чунин принсипҳои консептуалӣ ташаккул ёфтааст:

«- тибқи назарияи классикӣ (то нимаи аввали асри XX);

- тибқи назарияи муосир (аз нимаи дуюми асри XX);

- таҳияи назарияи мувозинати умумии иқтисодӣ (1950)». [66, 17]

Олими дигари рус Ю.А.Ражнева чунин меҳисобад, ки «соҳибкорӣ як шакли шуғли аҳолӣ буда, барои ба даст овардани даромади меҳнатӣ нигаронида шуда, ба ташаббуси шахсӣ, мустақилият ва масъулият асос ёфта, худтатбиқкунӣ ва худтасдиқкунии фардро чун шахсият муайян месозад. Аҳаммияти усулии ин шакли шуғл дар он аст, ки таваҷҷуҳ ба эҷодкорӣ, меҳнати ташаббускорона, озодии ботинӣ ба рӯҳия ва принсипҳои иқтисоди бозорӣ мутобиқат мекунанд» [69].

Дар умум, мо ба фикри Ражнев Ю.А, розӣ ҳастем, ки соҳибкорӣ як шакли фаъолияти бо кор таъмин намудани аҳолӣ мебошад ва дар он ақидаем, ки соҳибкорӣ шакли худмашғулияти аҳолӣ низ мебошад.

Мувофиқи ақидаи олимони ватанӣ Алишоев Х.Х. ва Ҷалилов Р. «фаъолияти соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонае мебошад, ки бо таваккали худ анҷом дода мешавад ва ба гирифтани мунтазами фоида аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ аз ҷониби шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида ва тибқи қонун ба қайд

гирифта шудаанд, равона карда шудааст» [73, 217]. Дар умум ҳадафи соҳибкории занон низ ноил шудан ба натиҷаҳои молиявии муайян дар соҳаҳои гуногуни фаъолият мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқот аз ҷониби мо ба тадқиқотҳои созмонҳои байналмилалӣ низ аҳамияти калон дода шуд, ки ин ниҳодҳо низ барои ташаккули заминаи институтсионалии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон саҳми арзанда доранд. Масалан, дар як нашрияи Созмони байналмилалии меҳнат таърифи зерини мафҳуми соҳибкорӣ оварда шудааст: «Соҳибкорӣ як падидаи мураккабест, ки дар он хислатҳои шахсият, фарҳанги дастгирӣ ва шароити мусоиди сиёсӣ муҳим аст» [96].

Тадқиқот нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории занон хусусияти ба худ хосро дорад. Мувофиқи хулосаҳои эмпирикии олими ватанӣ «фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби занон роҳбарӣ карда мешаванд, на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм хурдтар, балки онҳо инчунин дар бахшҳои ғайриистеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки шумораи зиёди коргарон талаб карда намешавад, фаъолият менамоянд. Аз ин лиҳоз бо мақсади вусъат бахшидан ва бо дар назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Парлумони мамлакат солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Зеро беш аз 73% - и аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва маҳз дар деҳотҷойҳо зарурати рушди соҳибкории занон ба миён меояд, чунки шумораи занони бекор нисбат ба аҳолии шаҳрнишин зиёд буда, рушди соҳибкории занон метавонад ҳамчун сарчашма ғанигардонии буҷети оилаҳо ва маҳал баромад намояд» [113]. Ин гуна хусусиятҳои соҳибкории занон дар ташаккули модели он дар иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти муҳим дорад ва робитаи консептуалии шуғл ва соҳибкории занонро муайян менамояд.

Дар умум, қайд кардан мумкин аст, ки дар ҷараёни таҳқиқоти мо маълум гардид, байни мафҳумҳои «шуғли занон» ва «соҳибкорӣ», робита

вуҷуд дорад, яъне тавассути соҳибкорӣ шакли махсуси худмашғулшавии аҳолӣ, бо кор таъмин шудани занҳо дарк карда мешавад.

То солҳои 70-уми асри XX дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар тадқиқоти илмӣ-иқтисодӣ мардон ва занон дар ташаккул ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар якҷоягӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд. Агар соҳибкорзан бошанд, он гоҳ ҳамчун роҳбари корхонаҳои хурд ё ин ки соҳибкори инфиродӣ ба инобат мегирифтанд. Вале дар тадқиқоти минбаъда, асосан дар охири асри XX сар карда то имрӯз соҳибкорие, ки бо ташаббуси занон ташкил карда шудааст, ё ин ки дар роҳбарияти субъектони хоҷагидорӣ занон фаъолият дошта бошанд, ҳамчун ҳодисаи гендерӣ ё ин ки баробарии ҳуқуқи марду зан баррасӣ мегардад.

Чунин нуқтаи назарро асосан олимони хориҷӣ дар назарияи соҳибкорӣ пешниҳод кардаанд. «Соҳибкории занонро ҳамчун ҳодисаи гендерӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, олимони хориҷӣ зарурати васеъ намудани консепсияҳои назариявии соҳибкориро дар асоси ҷанбаҳои гуногуни фаъолият ва шуғли занон пешниҳод карданд» [66].

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ қайд гарда мешавад, ки «соҳибкор омили субъективии такрористеҳсол мебошад, ки қодир аст бо ташаббускорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ бидуни тарси масъулияти пурраи иқтисодӣ таваккал кунад ва омилҳои дигари истеҳсолотро ба тарзи махсус муттаҳид созад, то ки арзиши иловагӣ гирад» [105]. Барои расидан ба ин хадаф ба соҳибкор муҳити мувофиқӣ корӣ лозим аст ва ин фаъолият аз рӯи принсипҳои муайян инкишоф мeёбад. Яъне принсипҳои асосии афзалияти соҳибкорӣ, ки ҳамагон эътироф менамоянд, аз инҳо иборат аст:

- фаъолнокии пуршиддати иқтисодӣ;
- нотарсӣ аз бохтҳо;
- фаъолнокии инвеститсионӣ;
- моилшавӣ ба инноватсияҳо;
- масъулияти баланд ба натиҷаи кор;
- таъмини фоиданокии фаъолият.

Тавре қайд дар тадқиқоти Алгада Х. қайд шудааст, «ҳадафи асосии соҳибкорӣ ба даст овардани фоида тавассути истифодаи самараноки захираҳои маҳдуд, инчунин эҷоди арзиш ва афзоиши сарват мебошад» [71, 16]. Аммо ноил шудан ба ин мақсад меҳнати зиёд, дониш ва малакаи зарурӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти баланди соҳибкориро талаб мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар соҳибкориро ҳамчун таъиноти асосии мардон ҳисоб менамуданд, вале дар даҳсолаҳои охири асри XX ва дар ҳазорсолаи нав масъулияти соҳибкориро занон низ ба уҳда гирифта, дар сатҳи баланд иҷро намуда истодаанд.

Бинобар ин, дар илми иқтисодии хориҷӣ дар охири асри XX сухан оид ба соҳибкории занон дар нашриёти илмӣ ва дар амалияи иқтисодӣ пайдо гардид. Аз таҳқиқоти Алгада Х. бар меояд, ки «дар ин радиф, соли 2015 аз ҷониби Институти глобалии рушди соҳибкорӣ ҳисоботи махсус оид ба «Шохиси соҳибкории занон» аз чоп баромад, ки дар он чунин мамлакатҳо, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Австралия, Дания, Исландия, Фаронса, Нидерландия, Шветсия, Норвегия ва Финляндия, ҳамчун давлатҳои пешсаф дар соҳибкорӣ бо ҳиссаи занон ҳисобида мешаванд» [71].

Умуман, ташаккули фаҳмиши соҳибкории занон таърихи на он қадар тулонӣ дорад, он солҳои 70-уми асри XX ба миён омадааст. Дар илми иқтисодии хориҷӣ хронологияи тадқиқоти аввалин дар самти омӯзиши фаъолияти занони соҳибкор таҳия гардидааст, ки онро дар ҷадвали 1.2 пешкаш менамоем.

Аз мушоҳидаҳо чунин бар меояд, ки соҳибкории занон ҳамчун предмети таҳқиқ аз адабиёти илмии хориҷӣ сарчашма гирифта, пайдошавии мавҳуми «соҳибкории занон» ба олимони хориҷӣ маҳсуб мебошад. Бояд қайд намоем, ки масъалаи соҳибкории занон, якҷоя бо таҳқиқӣ масъалаҳои гендерӣ дар иқтисод ба вуҷуд омдааст.

Вобаста ба ин муҳаққиқи ватанӣ Юсупова Ш. таъкид менамояд, ки «тараққикарда ва ҳам дар давлатҳои тараққиёбанда ҷой дорад, аксари олимон бар онанд, ки барои муваффақ шудан ба баробарии ҳақиқии

ҷинсҳо муносибати нав, дурнамо ва усулҳои нави кор лозиманд. Яке аз чунин стратегияҳо назари комплексӣ ба масъалаи баробарии ҷинсҳо гардид, ки он ҳамчун принсипи сиёсати давлат дар ҳуҷҷатҳои Конференсияи чоруми умумиҷаҳонии СММ оид ба масъалаҳои занҳо соли 1995 дар Пекин пешниҳод карда шуд» [59, 33].

**Ҷадвали 1.2. - Хронологияи тадқиқоти аввалин доир ба соҳибкории занон**

| Соли нашр | Муаллиф | Мундариҷаи нашр | Шакли нашр |
|---|---|---|---|
| 1976 | Швартс Э. | Соҳибкорӣ: марҳилаи нави занон.// Журнали бизнеси муосир, №5, - 47-76. | Мақолаи илмӣ |
| 1979 | Гурӯҳи кории байнимақомотӣ | Соҳибкории ғайримутавозунӣ дар Амрико// Ҳисоботи гурӯҳи кории байниҳукуматии президентӣ. Вашингтон. Иёлати Колумбия | ҳисобот оид ба фаъолияти соҳибкорзанон |
| 1983 | Хисриҷ Р.Д., Браш К.Г. | Соҳибкор - зан: оила, таҳсилот ва касб. // Маводҳои конфреренсияи Коллеҷи Вебсон доир ба соҳибкорӣ: Уэлс, Массачусетс: Коллеҷи Бэбсон. – 240-250с. | Маъруза дар конфреренсия |
| 1983 | Хамадай Г.А., Тимонс Г.А., Веспер К. | Тадқиқоти ҳудудҳои соҳибкорӣ. // Маводҳои конфреренсияи Коллеҷи Вебсон доир ба соҳибкорӣ: Уэлс, Массачусетс: Коллеҷ Бэбсон. -255-270. | Маъруза дар конфреренсия |
| 1985 | Гоффи Р., Скейс Р. | Занони масъулиятдор: Таҷрибаи соҳибкорзанон. – Лондон; Ҷорҷ Аллен и Анвин, 1985. | Монографияи илмӣ |
| 1998 | Конференсияи якумини сиёсӣ оид ба занони соҳибкор | Конференсияи оид ба занони соҳибкор. Ташкилкунанда Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ОЭСР). (http://www.oecd.org/cfe/smes / womenentrepreneurskeymessages.htm) | Маводи конференсия |
| 2003 | Конференсияи сиёсӣ оид ба занони соҳибкор | Конференсияи байналмилалии “Диана” оид ба занони соҳибкор. (http://www.babson.edu/Acad) | Маводи конференсия |
| 2006 | Ҳисоботи GEM оид ба занон ва соҳибкорӣ | Ҳисоботи махсуси мавзуии Global Entrepreneurship Monitor (GEM) оид ба занон ва соҳибкорӣ. | Ҳисоботи илмӣ |
| 2009 | Журнали махсус | Журнали байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва соҳибкорӣ | Журнали илмӣ |
| 2015 | Маърузаи якумин оид ба “Шохиси соҳибкории занон” | Таҳлили шарту шароитҳои рушди соҳибкории занон дар кишварҳои ҷаҳон. Тартибдиҳии рейтинги кишварҳо оид ба рушди соҳибкории занон | Маърузаи байналмилалӣ |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [132]

Соҳибкории занони муосир аз ҷониби баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла олими рус Н.Ю.Уткина дар чорчӯбаи назарияи гендерӣ ҷанбаҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон, ки ба фаъолияти кории занон таъсир мерасонад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст [68, 7].

Азбаски дар бештари кишварҳои ҷаҳонӣ ҳиссаи бештари захираҳои меҳнатӣ занон мебошанд, таҳқиқот оид ба васеъ паҳн намудани соҳибкорӣ дар байни занон инкишоф ёфта истодааст.

Аз ҷумла, экспертони ташкилоти байналмиллалии соҳавӣ «Grant Thornton» дар тадҳиқоти худ дар мавзуи «Занон дар бизнес: берун аз сиёсат ва ба сӯйи рушд» ба чунин хулоса омадаанд: «Бештари корхонаҳое, ки сатҳи муайяни тавозуни гендериро таъмин намудаанд, ба натиҷаҳои назарраси интизорӣ дар фаъолияти худ дастрас гардидаанд» [164].

Оид ба нақши занон дар рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани натиҷаҳои бизнеси фаъолият олимони рус низ ибрози ақида кардаанд. Дар яке аз асарҳои илмӣ чунин омадааст: «Мавҷудияти зан дар сатҳи роҳбарияти корхона хеле беҳтар аст, вале масъала дар он аст, ки дар байни роҳбарон то кадом андоза ақидаҳои онҳо арзишманд аст» [114, 5].

Боиси таъкид аст, ки дар баробари пайдо шудани мафҳуми занони соҳибкор, дар охири асри XX оид ба моҳияти соҳибкории занон ақидаҳои гуногун низ пешниҳод гардида истодааст, ки онро дар шакли ҷадвал инъикос менамоем.

Мулоҳизаҳо баъзе аз олимони соҳа оид ба моҳият ва мундариҷаи фаъолияти соҳибкории занон дар ҷадвали 1.3. оварда мешавад.

Гарчанде соҳибкории занон дар илми иқтисодӣ падидаи нав бошад ҳам, лекин олимони ватанӣ нисбати мафҳуми мазкур нуқтаи назари худро иброз намудаанд. Масалан, дар баромади худ собиқ раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С.С. Тағоева қайд намудааст: «Ҳамкорӣ бо Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон яке аз самтҳои афзалиятноки кишвар мебошад. Тавсияҳои аз Кумитаи СММ гирифташуда барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дастури амал гардида, дар фаъолияти онҳо ҳамчун принсипи раҳнамо хизмат мекунанд» [52, 13].

**Ҷадвали 1.3. - Ақидаҳои олимони хориҷӣ оид ба моҳияти соҳибкории занон**

| Сарчашма | Моҳият |
|---|---|
| Алгада Х. | Соҳибкории занонро чунин тавсиф додан мумкин аст: зане, ки корхонаҳои тиҷоратиро ташкил ва идора мекунад, инчунин навовариҳо ворид намуда, фаъолияти бизнесро таъмин менамояд. |
| Нейсбит Джон. | Дар зери мафҳуми соҳибкории занон дар амал ҷорӣ намудани имкониятҳои нави бавуҷудомада чун алтернатива ба хоҷагидории хонавода, ки занон ройгон машғул буданд,фаҳмида мешавад. |
| Соложухина Л.Г. | Соҳибкории занон нигоҳи ҷомеаро ба мавқеи зан дигар менамояд, вале ин ҷараён хеле суст амалӣ шуда истодааст, ки онро аз соҳаи меҳнати баландихтисос берун мекунад. |
| Абриталина А.С. | Соҳибкории занон сатҳи саҳми занонро аз нуқтаи назари ташкили ҷойҳои корӣ инъикос менамояд. Кишваре, ки сатҳи баланди соҳибкории занонро дорад, ба бухронҳои молиявӣ ва иқтисодӣ тобовар мебошад. |
| Малышевская Ю.Ю. | Хусусиятҳои хоси соҳибкорӣ дар байни занон чунинанд: синну сол аз 25 то 50; масъулияти баланд нисбат ба мардон; бештар дар соҳаҳое,ташкил карда мешавад, ки меҳнати занонро талаб менамояд. |
| Галлямов Р.Р. | Соҳибкории занон зарурати дарёфти имкониятҳо барои нигоҳдории оила ва дарёфти маблағ барои таъмини ҳаёт. Асосан бизнеси оилавӣ мебошад. |

Сарчашма: Дар асоси сарчашмаҳои [71, 8], [30, 79], [30, 79], [61, 153], [66, 27] таҳия карда шудааст

Ҳамчунин олими ватанӣ А.К. Сафоев ба он ақида аст, ки «соҳибкории занона ба ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодию иҷтимоӣ ва афзоиши устувори фаъолияти умумии иқтисодӣ мусоидат мекунад» [106, 62]. Ҳамзамон ӯ таъкид менамояд, ки «Соҳибкорӣ барои занон аз нигоҳи иқтисодӣ як иқдоми хатарнокест, ки на ҳар зан ҷуръати амалӣ кардани онро дорад» [106, 63]. Барои ҳамин дастгирии иқтисодиву молиявӣ, иҷтимоию психологии занон фаъолияти соҳибкории онҳоро тақвият мебахшад.

Бо баробари ин, боз чанде аз олимони ватанӣ нуктаи назари хешро нисбат ба мафҳуми “соҳибкории занон” иброз намудаанд, ки дар ҷадвали 1.4 ҷо менамоем.

**Ҷадвали 1.4. - Ақидаи олимони ватанӣ дар бораи мафҳуми “соҳибкории занон”**

| Сарчашма | Моҳияти мафҳум |
|---|---|
| Сафоев А.К. | Соҳибкории занона ба ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодию иҷтимоӣ ва афзоиши устувори фаъолияти умумии иқтисодӣ мусоидат мекунад. |
| Бобоқулова М.А. | Фаъолияти соҳибкории занон дар соҳаи кишоварзӣ, ин шуғл асосан дар деҳот паҳн шудааст, вале то ҳол рушди зарурӣ нагирифтааст. Рушди соҳибкории занон дар деҳот ба афзоиши шуғли занон ва ноил шудан ба суръати баланди рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. |
| Мусабекова А.О. | Соҳибкории занон дар нерумандии занон, ноил шудан ба баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мақоми иқтисодии онҳо накши муҳим дорад. |
| Чоршанбиев П. | Занони соҳибкор нисбат ба мардон ба дастгирии оила аҳаммияти бештар медиҳанд, зеро ин дастгирӣ барои муайян кардани он, ки зан ба тиҷорат оғоз мекунад, инчунин барои фаъолияти умумии корхона ва сармоягузориҳои нав муҳим аст. |
| Комилов Н.Б. | Рушди соҳибкории занон шароит фароҳам меоварад, ки имкониятҳои зеҳнӣ, қобилияти кориву роҳбарии занон дуруст истифода гарданд, нобаробарии гендерӣ то андозае аз байн бардошта шавад ва сатҳи бекориву камбизоатӣ коҳиш ёбад. Барои рушди соҳа эҷоди фазои мусоиди соҳибкорӣ, коҳиш додани бори гарони андоз, мақсаднок истифода бурдани буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ хеле муҳим мебошад. |
| **Тавсифи муаллифӣ** | |
| Соҳибкории занон маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо шуғли занон алоқаманд буда, дар натиҷаи дар асоси ташаббус, масъулият ва таваккали худ аз ҷониби занону бонувон ташкил кардани фаъолияти истеҳсолӣ, ё тиҷоратӣ, ё фаъолияти дигари тибқи қонунгузорӣ иҷозат додашуда бо мақсади ба даст овардани фоида, инчунин расидан ба ҳадафҳои худтатбиқнамоӣ, худшиносӣ, мустақилияти молиявӣ дар ҷомеа ба миён меояд. | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [106, 64], [63, 12-18], [97, 307-312], [56, 27], [88, 172-179]

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Убайдуллозода Ф.У., Қурбонов Ҷ.Н. агар соҳибкорӣ хуусусияти навоварӣ дошта бошад, самаранокии баландро таъмин менамояд. Тавре ки онҳо таъкид менамоянд «соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҷустуҷӯи соҳаҳои нави маблағгузорӣ, ташкили махсулоти нав ва мукаммал намудани онҳо, пешравии афзалиятҳои худӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои гуногун барои гирифтани даромад равона гардидааст. Дар ин замина, соҳибкорӣ ҷалби хатмии лаҳзаи инноватсионӣ ё истеҳсоли молу махсулоти нав барои бозор бошад, ё ивази самти тахассусии фаъолият, ташкили корхона ё соҳаи навро дар бар мегирад» [110]. Дар самти соҳибкории занон низ, омили навоварӣ яке

аз муваффаққиятҳои ин бахш ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бояд ба ин омил аҳаммият додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, соҳаи соҳибкории занон вусъат ёфта, воридшавии занон ба ин фазо дар бештари кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида шуда истода бошад ҳам, вале ҷараёни соҳибкорӣ байни занон, ки боиси бунёди корхонаҳои нав мегардад, то ҳол бо таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ҳақиқат, дар оғози соҳибкорӣ занон нисбат ба мардон ба монеаҳои зиёд дучор мегарданд, инчунин дастрасии баъзе захираҳо ба онҳо душвор аст, вале ба ин нигоҳ накарда, дар шароити муосир аз ҷониби занони эҷодкор ва фаъол моделҳои гуногуни бизнес-нақша таҳия ва амалӣ гардида истодааст.

Васеъ паҳн гаштани соҳибкорӣ дар байни занон ба ғанӣ гардонидани назарияи гендерӣ, консепсияҳои соҳибкорӣ, назарияи шуғли занон мусоидат менамояд, ки метавон ин ғояҳоро аз нуқтаи назари танзими институтсионалӣ мавриди омӯзиш қарор дод ва он дар зербоби навбатӣ оварда шудааст.

## 1.2. Заминаҳои ташаккули соҳибкории занон дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити васеъ паҳн гаштани муносибатҳои бозорӣ, соҳибкорӣ барои ҳама қишри аҳолӣ, аз ҷумла занон ба шакли асосии шуғл табдил ёфтааст. Тавре ки дар сархати аввали боби якуми рисола қайд карда шудааст, соҳибкорӣ шакли махсуси шуғли аҳолӣ мебошад. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии соҳибкорӣ ҳамчун як шакли шуғли занон яке аз масъалаҳои мубрами рушди ин падида мебошад.

Таҳқиқот дар ин самт нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории занон дар шароити муосир хеле бисёрҷабҳа мебошад ва яке аз ин ҷабҳаҳо заминаҳои ҳуқуқии рушди ин соҳа баромад мекунад. Тавре ки олимони рус қайд менамоянд, азбаски иштироки ҳамаҷониба дар фаъолияти иқтисодӣ ҳадафи ҳаракати занон мебошад, он «ба занҳо имкон медиҳад,

ки суботи иқтисодӣ ба даст оранд ва иқтидори созандаи худро амалӣ созанд, ки ин дар баробари омили ислоҳоти қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат ва маориф мебошад» [80].

Дар мавриди ақидаҳои феминистӣ лозим ба зикр аст, онҳо ба фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории занон мусоидат мекунанд. Шароити мазкур аз ҷумла иборатанд: дар бисёр муассисаҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар мавридҳои алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсили духтарон квота вуҷуд дорад, инчунин зан имкониятҳои эҳтимолии худро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи тиҷорат амалӣ гардонид метавонад.

Ҳамзамон, бо назардошти шаклҳои гуногуни шуғли занон, фаъолияти соҳибкории занонро аз рӯи як чанд меъёр тасниф намудан мумкин аст, ки онро аз расми 1.1. мушоҳида намудан мумкин аст.




**Расми 1.1. - Гурӯҳбандии соҳибкории занон**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз расм дида мешавад, ки дар шароити муосир соҳибкории занон хеле инкишоф ёфтааст ва рушди ин соҳа аз як чанд омилҳо, ба мисли дастрасӣ ба таҳсилот, сиёсат, афзоиши ҳиссаи иштироки онҳо дар иқтисодиёт ва ғайраҳо вобаста мебошад. Дигаргуниҳои ба амаломада гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷамъият ба зинаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ гузаштааст ва ба андешаи Г.Уиллс, «зинаи инқилобӣ, озод шудани нисфи захираҳои насли инсоният» ба ҳисоб меравад [78, 170].

Дар байни шартҳои асосии инкишофи соҳибкории занона мавқеи занҳо дар низомҳои мутараққии ҷамъиятӣ аҳаммияти калон дорад. Ин омил дар навбати аввал ба дараҷаи маълумот ва маданияти умумӣ, ба сатҳи аз ҷиҳати моддӣ ва маишӣ ҳал шудани масъалаҳо таъсир мерасонад. Инчунин, дар бисёр кишварҳо барои ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва таҳияи сиёсати мувофиқи иҷтимоӣ хизмат мекунад. Аммо, тавре, ки Ражнева Ю.А. таъкид менамояд, «новобаста аз тағйироти мусбат, дар ҳама кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми баланди иҷтимоӣ расидани занон каме душвор аст. Дар ҷомеаи муосир баробарии гендерӣ бештар хусусияти расмӣ дорад. Барои таҳлили дараҷаи баробарии гендерӣ метавон аз Индекси баробарии гендерӣ истифода бурд (The Gender Equity Index), ки ҳар сол аз ҷониби СММ нашр мешавад. Индекси баробарии гендерӣ сатҳи баробарии гендериро дар кишварҳои гуногун инъикос мекунад» [69], яъне дар ин ё он мамлакат ҳуқуқҳои занону мардон то чӣ андоза баробаранд, инчунин шароити меҳнат ва музди кори онҳо то кадом андоза баробар аст. Индекс аз рӯйи се нишондиҳандаҳои асосии рушди ҷомеа - солимии репродуктивӣ, ҳуқуқу имкониятҳои шаҳрвандӣ ва имкониятҳо дар бозори меҳнат баҳогузорӣ карда мешавад. Созмони Милали Муттаҳид ин индексро барои ҳисоб кардани “Индекси рушди инсонӣ” ҳамчун як қисми Гузориши рушди инсонӣ истифода мебарад. Қайд намудан бамаврид аст, ки рейтинги кишварҳо дар Индекси баробарии гендерӣ аз ҷиҳати назариявӣ бояд ҳамасола нав карда шавад, аммо гузоришҳои СММ, маъмулан дертар (як ё ду сол пас) ба нашр мерасанд. Сабаб дар он

аст, ки индекс дар асоси муқоисаи байналмилалии маълумот аз нашрияҳои хадамоти омори миллии давлатҳо ҳисоб карда мешавад. Дар ҷадвали 1.5. рейтинги баъзе кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи сатҳи баробарии гендерӣ оварда шудааст .

**Ҷадвали 1.5. – Рейтинги баъзе кишварҳои ҷаҳон аз нигоҳи баробарии гендерӣ дар солҳои 2014-2024**

| Кишварҳо | Вазни нишондиҳандаҳо дар шохис | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | | 2019 | | 2022 | | 2024 | |
| | Мавқеъ дар рейтинг | Шохис | Мавқеъ дар рейтинг | Шохис | Мавқеъ дар рейтинг | Шохис | Мавқеъ дар рейтинг | Шохис |
| Швейцария | 2 | 0,021 | 1 | 0,025 | 3 | 0,018 | 3 | 0,018 |
| Норвегия | 9 | 0,068 | 2 | 0,038 | 2 | 0,016 | 2 | 0,012 |
| Финляндия | 11 | 0,075 | 3 | 0,039 | 6 | 0,033 | 6 | 0,032 |
| Нидерландия | 7 | 0,057 | 4 | 0,043 | 5 | 0,025 | 5 | 0,025 |
| Шветсия | 4 | 0,054 | 6 | 0,045 | 4 | 0,023 | 4 | 0,023 |
| Кореяи ҷанубӣ | 17 | 0,101 | 7 | 0,047 | 15 | 0,067 | 16 | 0,062 |
| Фаронса | 12 | 0,080 | 8 | 0,049 | 24 | 0,083 | 24 | 0,084 |
| Исландия | 14 | 0,088 | 9 | 0,058 | 8 | 0,043 | 9 | 0,039 |
| Словения | 1 | 0,021 | 10 | 0,063 | 18 | 0,071 | 13 | 0,049 |
| Канада | 23 | 0,136 | 19 | 0,080 | 17 | 0,069 | 18 | 0,069 |
| Чин | 37 | 0,202 | 39 | 0,168 | 48 | 0,192 | 47 | 0,186 |
| Казоқистон | 59 | 0,323 | 44 | 0,190 | 41 | 0,161 | 42 | 0,177 |
| ИМА | 47 | 0,262 | 46 | 0,204 | 44 | 0,179 | 44 | 0,180 |
| Русия | 52 | 0,314 | 50 | 0,225 | 50 | 0,203 | 43 | 0,178 |
| Украина | 61 | 0,326 | 52 | 0,234 | 49 | 0,200 | 48 | 0,188 |
| Узбекистон | - | - | 62 | 0,288 | 56 | 0,227 | 61 | 0,242 |
| Тоҷикистон | 76 | 0,383 | 70 | 0,314 | 68 | 0,285 | 67 | 0,269 |
| Қирғизистон | 65 | 0,348 | 82 | 0,369 | 87 | 0,370 | 81 | 0,345 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [171]

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, маҳз баробарии гендерӣ аз мақоми зан дар ҷомеа шаҳодат медиҳад ва ба некуаҳволии онҳо таъсир мерасонад. Бояд зикр намуд, ки аз рӯйи GGGI (Global Gender Gap Index) дар ҷаҳон соли 2024 мақоми пешбарро Дания бо нишондиҳандаи 0,009 ишғол намуд, ки дар ҷадвали мазкур он зикр нагардидааст, зеро дар солҳои қаблӣ онро дар ҷадвал инъикос карда набудем. Ҳамчунин, дар соли 2024 ба давлатҳои пешқадами панҷгона Норвегия (0,012), Швейцария (0,018), Шветсия (0,023) ва Нидерландия (0,025) дохил карда шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 аз рӯйи ин нишондиҳанда

дар ҷойи 67 (0,269) қарор дошт. Шохис чунин маъно дорад: шохис ҳар кадар паст бошад, баробарӣ дар мамлакат ҳамон қадар баланд мешавад. Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки сатҳи баробарии гендерӣ дар Шветсария нисбат ба дигар кишварҳои мариди таҳлил қарор гирифта дар солҳои 2014-2019 баландтар аст, яъне бо шохиси 0,021 дар соли 2014 дар ҷойи дуюм ва бо шохиси соли 2019  0,025 дар ҷойи 1-умро ишғол карда буд.

Аммо, мавқеи Шветсария солҳои охир тағйир ёфт, яъне соли 2024 ба ҷойи сеюм гузашта, Норвегия аз Шветсария пештар гузашт. Дар солҳои мавриди таҳқиқ аз рӯйи сатҳи баробарии гендерӣ дар гурӯҳи панҷгонаи аввал кишвари Шветсия бо ҳисоби миёна дар сатҳи шохиси 0,023 – 0,054 қарор гирифт. Дар солҳои қаблӣ Нидерландия низ аз рӯйи нишондиҳандаи мазкур мавқеъҳои нисбатан хуб дошт ва сол ба сол мавқеи он беҳтар гардидааст.

Байни кишварҳои ИДМ дар индекси баробарии гендерӣ дар соли 2024 мавқеи пешқадамиро Қазоқистон бо индекси 0,177 ишғол намуда, дар рейтинги умумии кишварҳои ҷаҳон дар ҷойи 42-юм қарор дошт, Федератсияи Русия бо индекси 0,178 мавқеи дуюм, байни кишварҳои ҷаҳон бошад, мақоми 43-юмро ишғол кардааст. Тоҷикистон, байни 162 кишвари ҷаҳон бо индекси 0,269, дар зинаи 67-ум қарор дорад, вале соли 2014 бо индекси 0,383 ба мақоми 76-ум баромад, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар шудани вазъи баробарии гендерӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки пас аз татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии занон дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми зан нисбат ба солҳои қаблӣ баландтар шудааст. Ин яке аз самти муҳимми сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, зеро барномаҳои мақсадноки давлатӣ бевосита рушди фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мегардонад. Дар ин бобат муҳаққиқони ватанӣ Ҳакимов М.А. ва Буриева М.Ч. дуруст қайд менамоянд, ки «Таҷрибаи хориҷии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ собит менамояд, ки барномаҳои дастгирӣ дар самти

соҳибкорӣ, ҳамчун механизми ба бозори меҳнат баромадани занон, гирифтани маълумот ва пайдо кардани малака оид ба соҳибкорӣ баромад менамоянд. Дар ин раванд нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти омӯзишӣ-маълумотдиҳӣ, омӯзонидани малакаи соҳибкорӣ, таъмин намудани маълумот оид ба вазъи бозори меҳнат ва ғайра зоҳир мегардад, ки дар шароити имрӯза мусбат арзёбӣ мегардад» [113].

Масъалаҳои марбут ба баробарии гендерӣ ва иқтидори занон дар бисёр конференсияҳои ҷаҳонӣ, гузоришҳо ва ҳамчунин дар таҳлили созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ ва муҳокима шудаанд. Дар ин замина, дар ҳуҷҷати ниҳоии Конференсияи баррасии вазирони кишварҳои Осиё ва уқёнуси Ором «Пекин+25», ки аз ҷониби аъзои Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои кишварҳои Осиё ва уқёнуси Ором (КИИКОО - Ташкилоти мазкур бо забони русӣ ЭСКАТО (Экономическая и социальная комиссия для Азии и Тихого океана) мебошад, ки соли 1947 дар сохтори СММ ташкил карда шудааст) 27-29 ноябри соли 2019 дар Бангкок баргузор гардид, соҳибкории занон низ чун яке аз масъалаҳои асосӣ баррасӣ карда шуд. Дар он зикр гардид, ки «Тамоюлҳои дар тамоми кишварҳои Барномаи махсуси барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (БМБИОМ) мушоҳида шуда шаҳодат медиҳанд, ки барои миллионҳо зан соҳибкорӣ яке аз роҳҳои калидии иштирок дар иқтисод, баланд бардоштани сатҳи зиндагии худ ва оилаи худ, ба даст овардани дараҷаи муайяни мустақилияти молиявӣ ба ҳисоб меравад» [19]. Тавре, ки муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд «Яке аз дастовардҳои асосии Тоҷикистон дар самти баробарии гендерӣ, татбиқи Декларатсияи Пекин ва Чаҳорчӯбаи амалиёт (1995) ин таҳияи сиёсат ва қабули қонунҳои соҳавӣ дар ҷодаи баробари гендерӣ ва баланд бардоштани мақом ва ҳуқуқи зан дар ҷомеа мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши вазъи бозори меҳнат, аз ҷумла масъалаи шуғл ва мушкилоти бекорӣ пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд» [113, 43].

Ҳамчунин дар ҳуҷати расмии «Обзори Пекин+25» таъкид мегардад, ки «бо вуҷуди ин, нобаробарии гендерӣ дар соҳаҳои мухталиф аз дастрасӣ ба маблағгузорӣ сар карда то ҳосил намудани малакаҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Гузашта аз ин, иштироки занон дар соҳибкорӣ дар минтақаи БМБИОМ дар бахшҳои дорои арзиши иловашуди паст, аз қабили савдои яклухту чакана ва кишоварзӣ мутамарказ шудааст. Зимнан дар баъзе кишварҳо фаъолияти соҳибкории хонаводагӣ нақши муҳим дорад, ки он бо уҳдадориҳои номутаносибан калони хизматҳои хонагии бемузди занон марбут аст» [19].

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати ҳавасмандкунандаи соҳибкорӣ татбиқ шуда истодааст. Ҳамзамон барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ташаккули бахши хусусӣ ва ҷалби фаъоли занон ба фаъолияти иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷати расмии махсус бо номи «Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул шудааст, ки ин бевосита ба рушди фаъолияти иқтисодии занон мусоидат мекунанд. Дар доираи татбиқи ин стратегия давлат ба рушди соҳибкории оилавӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ, тақсимоти одилонаи меҳнат дар оила, зиёд намудани шуғли занон дар бахши кишоварзӣ ва бозомӯзии занони бекор аҳаммияти махсус медиҳад.

Ҳамзамон, Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти иқтисодии занон чораҳои гуногун меандешад. Аз ҷумла, тавассути озмунҳо ба заноне, ки ҳамчун соҳибкор сабти ном шудаанд, грантҳои давлатӣ пешниҳод гардида, барои рушди тиҷорати онҳо мусоидат карда мешавад. Ғайр аз ин дар шароити муосир аз тарафи ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ барономаҳои махсус

татбиқ мегардад, ки ба соҳибкорзанҳо грантҳо пешниҳод мекунанд. Аммо тавре, ки муҳаққиқони хориҷӣ қайд менамоянд «Грантҳо барои занҳои соҳибкор низ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки осиёии рушд барои гурӯҳҳои махсуси занҳо дода мешавад» [138, с.87-144].

Дар хулоса қайд менамоем, ки натиҷаи тадқиқоти Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки «дар ҷумҳурӣ аз соли 2010 то 2018 шумораи занони соҳибкор 95 % афзуда, ҳиссаи онҳо 23,6 %-и шумораи умумии соҳибкорони кишварро ташкил додааст, ки ин аз дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи соҳибкории занон шаҳодат медиҳад» [19]. Тағйироти баамаломада низ аз натиҷаҳои мусбати татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии занон ва беҳбудии вазъи иҷтимоии онҳо дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад .

Гузариш ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ ба тағйир ёфтани фаъолияти меҳнатии занон мусоидат кард, ки ин боиси мустақилияти иқтисодии занҳо гардид ва ба онҳо имконият дод, ки мавқеи худро дар ҷамъият беҳтар намуда, сифатҳои шахсии худро инкишоф диҳад. Барои занҳо ноил шудан ба чунин баробарӣ бо мардон он қадар осон набуд. Дар шароити имрӯза занҳо дар рушди ҷомеа ва иқтисодиёти миллӣ (аз ҷумла маориф ва илм) саҳми арзанда мегузоранд ва қисми зиёди қувваи кориро ташкил медиҳанд. Яке аз ҷанбаҳои афзоиши устувори рушди ҷомеа истифодаи самараноки неруи маънавӣ ва иқтисодии занон мебошад. Аммо, бо вуҷуди ин, тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии солҳои охир дар ҷомеа ба коҳишёбии вазъи иҷтимоии занҳо оварда, ҳамчунин ба муносибати зану мард таъсир расонид. Дар натиҷа, қисми зиёди аҳолӣ (ҳам мард ва ҳам зан) неруи касбии худро дар системаи стратегияҳои зиндамонӣ ва рӯзгузаронӣ сарф мекунанд. Бо вуҷуди он ки занон тавонистаанд неруи зеҳнии худро баланд бардоранд, вале дар зинаҳои болоии ҳокимияти давлатӣ онҳо нисбатан кам муаррифӣ мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки соҳибкорӣ яке аз нерӯҳои муҳимми рушди қтисодиёт ва қувваи бузург дар истифодаи иқтидори миллӣ мебошад. Дар ин бобат муҳаққиқи ватанӣ Зокиров М.А. дуруст таъкид менамояд, ки «дар макросатҳ соҳибкорӣ ба ҳамгироии механизми мутамарказ ва оғози бозор, дар микросатҳ ба таҳкими принсипҳои банақшагирии ҳамкории дохилию байналмилалӣ мусоидат менамояд. Дар сатҳи байнифирмавӣ фаъолияти соҳибкорӣ асоси таҷзияи органикии принсипҳои бозор ва банақшагирӣ мебошад, ки чун “конвергенсия”-и нақша ва бозор ифода мешавад. Агар нақша хусусияти фармонфармоию маъмурӣ дошта бошад, бозор хусусияти худтанзимкуниро гум мекунад» [112, с.17].

Пешрафти илму техника боиси куллан тағйир ёфтани сохтор ва мазмуни фаъолияти занон гардида, меҳнати онҳоро осон кард ва имконниятҳои истифодабарии меҳнати занонро фарох намуд. Дар ин самт бояд гуфт, ки амалисозии фаъолияти меҳнатии занон бештар аз сатҳи касбию тахассусии онҳо, яъне аз хусусиятҳои сифатии онҳо вобаста аст ва дар оянда низ чунин хоҳад буд.

Тавре, ки олимони ватанӣ қайд менамоянд «таназзули трансформатсионӣ дар иқтисодиёт ва равандҳои манфии ба он алоқаманд дар соҳаи иҷтимоӣ, фарзияи мавҷудияти робитаи мутақобилаи рушди иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ, инчунин бартарии авваларо нисбат ба охирин тасдиқ карданд» [61, 62]. Дар чунин вазъият корфармоён ба ҷустуҷӯи усулҳои нави ташкили фаъолияти меҳнатӣ оғоз карданд. Аз ин рӯ, роҳбарияти ширкатҳо барои танзими самараноки захираҳои меҳнатӣ ба истифодаи стратегияҳои оптималии идоракунӣ рӯ оварданд. Дар натиҷа, қисми муайяни кормандон аз кор озод гардиданд, ки ин барои онҳо як ҳолати нохуш ба ҳисоб мерафт ва ҳамзамон боиси пайдо шудани шаклҳои нави ташкили меҳнат гардид.

Ба вуҷуд омадани намудҳои муосири шуғли меҳнат боиси дигаргуншавии соҳаи идоракунии захираҳои инсонӣ гардид, ки он чун нишондиҳандаи тараққиёти низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар хизмат

намуд. Дар ин шароит ҳам технологияҳои кадрӣ (аутстаффинг, аутплейсмент ва ғ.) ва ҳам навъҳои нави шуғл (худкорӣ, шуғли фосилавӣ, фрилансинг, шуғли нопурра) пайдо мешаванд ва инкишоф мeёбанд. Созмони байналмилалии меҳнат дигаргунсозии муосири бахши «шуғлро, пеш аз ҳама, бо чунин хусусиятҳои иқтисод, ба монанди «иқтисоди ғайрирасмӣ», «шаклҳои ғайристандартии шуғл» ва дигар шаклҳои нави шуғл алоқаманд мекунад» [31].

Шаклҳои ғайристандартии шуғлро, ки ба онҳо шуғли мустақилона, фрилансинг, шуғли фосилавӣ, кори нопурра, кори агентӣ, аутсорсинг, изофакорӣ, аутстаффинг, смарт-штаффинг, аутплейсмент ва ғайраро дохил кардан мумкин аст, на танҳо аз нуқтаи назари худи шуғл, балки аз нуқтаи назари ташкили меҳнат, инчунин технологияи кадрӣ тавсиф кардан мумкин аст. Технологияҳои кадрӣ ҳамчун воситаи идоракунии захираҳои инсонӣ баромад намуда, ба танзими хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии кормандон мусоидат мекунанд. Онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он хизмат карда, равандҳои муҳим, аз ҷумла интихоб ва ҷалби кормандон ба корро дар бар мегиранд. Мувофиқи ақидаи коршиносони бозори меҳнат дар Федератсияи Русия шаклҳои муосири аутсорсинг (интиқоли як қисми фаъолияти ширкат дар асоси шартнома)-и «ғайристандартии шуғлро аз рӯйи аломатҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- ✓ шакли шуғл;
- ✓ танзими муносибатҳои меҳнатӣ;
- ✓ намуди шартномаи меҳнатӣ;
- ✓ реҷаи корӣ;
- ✓ ҷойи корӣ;
- ✓ назорат ба раванди меҳнат;
- ✓ корфармо;
- ✓ технологияҳои кадрии истифодашаванда» [80].

Азбаски дар рисолаи диссертатсионӣ бино ба зарурат ва тақозои замон як қатор истилоҳоти иқтибосӣ, ки дар илми иқтисоди муосир, аз ҷумла

соҳибкории занон истифода мешаванд, корбаст гардидаанд, шарҳи мухтасари баъзеи онҳоро пешниҳод мекунем. Калимаи „аутсорсинг“-ро ҳама олимон аз нуқтаи назари худ истифода мебаранд. Аз ҷумла, Китсис ва Калабкина „аутсорсинг“-ро «ҳамчун шакли ҳамкорӣ мефаҳманд, ки кормандон тибқи шартнома дар вақти муайян берун аз корхона барои анҷом додани корҳои алоҳида даъват карда мешаванд» [35, 175].

„Аутплейсмент“ маҷмуи хизматрасониҳое мебошад, ки ширкат ба кормандони аз кор озодшуда барои мусоидат дар кори минбаъдаи онҳо пешкаш мекунад. „Фрилансинг“ бошад, ин як намудаи фаъолияти фосилавӣ дар корхона мебошад [162].

Ҳамаи шаклҳои нави шуғл, ки дар бозори дохилии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи „ғайристандартӣ“ ё „ғайримуқаррарӣ“ паҳн шудаанд, кайҳо боз дар кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар идоракунии захираҳои инсонӣ васеъ истифода мешаванд. Шаклҳои ғайристандартии шуғл дар соҳаҳои хоҷагии халқ ҳанӯз дар марҳалаи ташаккулёбӣ мебошад, ки арзёбии дараҷаи тақсимшавӣ ва самаранокии истифодаи онҳо, ба сабаби инкишофи сусти заминаи меъёрии татбиқи онҳо ва дониши нокифоя оид ба муаммоҳои ҳифзи ҳуқуқи иштирокдорони ин бахши бозори меҳнат, инчунин набудани иттилооти дахлдор хеле душвор мегардад.

Олимони рус Тонких Н.В. ва Коропетс О.А. дар натиҷаи таҳқиқи хусусиятҳо ва шаклҳои шуғли занон муайян карданд, ки «айни замон шакли фосилавии шуғл барои занон, бахусус, занони кӯдакдор ҷолиб аст, зеро ин намуди шуғл ба онҳо имконият медиҳад, ки мустақилона вақти кории худ ва иҷрои вазифаҳои кории худро бозтақсим намоянд. Шакли фосилавии шуғл барои корфармоён низ ояндадор аст, зеро хароҷоти таъсис ва нигоҳдории ҷойи кор аз сабаби ҷойгир шудани ҷойи кории корманд берун аз ширкат коҳиш меёбад» [109]. Таҳлили сарчашмаҳои иттилоотӣ нишон дод, ки дар ҷойҳои дурдаст барои занон бештар чунин касбҳо ва ҷойҳои кории холӣ мавҷуд мебошанд;

мутахассиси қабули зангҳо (кор дар маркази тамос), мудири фурӯш, менеҷери тиҷоратӣ, сеххои хурди дӯзандагӣ ва ғайра.

Шакли фосилавиии меҳнатро Т.А. Камарова аз рӯйи чунин меъёрҳо гурӯҳбандӣ намудааст:

✓ **Шакли шуғл:** - шуғли кироя, ки новобаста аз макони ҷойгиршавии коргар иҷро карда мешавад.

✓ **Танзими муносибатҳои меҳнатӣ:** тибқи қонунгузории амалккунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

✓ **Навъи шартномаи меҳнатӣ** метавонад ба муҳлати муайян, ҳамчунин ба муҳлати номуайян баста шавад.

✓ **Реҷаи кор:** муқаррар карда нашудааст.

✓ **Ҷойи кор:** берун аз идора, берун аз истеҳсолот.

✓ **Назорати раванди меҳнат**: қисман ё умуман вуҷуд надорад.

✓ **Корфармо:** ташкилот.

✓ **Технологияҳои кадрии татбиқшаванда**: технологияҳои стандартии кадрӣ оид ба интихоб ва киро кардани кадрҳо [87, 11].

Шуғли фосилавӣ барои занон дар баробари бартариҳои худ боз як қатор маҳдудиятҳои зеринро низ дорад, ки онҳо дар асари олимони рус чунин тавсиф гардидааст:

«- музди меҳнат дар кори фосилавӣ нисбат ба шаклҳои анъанавии шуғл камтар аст;

- рӯйхати маҳдуди ҷойҳои кории холии фосилавӣ, ки аксарияти онҳо ба мардон пешбинӣ шудаанд;

- мавҷудияти ҷанбаҳои манфии иҷтимоию психологӣ (набудани муоширaт ва кори дастаҷамъона, натавонистани раванди кор) ва ғайра» [109].

Дар навбати худ, корфармоён низ дар масъалаи шуғли фосилавӣ барои мардон ва занон бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки «асоситарини онҳо иборатанд аз: коҳиш ёфтани назорат ба сифат ва муҳлати хизматрасонӣ; назорати пасти кормандон аз сабаби набудани

пойгоҳи маълумоти пурра» [31]; интизоми пасти кормандон; набудани ҳавасмандӣ ва масъулият; ноустуворӣ; мураккабии бастани шартнома ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои зарурӣ барои рушди соҳибкории занон ташаккул дода шудааст, ки ин яке аз омилҳои муҳим дар инкишофи ин соҳа ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти барномаҳои махсуси давлатӣ, дастгирии давлатии соҳибкории занон, пойгоҳи институтсионалӣ дар ин самт заминаҳои асосӣ мебошад. Бо вуҷуди ин дар самти соҳибкории занон як қатор омилҳои институтсионалӣ ҷой доранд, ки дар зербоби минбаъда мо онҳоро мариди таҳқиқ қарор медиҳем.

### 1.3. Асосҳои институтсионалӣ ва механизми танзими давлатии соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти бозор

Тағйирёбии ҷомеаи муосир боиси тағйир ёфтани муносибатҳои анъанавии оилавӣ гардидааст, зеро ҳар давру замон ягон падидаи нав ва пешрафтаро бо худ меорад. Ҷомеаи муосири мо дар навбати аввал ба ташаккули ҷаҳонбинии шахс, баъдан ба ғояву арзишҳои маънавӣ, муносибатҳо ва ғайра таъсир расонида истодааст. Ба ақидаи олимоне, ки падидаи бухронро меомӯзанд, тағйироту дигаргунсозиҳое, ки дар ҷомеа ба амал омада истодаанд, вайроншавию халалдор гардии институти оиларо ба бар меорад. Аммо олимон бар он ақидаанд, ки ин дигаргуниҳо дар чорчӯбаи раванди такмилдиҳӣ рух дода, характери мусбатро доро мебошанд. Аммо насли муосир метавонад бо мушкилоти зерин дучор ояд: эҳтимоли ба муҳити институтсионалии оила таъсир расонидани тағйироти бавуҷудомада мавҷуд аст. Ражнева Ю.А. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «пеш аз ҳама, тағйироти мазкур метавонад боиси вайрон гардидани модели анъанавии оила гардида, мавқеи занро аз нақши модар ва шахси хонашин ба соҳибкасбу гирандаи даромади оилавӣ мубаддал намояд» [69]. Ҳамин гуна ақидаро муҳақиқи ватанӣ Шарипова М.Ҳ. тасдиқ намуда, қайд менамояд, ки: «саҳми занон дар

рушди ҷомеаи инсонӣ, хусусан, тавлиди насли башар, омӯзишу парвариш ва ҷомеапазир намудани он, ташкил ва такомули оиладорӣ, иҷрои вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ басе бузург ва назаррас аст. Дар ҷомеаҳои беадолат дар Шарқу Ғарб поймол кардани ҳуқуқи зан ба урфу одат табдил ёфта буд. Вазъи зан дар ҷомеа пас аз Инқилоби Октябр куллан дигаргун шуд. Дар давлатҳои сотсиалистӣ зан бо мард баробарҳуқуқ гардид. Аммо то нимаи асри XX дар аксарият давлатҳои ҷаҳон нобаробарии зан бо мард дар оила амали воқеӣ буд» [121, 141].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ бо дарназардошти ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои анъанавӣ ва сабабҳои субъективӣ таъминоти моддии оила бештар ба дӯши сардори оила гузошта мешуд. Дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ чунин хусусиятҳои гендерии муносибатҳои меҳнатӣ муайян карда шудаанд:

- «дар давраи шуравӣ дар баъзе ҳолатҳо музди меҳнати зани коргар ҳамчун манбаи иловагии даромади оила хизмат мекард ва он на он қадар калон буд» [108], чунки музди миёнаи занон дар он давра 75 %-и музди меҳнати мардонро ташкил медод [117, 62-64].

- принсипҳои ҷомеаи патриархалӣ ҳукмрон буд, яъне мардон масъулияти пурраро ҷиҳати таъмини моливу молиявии оила бар дӯш доштанд;

- сиёсати пурраи шуғли аҳолӣ аксар вақт тавассути ҷалби занон ба соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ (хусусан дар соҳаи кишоварзӣ) тариқи маҷбурӣ ба даст оварда мешуд;

- серфарзанд будани занҳо ба онҳо имконияти пурраи меҳнатро намедод (ҳайъати миёнаи аъзои оила 6,6 нафарро ташкил медод) [22, 24-27];

- қисми зиёди занҳо, хусусан занҳои деҳот, ба меҳнати каммузд ва беихтисос машғул буданд.

Ҳамин тариқ, дар шуури ҷамъияти шуравӣ меҳнати зан бо назардошти самаранокии иқтисодии пасти иштироки онҳо дар

истеҳсолоти ҷамъиятӣ аҳаммият ва арзиши пасттар дошт.

Дар ҷаҳони технологияҳои навин ва пешрафти илму техника нақши зан дар ҳаёти иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ба таври назаррас афзуда, баҳри татбиқи ғояҳо ва худмуаррифӣ имкониятҳои нав ба вуҷуд меоянд. Занон дар ҷомеаи муосир қариб дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, ҳифзи ҳуқуқ, алоқа ва коммуникатсия, кишоварзӣ ва ғайра фаъолияти пурсамар доранд.

Ба андешаи Л.М. Лисенко: «Занони асри XXI кӯшиш мекунанд, ки қавирода бошанд ва баробари мардон меҳнат намоянд» [92], ки мо бо ин ақида розӣ ҳастем. Дар гузориши Созмони Милали Муттаҳид қайд шудааст, ки масъалаи мавқеъ ва нақши зан дар ҷомеа дар байни мушкилоти глобалии башарият ва амалисозии неруи инсонӣ дар асоси рушди устувор дар ҷойи дуюм қарор дорад, зеро баробарии гендерӣ дар таъмини сулҳу оромӣ дар ҷомеа нақши асосиро мебозад. Дар ин ҷо бояд қайд намоем, ки баробарии гендерӣ маънои онро дорад, ки мақоми иҷтимоӣ, ҳуқуқҳо, масъулиятҳо, дастрасӣ ва назорат аз болои захираҳо аз ҷинси шахс вобаста набуда, занон ва мардон барои рушди қобилиятҳои фардии худ озоданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва роҳнамоии ҳукумати кишвар таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баланд бардоштани мақом ва нақши занон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Бо ин мақсад як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ гардидаанд, ки ба таҳкими мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии занон дар ҷомеа мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, таҳияи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» тасдиқгари ин суханҳо мебошад. Сарвари давлат борҳо дар Паёму суханрониҳои худ саҳми арзандаи занонро дар рушди хоҷагии халқ қайд намуда, барои таъмини шуғли занону духтарон андешидани тадбирҳои иловагиро таъкид мекунанд. Аз

ҷумла, Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2021 вазъи рушди ҳамаи соҳаҳои фаъолияти кишварро таҳлил намуда, бори дигар таваҷҷуҳи хосро ба масъалаҳои таълиму тарбия ва шуғли занҳо равона карда, чунин нуктаро қайд намуданд: «Нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад. Тибқи маълумоти оморӣ, занон 49,3%-и аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд» [2].

Тавре, ки гурӯҳи олимони ватанӣ қайд менамоянд, «мушкилоти иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастанд, аз ҷумла: ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум, ки дар натиҷаи он аксари оилаҳо бе саробон мондаанд» [31]; маҳдудиятҳо дар кумакпулиҳои давлатӣ ва ёрии иҷтимоӣ ба шахсони воқеӣ ва оилаҳои онҳо; имкониятҳои маҳдуд дар таҳсилот ба вазъи занон таъсири сахт расониданд. Зеро барои амалӣ намудани фаъолияти касбии худ занҳо, пеш аз ҳама, бояд соҳиби маълумот ва малакаи мувофиқ бошанд. Бар асари ин омилҳо занон дар Тоҷикистон, бахусус, занони бешавҳар, занон аз оилаи серфарзанд нисбат ба мардон бештар ба хатари камбизоатӣ ва фақирӣ дучор мешуданд. Агар оид ба ин масъала тибқи нишондиҳандаҳои миқдорӣ сухан ронем, пас зиёда аз нисфи бекоронро занҳо ташкил медиҳанд.

Ба масъалаи бекорӣ сухан ронида, муҳаққиқи ватанӣ қайд менамояд, ки «сатҳи бекорӣ яке аз нишондиҳандаҳои бештар истифодашаванда барои муайян намудани вазъи бозори меҳнат мебошад. Дар баъзе ҳолотҳо дар маҷмуъ барои баҳодиҳии вазъи иқтисодиёт, на танҳо барои баҳодиҳии вазъи бозор истифода карда мешавад. Дар иқтисоди бозорӣ ба таври доимӣ сатҳи муайяни бекории фриксионӣ вуҷуд дорад, зеро шахсони аз кор озодшуда дар ҷустуҷӯи ҷойи нави корӣ мебошанд ва иштирокдорони нави бозори меҳнат ва ё шахсони ба бозори меҳнат бозгашта, фаъолона ба ҷустуҷӯи кор машғул мешаванд. Ҳамзамон бекории сохторӣ низ вуҷуд дошта метавонад, зеро

дар давоми вақти муайян сохтори худи шуғл низ тағйир меёбад. Ҳамин тавр, интизор шудан мумкин, ки сатҳи бекорӣ метавонад аз сатҳи сифрӣ боло қарор дошта бошад» [79, 172].

Қисми зиёди ин бекоронро занон ташкил мекунанд, ки ягон малакаи касбиро надоранд ва метавонанд фақат дар соҳаи кишоварзӣ бо корҳои каммузд машғул бошанд. Қисми дигари заноне, ки дар дигар бахшҳо, аз қабили маориф ва тандурустӣ (дар он ҷо меҳнати занон бартарият дорад) машғули кор ҳастанд, низ бо мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ меоянд, ки сабаби он пастравии даромаднокии воқеӣ баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мебошад. Таҷрибаи мамлакатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки на танҳо дао  Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои ИДМ низ «дар аксари мавридҳо, вақте занон кӯшиш мекунанд аз имкониятҳои имтиёзнок баҳри таъмини бехатарӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии худ истифода баранд, онҳо ба монеаҳои иловагӣ дучор мешаванд» [111, 17], ки асоситарини онҳоро чунин омилҳо ташкил медиҳанд:

1) ба сабаби мавҷудияти хароҷоти рухсатии ҳомиладорӣ барои занҳо, дар бозори меҳнати бахши хусусӣ ба онҳо афзалият дода мешавад;

2) маҳдуд будани дастрасии қарз аз сабаби надоштани маълумот ва малакаи мувофиқ барои рушди тиҷорати хусусӣ.

Мувофиқи тадқиқоти олими рус Морозова Н.Н. тағйироти дар боло қайдшуда тамоюлҳои ба худ хосро ба миён меоварад, ки он, пеш аз ҳама, бо мушкилот дар соҳаи шуғл ва вазъи иқтисодии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад:

«- ташвишовар гардидани тамоюли зиёдшавии миқдори занон аз ҳисоби сатҳи камбизоатӣ;

- коҳишёбии сатҳи рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат зимни гузаштан ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ» [95].

Лозим ба ёдоварист, ки ҳамаи ин дигаргуниҳо ва душвориҳои давраи гузариш дар ин ё он шакл ба ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла ба Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон,

Қирғизистон ва ғайра низ хос аст.

Тавре ки дар тадқиқоти муҳаққиқи Федератсияи Русия муайян карда мешавад, «сохторҳои ташкилӣ ва механизмҳои миллии институтсионалӣ дар самти пешрафти занон дар раванди мониторинг, ҳамоҳангсозӣ ва банақшагирии чорабиниҳо ҷиҳати расидан ба рушди устувори кишвар аҳаммияти муҳим доранд» [65]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нақши муҳимро Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозад. Ин ниҳод барои беҳтар кардани мавқеи занон дар ҷомеа фаъолият мекунад ва масъули пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон ва оила мебошад.

Самтҳои асосии кори он ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон, таъмини баробарии гендерӣ ва дастгирии иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, кумита кӯшиш мекунад, ки занон бештар ба идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб гардида, дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми ҷомеа саҳми назаррас гузоранд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон тадбирҳои муайяни ҳуқуқӣ андешида шудаанд. Мувофиқи моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз ҷинс, миллат, забон, дин, нажод, сатҳи таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ дорои ҳуқуқу озодиҳои баробар мебошанд.

Тавре ки дар тадқиқоти муҳаққиқи ватанӣ Юсупова Ш. қайд мегардад «дар ин замина соли 2005 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо» қабул гардид. Мувофиқи ин қонун давлат таъмини имкониятҳои баробари занону мардонро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла хизмати давлатӣ, соҳаҳои иҷтимоию

иқтисодӣ, ҳуқуқи интихоб ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа кафолат медиҳад» [120].

Илова бар ин, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қабул ва татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси оила ва Кодекси меҳнат, бо назардошти хусусиятҳои биологӣ ва вазифаҳои репродуктивии занон тадбирҳои ҳифзӣ ва имтиёзҳои муайянро пешбинӣ намудааст, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон ва беҳтар намудани шароити фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд [10].

Масъалаҳои вобаста ба пешгирӣ ва бартараф намудани зӯроварӣ нисбати занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузориши Ҳукумати кишвар дар Иҷлосияи 71-уми Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, ки моҳи ноябри соли 2018 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бо дарназардошти тавсияҳои зикршуда, соли 2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи миллии амалро қабул кард, ки ба иҷрои тавсияҳои ниҳоии Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон равона шудааст. Лоиҳаи ин ҳуҷҷат бо иштироки васеи созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии фаъол дар соҳаи гендерӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои асосии ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои занонро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ дар бар гирифт. Айни замон ин нақша аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, дар амал татбиқ мегардад.

Ҳамзамон, дар доираи барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби фаъолонаи занон ба фаъолияти меҳнатӣ як қатор чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, ба роҳ мондани тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии занон аз рӯи ихтисосҳое, ки ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ мебошанд. Дар ин бора муҳаққиқи ватанӣ дуруст қайд менамояд, ки «дар ҷомеаи муосир масъалаҳои зиёде дар фазои иҷтимоии занҳо вуҷуд доранд, ки онҳоро метавон чунин баррасӣ намуд: шароит ва ташаккули фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии занон; мавқеи занон дар ҷомеаи

муосир ва хусусиятҳои хоси танзими фаъолияти занон; баробарии гендерӣ ва дурнамои ҳалли онҳо; зӯроварии шифоҳӣ ва ҷисмонӣ нисбати занон дар оила ва ҷомеа; заминаҳои ҳуқуқӣ барои рафъи табъиз нисбати занон ва ғайра» [97, 232]. Ин тадбирҳо ба беҳтар гардидани сатҳи шуғли занон, баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии онҳо ва таҳкими мавқеи иҷтимоии занон дар ҷомеа мусоидат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 инҷониб Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон фаъолият мекунад, ки рисолати он густариши ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон дар бозори меҳнат ва мусоидат ба дастрасии занон ба таҳсил мебошад. Ин созмон ҳамчунин ба рушди қобилияти соҳибкорӣ дар байни занҳо низ мусоидат менамояд. Фаъолияти АМЗСТ ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

«- ба занону духтарон омӯзонидани малакаҳои соҳибкорӣ;

- ҷалб намудани занон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва расонидани дастгирии ҳамаҷониба ба онҳо;

- таъсис додани иттиҳодия ё шабакаҳои занони соҳибкор барои мубодилаи таҷриба ва ҳамкории мутақобила;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории занона;

- тақвият бахшидан ба қобилият ва неруи соҳибкории занон;

- татбиқи механизмҳои муассир, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии занон равона шудаанд ва ғайра» [42, 91-92].

Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон ва бисёр созмонҳои байналмилалӣ, ҳамзамон, ташкилотҳои молиявӣ низ лоиҳаҳои гуногунро амалӣ намуда истодаанд, ки ҳадафи онҳо беҳтар намудани вазъи иҷтимоии занон, таъмини баробарии гендерӣ ва дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар мебошад. Дар байни лоиҳаҳое, ки барои рушди соҳибкории занона дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз ҷониби АМЗСТ дар солҳои соҳибихтиёрӣ амалӣ гардидаанд, инҳоро метавон қайд кард:

– Занҳо ва соҳибкорӣ, 1995 (шарики лоиҳа Фонди Авруосиё) – дастгирии занони бекор;

– Ташкили шароити мусоид барои рушди соҳибкории занона ва татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодии занҳо, 2000 (шарики лоиҳа Фонди рушди занҳои СММ);

– Рушди фазои фаъолияти занон тавассути густариши муносибатҳои тиҷоратии байни Тоҷикистон ва Афғонистон, с.2013;

– Рушди соҳибкории занона, маблағгузории хурд барои меҳнати шоиста, 2009-2012 (шарики лоиҳа СБМ);

– Рушди муҳити соҳибкории занона тавассути таҳкимбахшии муносибатҳои тиҷоратии байнидавлатӣ байни Афғонистон ва Тоҷикистон, 2013 ва ғайраҳо [42, 98-106].

Бо баробари ин дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла соҳибкории занон аз институтҳои ҷаҳонӣ низ вобаста мемонад. Муҳаққиқи ватанӣ Самиров Б.А. фаъолияти соҳибкориро дар шароити аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СУС таҳқиқ намуда, чунин қайд менамояд «Солҳои охир фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз маҳдудиятҳои сохторӣ, институтсионалӣ ва иқтисодии хориҷӣ, тамоюли устувори густаришро нишон медиҳад. Корхонаҳои хурду миёна (КХМ) асоси соҳибкории мамлакат ва қисми зиёди шуғлро дар бахши хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, тамаркузи зиёди соҳибкорӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки соҳаи истеҳсолӣ суст инкишоф меёбад. Тамоюлҳои мусбӣ инҳоро дар бар мегиранд:- афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкорони инфиродӣ, ки ба қайд гирифта шудаанд; - фаъолсозии соҳибкории занон ва ҷавонон бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ; - тавсеаи хизматрасонищои рақамӣ барои соҳибкорон, аз ҷумла бақайдгирии электронӣ, пешниҳоди

эъломияҳои андоз ва дастрасӣ ба хизматрасонищои давлатӣ; - иштироки бахши хусусӣ дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва содиротӣ, махсусан дар бахшҳои кишоварзӣ ва нассоҷӣ» [49, 351-352].

Олими рус Морозова Н.Н. дуруст қайд менамояд, ки «дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ масъалаи ташаккули муҳити институтсионалӣ барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории занон, аҳаммияти махсус пайдо мекунад» [95]. Институтҳо ҳамчун маҷмуи қоидаҳо, меъёрҳо, ташкилотҳо ва механизмҳое баррасӣ мешаванд, ки рафтори иқтисодии субъектҳои бозорро танзим намуда, ба рушди фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Аз нуқтаи назари назарияи институтсионалӣ, институтҳо муҳити муайяни иҷтимоӣ ва иқтисодиро ташкил медиҳанд, ки дар доираи он фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мегардад. Маҳз ҳамин муҳити институтсионалӣ имкониятҳо ва маҳдудиятҳои фаъолияти соҳибкориро муайян намуда, ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсири назаррас мерасонад.

Дар илми иқтисод институтҳо одатан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд: институтҳои расмӣ ва институтҳои ғайрирасмӣ. Институтҳои расмӣ аз қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ иборат мебошанд, ки мо онҳоро аллакай дар боло таҳлил кардем. Институтҳои ғайрирасмӣ бошад, маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва муносибатҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, ки ба рафтори иқтисодии шахсони алоҳида таъсир мерасонанд. Дар маҷмуъ, ҳам институтҳои расмӣ ва ҳам институтҳои ғайрирасмӣ ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодии занон таъсири назаррас доранд.

Нақши институтҳои расмӣ дар рушди соҳибкории занон пеш аз ҳама бо ташаккули муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодии мусоид алоқаманд мебошад. Дар ин ҷо бояд таъкид намоем, ки устувории қонунгузорӣ сифати ин институтҳоро муайян мекунад ва дар рушди иқтисодӣ аҳаммияти калон доранд. Айнан ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доираи

фаъолияти соҳибкории занонро ташкил мекунад, ки ин доира ҳам ҳавасмандӣ ва ҳам ҷанбаҳои ӯҳдадории соҳибкории занонро ташкил менамояд.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар ин самт аз он шаҳодат медиҳад, ки «рушди соҳибкорӣ дар бисёр кишварҳо аз самаранокии аъолияти институтҳои расмӣ вобаста мебошад. Қонунгузории мукаммал, сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори соҳибкорӣ метавонанд ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, нақши давлат дар рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории занон, аҳамияти муҳим дорад. Яке аз институтҳои асосии расмӣ, ки фаъолияти соҳибкориро танзим менамояд, қонунгузорӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ба рушди соҳибкорӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мараторий ва санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ», дигар санадҳои меъёрӣ барои рушди соҳибкорӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд. Ин қонунҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибкоронро муайян менамоянд. ҳамчунин онҳо механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкориро муқаррар мекунанд» [4-М, 303].

Дар вилояти Суғд низ рушди соҳибкории занон дар доираи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ амалӣ мегардад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва дигар институтҳои расмӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории занон шароити мусоид фароҳам меоранд. Бо истифода аз барномаҳои омӯзишӣ, машваратҳои иқтисодӣ, грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок, занон имконият пайдо мекунанд, ки фаъолияти соҳибкории худро оғоз намуда, тадриҷан онро рушд диҳанд. Ҳамзамон, дастгирии институтсионалӣ, бахусус дар самти дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ ва

такмили малакаҳои соҳибкорӣ, метавонад ба баланд шудани самаранокии фаъолияти соҳибкории онҳо мусоидат намояд.

Тадқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ, имкониятҳои омӯзиш ва дастгирии институтсионалӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳимми рушди фаъолияти соҳибкории занон ба ҳисоб меравanд. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз набудани дастрасии кофӣ ба маблағгузорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ метавонад монеаи ҷиддӣ барои рушди соҳибкории занон гардад.

Дар баробари институтҳои расмӣ, «институтҳои ғайрирасмӣ метавонанд ба рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон, таъсири назаррас расонанд. Ба чунин институтҳо одатан анъанаҳои фарҳангӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, муносибати ҷомеа ба фаъолияти иқтисодии занон, дастгирии оила ва сармояи иҷтимоӣ дохил мешаванд. Ин омилҳо метавонанд ҳам имкониятҳо ва ҳам маҳдудиятҳоро барои рушди фаъолияти соҳибкории занон фароҳам оваранд» [4-М, 301]. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз институтҳои ғайрирасмӣ метавонанд ба фаъолияти соҳибкории занон таъсири назаррас расонанд, зеро онҳо муносибати ҷомеа нисбат ба нақши зан дар иқтисодиёт ва соҳибкориро муайян мекунанд.

Яке аз муҳимтарин институтҳои ғайрирасмӣ дастгирии оила мебошад. Оила ҳамчун муҳити иҷтимоии наздик метавонад ба фаъолияти иқтисодии занон таъсири назаррас расонад. Дастгирии фаъолияти соҳибкории зан аз ҷониби оила метавонад ба муваффақияти фаъолияти иқтисодии ӯ мусоидат кунад. Баръакс, набудани чунин дастгирӣ метавонад дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод намояд. Тадқиқот нишон медиҳанд, ки хусусиятҳои оилавӣ ва дастгирии аъзои оила метавонанд ба самаранокии фаъолияти соҳибкории занон таъсири мусбат расонанд.

Омили дигари муҳимми институтсионалии ғайрирасмӣ сармояи иҷтимоӣ мебошад. Сармояи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои ҳамкорӣ баррасӣ мешавад, ки ба субъектҳои

иқтисодӣ дастрасиро ба захираҳо, иттилоот ва имкониятҳои нав фароҳам меорад [93]. Барои занони соҳибкор сармояи иҷтимоӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро дар бисёр ҳолатҳо онҳо ба захираҳои молиявӣ ва иқтисодӣ дастрасии маҳдуд доранд.

Ҳамчунин, тавре ки Ражнева Ю.А. исбот менамояд, «стереотипҳои гендерӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ нисбат ба фаъолияти иқтисодии занон метавонанд ба рушди соҳибкории занон таъсири муайян расонанд» [69, 7]. Дар баъзе ҷомеаҳо анъанаҳои фарҳангӣ метавонанд иштироки занонро дар фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд намоянд. Аммо дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ ва баланд гардидани сатҳи маърифати иқтисодӣ чунин маҳдудиятҳо тадриҷан кам мегарданд ва занон имконият пайдо мекунанд, ки дар фаъолияти иқтисодӣ фаъолона иштирок намоянд.

Дар вилояти Суғд институтҳои ғайрирасмӣ бо хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа алоқаманд мебошанд. Анъанаҳои миллӣ, муносибати ҷомеа нисбат ба фаъолияти иқтисодии занон ва сатҳи дастгирии иҷтимоӣ метавонанд ба рушди соҳибкории занон таъсири назаррас расонанд. Дар баробари ин, рушди тадриҷии муносибатҳои бозорӣ ва афзоиши фаъолияти соҳибкории занон ба тағйир ёфтани муносибати ҷомеа нисбат ба нақши зан дар иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти таҳлили муҳити институтсионалӣ олими рус Ражнева Ю.Н. хулоса мекунад, ки «рушди соҳибкории занон дар минтақа аз ҳамкории мутавозини институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ вобаста мебошад. Институтҳои расмӣ тавассути ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меоранд» [69]. Институтҳои ғайрирасмӣ бошад, тавассути меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба рафтори иқтисодии занон таъсир мерасонанд.

Дар ин ҷо мо бо Ражнева Ю.А. розӣ мебошем, ки «барои рушди устувори соҳибкории занон зарур аст, ки ҳам механизмҳои расмии

дастгирии соҳибкорӣ такмил дода шаванд ва ҳам муҳити иҷтимоӣ барои иштироки фаъолонаи занон дар иқтисодиёт мусоид гардонида шавад. Ба андешаи мо, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ рушди соҳибкории занон метавонад ба баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, диверсификатсияи иқтисодиёти минтақа ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мусоидат намояд» [69]. Аз ин рӯ, таҳкими муҳити институтсионалии дастгирии соҳибкории занон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Тақвияти муҳити институтсионалӣ метавонад тавассути такмили сиёсати давлатӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодии занон ва рушди шабакаҳои ҳамкории соҳибкорон амалӣ гардад.

Дар хотимаи ин фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд менамоем, ки аҳаммияти ҷалби занҳо ба муҳити соҳибкорӣ имрӯз дар тамоми ҷаҳон эътироф шудааст. Аз ин рӯ, соли 2019 дар Иҷлосияи 74-уми Маҷмааи Умумии СММ «Барномаи дастгирии соҳибкории занона» таҳия ва роҳандозӣ гардид, ки ҳадафи он ба ҳадди аксар расонидани таъсири соҳибкории занона барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор тавассути ташкили экосистемаи мусоид барои занҳои соҳибкор дар саросари ҷаҳон мебошад. Рушди соҳибкории занон яке аз василаҳои асосии ҳалли муаммоҳои зиёди сиёсати гендерӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Масалан, он ба васеъ намудани имкониятҳои занон дар бозори меҳнат ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар шуғл мусоидат намуда, имкониятҳои дастрасиро ба захираҳои қарзӣ ва баланд бардоштани истиқлолияти молиявӣ васеъ менамояд.

# БОБИ II. ҲОЛАТИ МУОСИР, ТАМОЮЛҲО ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Заминаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд

Вазъи муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти ҳар як давлати алоҳида, инчунин минтақаҳои он ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Таъсири мусбат аз ҷумла дар кушодани имкониятҳои нави рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ зоҳир мегардад. Зимни ин, раванди ҷаҳонишавӣ аз сабаби баландшавии рақобати ҷаҳонӣ дар пурзӯршавии фаъолият, боиси ба миён омадани муаммоҳо ва даъватҳое, аз қабили барҳам додани ҷойҳои корӣ ва афзоиши сатҳи бекорӣ гардидааст. Дар ин гуна шароит ба давлатҳои дар ҳоли тараққӣ, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи афзалиятҳои мутлақи худ дар бозори ҷаҳонӣ хеле муҳим мебошад, зеро ин ба дохилшавии мамлакат ба раванди сармоягузории ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати ба фазои сармоягузорӣ ворид нашудан, иқтисодиёти миллӣ бо дурнамои манфӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ба андешаи коршиносони Комиссияи ҷаҳонӣ оид ба ҷанбаҳои иҷтимоии ҷаҳонишавӣ, нишондиҳандаҳои пасти молиявӣ, инчунин вазъи ғайричашмдошти шуғл ва мубориза бо камбизоатӣ аломати ноодилонаи раванди ҷаҳонишавӣ мебошанд [174].

Дар иртибот ба ин нукта, дар гузоришоти Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) дар соҳаи баробарии гендерӣ қайд шудааст: “Дар он кишварҳое, ки ҷаҳонишавӣ таъсири мусбат расонидааст, меҳнаткашон метавонанд оқибатҳои манфии онро эҳсос кунанд, зеро раванди ҷаҳонишавӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ бидуни зиёдшавии миқдори ҷойҳои корӣ мусоидат намуда, ба пайдоиши масъалаи ворид намудани тасҳеҳот ва мутобиқшавии бозори меҳнат оварда расонад.

Бартарихо ва камбудиҳои ҷаҳонишавӣ дар воқеият байни шаҳрвандони алоҳидаи як кишвар нобаробар тақсим мешаванд, ҳатто дар ҳолате, ки дар маҷмуъ, кишвар фоида ба даст меорад. Ҷудо кардан ба ғолибон ва мағлубон бештар дар бозори меҳнат ба мушоҳида мерасад, ки дар баробари ташкили як ҷойҳои корӣ ихтисорӣ ҷойҳои дигар ба назар мерасад. Раванди ташкил ва барҳамхӯрии ҷойҳои корӣ дар як бахши иқтисодӣ, минтақаи кишвар ва ё дар як ширкат рух намедиҳад. Ҳамчунин, ин ду раванд дар як вақт ба амал намеоянд. Дар баъзе ҳолатҳо ҷойҳои корӣ дар як кишвар барҳам дода шуда, дар кишвари дигар ташкил карда мешаванд. Одатан, ҷойи кори барҳамдода ва таъсисёфта, аз ҳамдигар бо сатҳи музди меҳнат, тахассуси зарурӣ, талабот ба синну сол ва ҷинси корманд ва ғайра фарқ мекунад [9].

Дар ин ҷо мо бо ақидаҳои Ражнева Ю.А. пурра розӣ мебошем, зеро «дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ нақши соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории инфиродӣ, дар рушди иқтисоди миллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ торафт бештар мегардад» [69]. Фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо ба афзоиши истеҳсоли молу хизматрасониҳо мусоидат менамояд, балки ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми танзими бозори меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ баромад мекунад. Бинобар ин таҳлил ва баҳогузории фаъолияти сотибкорӣ дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аҳаммияти муҳим пайдо менамояд. Дар ҷадвали 2.1 нишондиҳандаҳои асосии вобаста ба ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ дар ташаккули ММД  Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои гуногун оварда шудаанд.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 2.1 метавон гуфт, ки ҳиссаи соҳибкорӣ дар ММД назаррас буда, зиёдшавӣ низ ба мушоҳида мерасад, ҳарчанд ки дар давоми 10 соли охир ин зиёдшавӣ на он қадар назаррас буд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи фаъолияти шахсоне, ки бо соҳибкории инфиродӣ машғуланд, нисбат ба ММД 28,8 %-ро ташкил дода бошад, соли 2024 ин

нишондиҳанда ба 32,6 % расида, зиёда 3 % афзоиш ёфтааст. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки бахши соҳибкории инфиродӣ (шахсоне, ки тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият доранд) дар ММД-и кишвар саҳми назаррас мегузорад, ки он тақрибан 30% -ро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 2.1. - Ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
| ММД (млн. сомонӣ) | 50977,8 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 130791,5 | 153402,2 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | 6031,7 | 8580,1 | 8922,2 | 10312,0 | 11808,0 | 12868,8 | 14752,5 |
| Соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар) | 243,8 | 295,7 | 304 | 307,8 | 307,2 | 316,5 | 330,2 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ (млн. сомонӣ) | 1470,53 | 25371,4 | 27123,5 | 31046,9 | 36272,4 | 40730 | 49981,2 |
| Ҳиссаи фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба ММД % | 28,8 | 32,1 | 32,3 | 31,4 | 31,3 | 31,1 | 32,6 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [25, 114]; [8, 232], [16]

Дар асоси ин методология ҳиссаи соҳаи соҳибкорӣ дар ММД-и вилояти Суғдро низ таҳлил кардан мумкин аст. Азбаски мавзуи асосии таҳқиқоти мо ба соҳибкории занон бахшида шудааст, мо ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ ҳиссаи иштироки занон дар соҳибкориро нисбат ба ММД муайян намудем. Вазъи умумиро нисбат ба ММД дар соҳибкории занона метавон аз рӯйи ҷадвали зерин мушоҳида намуд.

Аз маълумоти ҷадвал равшан мешавад, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ марҳалаи бунёдкорӣ ва рушд ба назар мерасад, ки ин дар нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақа ифода ёфтааст. Аз ҷумла, маҷмуи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 дар умум 7,4 баробар афзуд.

**Ҷадвали 2.2. - Саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
| МММ (млн. омонӣ ) | 5716,2 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 | 42433,3 |
| Миқдори аҳолӣ, ҳаз. наф. | 2247,6 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 | 2917,3 | 2966,1 |
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | 2543,2 | 7769,3 | 9726,1 | 11128,6 | 12088,4 | 14306,1 |
| Шумораи умумии соҳибкорон | 34820 | 111028 | 121332 | 123100 | 113847 | 117419 |
| Аз ҷумла занон | 615 | 5872 | 8433 | 8789 | 9228,4 | 40208 |
| Ҳиссаи занон дар сохтори умумии соҳибкорӣ (%) | 17,7 | 32 | 33 | 34 | 36 | 14,2 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [26, с.103], [8, с.9, 233]

Новобаста аз зиёдшавии аҳолӣ, МММ ба ҳар сари аҳолӣ низ натиҷаҳои хуби мусбатро нишон додааст. Дар давраи зикршуда ин нишондиҳанда 5,6 баробар зиёд гардидааст. Ногуфта намонад, ки дар беҳтар шудани ин нишондиҳандаҳо бахши соҳибкорӣ нақши назаррас дорад. Мутобиқи баъзе ҳисобҳо, дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ беш аз 90% нишондиҳандаҳои умумии фаъолият (ММД, МММ ва ғайра) ба бахши соҳибкорӣ рост меояд. Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳиссаи соҳибкории занон дар давраи баррасишаванда нисбат ба шумораи умумии соҳибкорон тамоюли афзоиши устувор дорад. Масалан, агар дар соли 2010 ҳиссаи соҳибкории инфиродии занона 1,77 %-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 он ба 36,0 % расидааст, яъне афзоиш ба 2,0 баробар аст. Бо назардошти вазъи кунунии рушди иқтисод метавон ба хулосае омад, ки ин нишондиҳандаҳо тамоюли устувори болоравӣ доранд.

Тағйироту ислоҳот дар ҷаҳон ба тамоюли шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсир расонидааст. Тағйироти сохторие, ки дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар натиҷаи ислоҳот ба вуҷуд омад, дар марҳилаи аввал ба

монеъҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда буд. Оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба кам шудани ҳаҷми истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ оварда расонид, ки дар натиҷа дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ хеле паст шуд. Сатҳи бекорӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт афзоиш ёфт. Ин вазъият дар кишвар боиси ба миён омадани чунин мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили зиёдшавии ҷиноят, нашъамандӣ, фоҳишагарӣ, майзадагӣ, дуздӣ, қаллобӣ ва ғайра гардида буд.

Дар қатори муаммоҳои зикршуда оқибатҳои дигари тағйироти сохторӣ, аз қабили камшавии хароҷоти иҷтимоӣ низ ба назар мерасад, ки маънои ба охир расидани давраи муассисаҳои томактабии ройгон ва камхарҷро дошт, ки ба шуғли занон дар иқтисодиёт таъсири назаррас расонида буд. Миқдори зиёди корхонаҳо маҷбур шуданд, ки ҳаҷми хизматрасониро ба коргарон, аз ҷумла ёрдампулиро ба модарон кам кунанд. Бинобар ин, ба дӯши занон ҳам дар кор ва ҳам дар хона бори дучанд меафтод, зеро зимни масъалагузорӣ оид ба инкишофи онҳо дар наздашон интихоби душвор – ё оила ё касб ба миён меояд. Монеаи дигар дар шароити онвақта барои занон дар он буд, ки ҷойҳои кории нопурра кам буд ва роҳбарони бахшҳои тиҷоратӣ ва хусусӣ кӯшиш мекарданд, ки коргаронашон ба вақти пурраи корӣ кунанд ва дар ҷойи кор нишондодҳои беҳтареро таъмин намоянд.

Маълумоти дар ҷадвали 2.3 нишон медиҳад, ки дар минтақа барои ташаккул ва рушди соҳибкории занон заминаҳои базавӣ вуҷуд дорад, зеро омилҳои демографӣ, бозори меҳнат ва рушди бахши хусусӣ сатҳи иштироки занонро дар фаъолияти иқтисодӣ возеҳан инъикос менамоянд.

**Ҷадвали 2.3. - Заминаҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Тағйирёбӣ дар соли 2024 нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ, ҳазор нафар | 2658,4 | 2707,3 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 | 2917,3 | 2966,1 | 111,6 |
| Аз он ҷумла, мардон, ҳазор нафар | 1339,3 | 1366,6 | 1387,8 | 1426,5 | 1449,3 | 1474,8 | 1497,9 | 111,8 |
| Занон, ҳазор нафар | 1319,1 | 1340,7 | 1365,3 | 1397,4 | 1420,7 | 1442,5 | 1468,2 | 111,3 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар | 52,5 | 52,2 | 48,9 | 42,4 | 48,0 | 48,9 | 51,1 | 97,3 |
| Шумораи субъектони соҳибкорӣ | 52009 | 55214 | 58020 | 61010 | 64103 | 68076 | 72054 | 138,5 |
| Аз он ҷумла соҳибкорзанон | 15 600 | 17 050 | 18 561 | 20130 | 21760 | 23882 | 25929 | 166,2 |
| Саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ, % | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 120,0 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [4, 23] (омори солонаи вилояти Суғд / Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2025. – С.11, 80-89.)

Пеш аз ҳама, аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар солҳои 2018-2024 дар вилояти Суғд афзоиши мунтазами шумораи аҳолӣ мушоҳида мегардад. Агар дар соли 2018 шумораи аҳолии доимии вилоят 2658,4 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 2966,1 ҳазор нафар расидааст. Яъне, дар давраи  мавриди таҳлил шумораи аҳолии минтақа 307,7 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Афзоиши шумораи аҳолӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 111,6 фоизро ташкил медиҳад, ки ин аз афзоиши устувори демографӣ шаҳодат медиҳад. Афзоиши шумораи аҳолӣ ба васеъ гардидани захираҳои меҳнатӣ мусоидат намуда, дар баробари ин талаботро ба ҷойҳои нави корӣ зиёд менамояд. Дар чунин шароит рушди фаъолияти соҳибкорӣ яке аз роҳҳои муҳимми таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ба ҳисоб меравад.

Дар сохтори гендерии аҳолӣ низ тағйироти муайян ба назар мерасад. Тибқи маълумоти ҷадвал, дар соли 2018 шумораи мардон 1339,3 ҳазор нафар ва шумораи занон 1319,1 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар соли 2024 бошад, шумораи мардон ба 1497,9 ҳазор нафар ва шумораи занон ба 1468,2 ҳазор нафар расидааст. Аз ин бармеояд, ки дар давраи мавриди таҳлил шумораи занон 149,1 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки занон қисми назарраси захираҳои меҳнатиро ташкил дода, мувофиқи тасдиқҳои Ражнева Ю.Н. «метавонанд дар рушди иқтисоди минтақа нақши фаъол дошта бошанд. Афзоиши шумораи занон дар ҷомеа зарурати фароҳам овардани имкониятҳои бештарро барои ҷалби онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, ба миён меорад» [69].

Нишондиҳандаи муҳимми демографӣ – афзоиши табиии аҳолӣ низ дар ҷадвал инъикос ёфтааст. Тибқи маълумот, дар соли 2018 афзоиши табиии аҳолӣ 52,5 ҳазор нафарро ташкил додааст. Дар солҳои минбаъда ин нишондиҳанда каме тағйир ёфта, дар соли 2021 то 42,4 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст, аммо дар солҳои баъдӣ боз афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 51,1 ҳазор нафар расидааст. Ин нишон медиҳад, ки афзоиши табиии

аҳолӣ дар вилояти Суғд дар маҷмуъ дар сатҳи нисбатан устувор нигоҳ дошта шудааст. Мувофиқи таҳқиқоти муҳаққиқони Қазоқистон дар мамлакатҳои ИДМ дар оғози асри XXI «афзоиши табиии аҳолӣ боиси зиёд гардидани шумораи аҳолии қобили меҳнат гардида, зарурати рушди бозори меҳнат ва ташкили ҷойҳои нави кориро ба миён меорад. Дар чунин шароит фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурд ва миёна, метавонад ба ҷалби аҳолӣ ба фаъолияти меҳнатӣ мусоидат намояд» [98].

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди иқтисодии минтақа шумораи субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар солҳои мавриди таҳлил шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар вилояти Суғд мунтазам зиёд гардидааст. Агар дар соли 2018 шумораи онҳо 52 009 адад бошад, пас дар соли 2024 ба 72 054 адад расидааст. Яъне, дар давоми ҳафт сол шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёда аз 20 ҳазор адад афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл аз рушди фаъоли бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ дар минтақа шаҳодат медиҳад. Афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ барои рушди иқтисоди маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар баробари рушди умумии фаъолияти соҳибкорӣ, афзоиши шумораи занони соҳибкор низ ба назар мерасад. Аз маълумоти ҷадвали 2.3. бар меояд, ки дар ҷумҳурӣ шумораи занони соҳибкор дар давраи 2018-2024 аз 15 600 нафар то 25 929 нафар расидааст. Яъне, дар давраи таҳлилшаванда шумораи занони соҳибкор зиёда аз 10 ҳазор нафар зиёд шудааст. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки занон дар фаъолияти соҳибкорӣ бештар иштирок намуда, нақши онҳо дар рушди бахши хусусии иқтисоди минтақа тадриҷан зиёд мегардад.

Афзоиши шумораи занони соҳибкор ба зиёд гардидани саҳми онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ низ мусоидат намудааст. Тибқи маълумоти ҷадвал, саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ аз 30 фоиз дар соли 2018 то 36 фоиз дар соли 2024 зиёд шудааст. Ин нишон медиҳад, ки дар

давоми ҳафт сол саҳми занон дар соҳибкорӣ 6 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Чунин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки занон тадриҷан ба фаъолияти соҳибкорӣ бештар ҷалб гардида истодаанд ва барои онҳо шароити нисбатан мусоид фароҳам омадааст.

Афзоиши иштироки занон дар фаъолияти соҳибкорӣ бо як қатор омилҳо вобаста мебошад. Аз ҷумла, дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ ҷиҳати дастгирии занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа амалӣ мегардад.

Дар вилояти Суғд занон бештар дар соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ фаъолият менамоянд. Ин соҳаҳо нисбатан сармояи кам талаб намуда, барои рушди соҳибкории хурд ва оилавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Дар бисёр ҳолатҳо занон фаъолияти соҳибкории худро дар шакли соҳибкории инфиродӣ ё соҳибкории оилавӣ амалӣ менамоянд, ки ин ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодии оилаҳо ва баланд гардидани сатҳи даромади аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд барои рушди соҳибкории занон заминаҳои мусоид ташаккул ёфта истодаанд. Афзоиши аҳолӣ, зиёд гардидани захираҳои меҳнатӣ, рушди бахши хусусӣ ва зиёд гардидани шумораи субъектҳои соҳибкорӣ барои иштироки занон дар фаъолияти иқтисодӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир дар вилояти Суғд раванди фаъол гардидани занон дар фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида мешавад. Ин раванд ба рушди иқтисодии минтақа, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар навбати худ, тақсимоти истеҳсолӣ ва касбӣ аз нуқтаи назари гендерӣ хусусияти хоси бозорҳои меҳнат аст ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин қатор истисно нест. Новобаста аз зиёдшавии иштироки занон дар қувваи корӣ, занҳо бештар дар корҳои

тасодуфӣ, каммузд ва бехатар машғуланд, ки аксар вақт ба таври анъанавӣ “кори занона” (яъне ба кори хонагии бемузд ва монанди онҳо), ҳисобида мешаванд (ниг.ба ҷадвали 2.4.). Ғайр аз ин, занҳо майл доранд, ки на дар мансабҳои баландтар, балки дар вазифаҳои поинтар кор кунанд. Азбаски дар Тоҷикистон соатҳои тулонии корӣ ҷоиз аст, занҳо аз вақти изофа кор намекунанд ва аз ин рӯ, бисёре аз занон ба хотири кӯтоҳ кардани вақти корӣ дар бахши ғайрирасмии иқтисод хоҳиши фаъолият намудан доранд. Омили дигари муҳим муҳоҷират аст, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба далели ҳолати ногувор дар бозори меҳнат зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.4. - Ҳиссаи занҳои кироякор аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ (дар шумораи умумии шуғли аҳолӣ) дар вилояти Суғд**

| | **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми намудҳои фаъолият | ҳамагӣ коргари кироя (ҳазор нафар) | 402.0 | 402.7 | 408.2 | 421,5 | 432.4 | 438,0 | 435,0 | 438,5 | 450,4 |
| | аз ҷумла занон (ҳазор нафар) | 218,8 | 156.1 | 193.6 | 186.1 | 196.6 | 204.4 | 204,9 | 205,0 | 207,3 |
| | ҳиссаи занон дар шумораи умумӣ (%) | 54.4 | 38.8 | 47.4 | 44.2 | 45.5 | 46.7 | 46,7 | 46,8 | 46,0 |
| Бахши вокеӣ | ҳамагӣ коргари кироя(ҳазор нафар ) | 256,5 | 255.4 | 258,8 | 271.4 | 281,7 | 283.6 | 286,4 | 287,3 | 293,2 |
| | аз ҷумла занон (ҳазор нафар) | 123,3 | 74.1 | 107.4 | 98,9 | 109.1 | 114.5 | 115,5 | 115,7 | 115,6 |
| | ҳиссаи занон дар шумораи умумӣ (%) | 48.1 | 29.0 | 41.5 | 36.4 | 38.7 | 37.9 | 40,3 | 40,3 | 39,4 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20, 81-87], [8, 9]

Баъди ба даст овардани истиқлолият ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ вазъият дар кишвар аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле бад гардид. Мардум ба сабаби надоштани имконияти даромад маҷбур шуданд, ки ба кишварҳои дигар муҳоҷират кунанд. Сабаби дигари зиёдшавии муҳоҷират афзоиши аҳолӣ ва маҳдуд будани имкониятҳои шуғл буд. Ногуфта намонад, ки баробари зиёд гардидани тамоюли муҳоҷирати мардон ба хориҷи кишвар, оқибат занҳо ба корҳои мардон машғул шуда буданд ва ин боиси коҳишёбии саломатӣ ва дарозумрии байни занон шуда буд.

Меъёрҳои иҷтимоие, ки дар мамлакат амал мекунанд, то як дараҷа ба тақсимоти меҳнат дар оила, яъне вазифаҳои хоҷагӣ ва ғамхорӣ таъсир мерасонанд. Бояд гуфт, ки дар оилаҳои тоҷик як қатор меъёри иҷтимоӣ, ба мисли тақсимоти нобаробари вазифаҳо дар оила заминаҳои бунёдӣ дорад ва маъмулан дар хонаводa кори бемуздро салоҳияти зан медонанд (чунин меъёрҳо дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд).

Рушди соҳибкории занон метавонад бо як қатор монеаҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ маҳдуд гардад, ки асосан ба равандҳои воридшавии корхонаҳо ба бозор ва тавсеаи фаъолияти онҳо вобаста мебошанд. Тавре ки муҳаққиқи ватанӣ Асрорзода А.С. қайд мекунад, «новобаста аз тадбирҳои пайвастаи давлат ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, то ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд. Аз ҷумла, маҳдуд будани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ ва гирифтани қарзҳои дарозмуддати бонкӣ, сатҳи нисбатан нокифояи рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд» [62, 4]. Ин омилҳо метавонанд ба паст гардидани фаъолият ва ташаббусҳои соҳибкорон таъсир расонанд. Маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар бораи шумораи заноне мебошад, ки бо кори кироя аз рӯйи намудҳои фаъолияти гуногуни иқтисодӣ машғуланд, исботи ин гуфтаҳо мебошад.

Тибқи маълумоти ҷадвали 2.4, мо ба хулоса омадем, ки ҳиссаи занҳое, ки дар бахши воқеии иқтисодиёт дар вилояти Суғд дар солҳои 2015 то 2024 кор мекардаанд, хусусияти нобаробар ва хаотикӣ дорад, яъне дар баъзе солҳо тамоюли афзоиш мушоҳида мешавад дар баъзе солҳо бошад камшавӣ ба назар мерасад, аммо тафовут дар нишондиҳанда зиёд нест. Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, соли 2015 шумораи коргарони кироя дар умум дар вилояти Суғд 402,0 ҳазор нафар, аз ҷумла занон ба 218,8 ҳазор нафар буд, ки ин ба 54,4% баробар

буд. Дар соли 2024 бошад, теъдоди умумии коргарони кироя 450,4 ҳазор нафар буд, аз онҳо 207,3 ҳазор нафар  коргари кирояро занон ташкил карданд, ки ба ҳисоби фоиз он ба 46,0 % рост меояд. Тибқи додаҳои омории ҷадвал солҳои 2015-2024 шумораи умумии занони кироякори вилояти Суғд, аз 218,8 ҳазор нафари соли 2015 то 207,3 ҳазор нафари дар соли 2024 коҳиш ёфтааст.

Саҳми занҳое, ки дар бахши воқеӣ кор мекунанд, бо рақамҳои мутлақ дар солҳои мавриди баррасӣ тамоюли гуногун дорад. Масалан, дар соли 2015 дар бахши воқеии иқтисод ҳамагӣ 256,5 ҳазор нафар кору фаъолият доштанд, соли 2024 он ба 293,2 ҳазор нафар расидааст. Агар бо нишондиҳанди нисбӣ арзёбӣ намоем, тамоюл назаррас дигаргун нагардидааст. Дар солҳои баррасишаванда ҳиссаи занон аз ҳисоби коргари кироя дар умум 46-55% машғулбудагонро ташкил дод, ки он дар бахши воқеӣ дар умум, то 37-42% дар солҳои баррасигардида баробар мебошад.

Барои он, ки хусусияти шуғли занон бо тарзи боз ҳам амиқтар муайян карда шавад, сохтори шуғли аҳолиро таҳлил намудан ба мақсад мувофиқ аст. Бинобар ин дар ҷадвали навбатӣ сохтори шуғли аҳолиро дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунем.

Таҳлили сохтори гендерии шуғл дар иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки занҳо бештар дар соҳаҳои иҷтимоӣ кору фаъолия мекунанд, мувофиқан саҳми соҳибкории занон дар ин соҳаҳо низ назарраст мебошад. Чи тавре ки аз ҷадвали 2.5 дида мешавад, дар ҷумҳурӣ бештари қувваи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ кор карда, соҳаи хизматрасонӣ ҷойи дуюм, маориф  ҷойи сеюм ва тиб ҷойи чорумро ишғол мекунад.

Соли 2024 дар умум зиёда аз 60 % шумораи умумии одамони машғули кор дар соҳаи кишоварзӣ, 30,4% дар соҳаи хизматрасонӣ, 10,1% дар маориф, 4,8% дар соҳаи тандурустӣ кор мекарданд. Дар соҳаҳои дигари бахши воқеӣ ва ғайра ҳиссаи одамони машғули кор хеле кам аст.

**Ҷадвали 2.5. - Тақсимоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аз рӯйи намуди фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандаҳо** (ҳазор нафар) | **Солҳо** | | | | | **2024 нисбат ба 2020 (бо %)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| Кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ | 1525,6 | 1535,3 | 1608,8 | 1618,7 | 1629,4 | 106,8 |
| Саноати кӯҳӣ ва коркарди маъдан | 12,5 | 13,5 | 13,7 | 14,0 | 17,1 | 136,8 |
| Саноати коркард | 86,4 | 88,4 | 88,5 | 92,3 | 103,4 | 119,7 |
| Таъмини барқ, газ ва об | 15,4 | 16,1 | 16,6 | 16,8 | 16,9 | - |
| Сохтмон | 101,9 | 98,3 | 100,1 | 101,6 | 117,2 | 115,0 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 751,8 | 769,4 | 705,5 | 770,8 | 851,8 | 113,3 |
| Маориф | 247,1 | 256,0 | 252,2 | 251,7 | 270,1 | 109,3 |
| Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 116,7 | 120,9 | 116,7 | 120,0 | 127,0 | 108,8 |
| Соҳаи дигари хизматрасонӣ | 25,4 | 24,8 | 19,6 | 27,3 | 33,4 | 131,5 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [25, 86-87], [8, 86].

Агар ин маълумотро дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил кунем, тақсимоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аз рӯйи намудҳои фаъолият дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати зерин дорад (ҷадвали 2.6).

Маълумоти ҷадвал маълум менамояд, ки дар давраи мавриди таҳлил шуғли занон дар иқтисодиёти вилояти Суғд тамоюли зиёдшавиро дорад. Аз ҷумла аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли вилояти Суғд дар соли 2023 дар ҳамаи намудҳои фаъолият 450,4 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011 дар умум 115,0 % зиёд мебошад (соли 2011 ин нишондиҳанда 391,7 ҳазор нафар буд).

Далели дигари мусбат арзёбӣ гардидани он ин аст, ки дар ҳиссаи занони бо кор таъминшуда аз рӯйи бахшҳои иқтисодиёт тамоюли зиёдшавӣ дар соҳаи хизматрасонӣ хеле назаррас аст. Масалан, дар соҳаи маориф соли 2011 ҳамагӣ 62,9 ҳазор нафар занон ба кор ҷалб шуда буданд, аммо соли 2024 ин бахш 75,0 ҳазор нафарро ташкил кард, ки он

ба 112,5 % баробар буд. Ин дар ҳолест, ки дар бахши воқеӣ афзоиши шумораи занон чандон назаррас нест, яъне дар ин давра суръати умумии зиёдшавӣ ҳамагӣ 101,8 %-ро ташкил додааст. Ин маънои онро дорад, ки занон дар вилояти Суғд ҳанӯз ҳам дар бахшҳои меҳнатталаб, яъне дар корҳое, ки шароити меҳнаташон душвор аст, аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошанд. Махсусан, дар соҳаҳои бахши воқеӣ, аз қабили соҳаи кишоварзӣ ба меҳнати занон эҳтиёҷ бештар аст.

**Ҷадвали 2.6. - Тақсимоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аз рӯйи намуди фаъолият дар вилояти Суғд барои солҳои 2011-2024**

| Нишондиҳан-даҳо | 2011 | | 2020 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | | 2024 нисбато 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ бо кор таъмин | Аз онҳо занон | ҳамагӣ бо кор таъмин | Аз онҳо занон | ҳамагӣ бо кор таъмин | Аз онҳо занон | ҳамагӣ бо кор таъмин | Аз онҳо занон | ҳамагӣ бо кор таъмин | Аз онҳо занон | |
| Ҳама намудҳои фаъолият | 391,7 | 176,1 | 432.4 | 196.6 | 438,0 | 204,9 | 438,5 | 205,0 | 450,4 | 207,3 | 115,0 |
| Бахши воқеӣ | 260,6 | 113,7 | 281,7 | 109.1 | 286,4 | 115,5 | 287,3 | 115,7 | 293,2 | 115,6 | 112,5 |
| Кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ | 219,7 | 100,6 | 239,5 | 98.7 | 244,5 | 106,0 | 243,9 | 105,5 | 247,3 | 105,4 | 112,5 |
| Саноати кӯҳӣ ва коркарди маъдан | 6,3 | 0,9 | 9.1 | 1.1 | 9,3 | 0,9 | 9,2 | 0,9 | 9,5 | 0,8 | 150,8 |
| Саноати истеҳсолӣ | 26,0 | 11,0 | 22.4 | 7.1 | 22,3 | 6,9 | 23,8 | 7,6 | 25,7 | 7,6 | 98,8 |
| Таъмини барқ, газ ва об | 3,1 | 0,6 | 3.1 | 0.4 | 2,9 | 0,3 | 2,8 | 0,3 | 3,0 | 0,4 | 96,7 |
| Сохтмон | 5,5 | 0,6 | 4.0 | 0,5 | 4,4 | 0,4 | 4,7 | 0,4 | 5,0 | 0,5 | 91,0 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 131,1 | 62,4 | 150.7 | 87,5 | 151,6 | 89,4 | 151,2 | 89,3 | 157,2 | 91,7 | 120,0 |
| Маориф | 62,9 | 38,2 | 73.6 | 48.9 | 73,0 | 49,1 | 72,3 | 49,2 | 75,0 | 50,6 | 119,2 |
| Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 28,7 | 10,9 | 34.5 | 24.8 | 34,2 | 25,1 | 34,1 | 25,1 | 34,8 | 25,4 | 121,2 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [20, 81,87].

Бояд зикр намуд, ки ин далел объективӣ аст, зеро зиёда аз 70 %-и аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ҳиссаи занҳое, ки

дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд, нисбат ба ҳаҷми умумии бахши воқеӣ қариб 42,6 %-ро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар умум, шумораи умумии занони бо кор таъмин буда, дар соли 2024 нисбат ба миқдори умумии шуғл 46,0%-ро ташкил кардааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи бештари заноне, ки дар иқтисодиёти вилоят кор мекунанд, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мебаранд.

Дар соли мавриди таҳлил дар иқтисодиёти вилоят ҳиссаи занон дар ин соҳаи хизматрасонӣ 58,3 %-и шумораи умумии занони бо кор таъминбударо ташкил дод. Соҳаи хизматрасонӣ барои занон нисбатан ба соҳаи маориф ҷолибтар боқӣ мемонад. Саҳми заноне, ки дар бахши маориф машғули кор ҳастанд, соли 2024 67,5 %-ро ташкил дод. Ҳамзамон, солҳои охир шуғли занон ҳам дар соҳаи тандурустӣ ва ҳам дар бахшҳои иҷтимоӣ зиёд шуда истодааст. Масалан, соли 2024 шумораи занони машғули кор дар соҳаи тандурустӣ нисбат ба соли 2011 дар умум 2,3 маротиба зиёд шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар байни занҳо солҳои охир тамоюли бештар ба кори ихтисоснок ба мушоҳида мерасад.

Таҳлил собит месозад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳимми афзоиши шуғл дар иқтисодиёт мебошад. Дар ин масъала муҳаққиқи ватанӣ Назарова Н.Н. дуруст қайд менамояд, ки «амалӣ гардонидани низоми ягонаи энергетикӣ, тақвияти раванди сармоягузорию қарздиҳӣ, пешниҳод гардидани имтиёзҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои боз ҳам тараққӣ ёфтани ҳаматарафаи бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ вусъат мебахшад» [99]. Ҳамчунин дар ин самт коркард ва татбиқи барономаҳои давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро маълумот дар бозори меҳнат ва таҳлили он заминаро барои коркарди стратегияҳои ҳамаҷониба, принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар ҷойи кор, ҳосилнокии бо шуғл таъмин будан, ҳифзи иҷтимоӣ ва муколамаи шарикони иҷтимоӣ, инчунин барои ҳалли масъалаҳои умумии баробарии гендерӣ ва рушд ташкил мекунад. Чи тавре дар боло зикр гардид, қисми зиёди занҳо дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт шуғл доранд ва мусаллам аст, иқтисоди ғайрирасмӣ дар таъсиси ҷойҳои корӣ,

афзоиши даромад ва истеҳсолот нақши муҳим дорад. Ҳарчанд фаъолияти корӣ дар иқтисоди ғайрирасмӣ як қатор муаммоҳоро, аз қабили набудани системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, шароити бади меҳнат, маҳдуд будани ҳуқуқу озодӣ ва ғайраро дар бар мегирад, «мувофиқи пажӯҳишҳои Созмони байналмилалии меҳнат, беш аз 60 %-и аҳолии машғули меҳнати ҷаҳон даромадро барои пешбурди зиндагии худ аз иқтисоди ғайрирасмӣ ба даст меорад» [31]. Бояд гуфт, ки 2 миллиард занону мардоне, ки дар бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд, шароити муносиби корӣ надоранд. Зиёдшавии ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ, пеш аз ҳама, бо пайдоиши шаклҳои нави чандир (ғайристандартӣ)-и шуғл алоқаманд аст, зеро истифодаи ин шаклҳо ва намудҳои шуғл дар муносибатҳои меҳнатии ғайрирасмӣ барои корфармоён муфид аст. Омили дигаре, ки ба рушди шаклҳои ғайристандартии шуғл дар кишвар таъсир мерасонад, рушди бахши ниҳонии иқтисод мебошад [82, 1355].

Дар ин самт қайд кардан зарур аст, ки доштани маълумот оид ба шумораи коргарони  мағули кор дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ нуқтаи ибтидоӣ барои муайян кардани ҳаҷм ва чораҳои зарурии сиёсӣ мебошад. Бо дарназардошти он, ки бахши ғайрирасмии иқтисод аз ҷониби давлат пурра танзим намешавад, муайян кардани ҳолати воқеии шуғли занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд кори осон нест.

Дар тадқиқоти олими ватанӣ Рустамзода Р.Р. таъкид мегардад, ки дар натиҷаи пешрафти илму техника дар ибтидои солҳои 90-ум муносибатҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ куллан тағйир ёфтааст. Тавре ки ӯ қайд менамояд, «яке аз тағйиротҳое, ки дар соҳаи меҳнат пайдо шуд, ин ҷорӣ шудани платформаҳои рақамии меҳнат мебошад, ки раванди муоширатро ба таври назаррас сода ва имкониятҳои шуғли аҳолиро васеъ кардааст» [70, 154]. Платформаҳои рақамии корӣ дар миқёси ҷаҳонӣ омилҳои инноватсиониро ворид намуданд, ки барои коргарон, корхонаҳо ва ҷомеа имкониятҳои бемаҳдудро фароҳам меоранд. Пандемияи Covid-19 омили зиёдшавии ҳиссаи қувваи корӣ бо истифода аз платформаҳои рақамии меҳнатӣ гардида, самти

афзалиятдоштаро дар рушди бозори ҷаҳонии меҳнат ташаккул дод. Мувофиқи маълумоти Созмони байналмилалии меҳнат, пеш аз пандемия тақрибан 7,5% одамон дар хона кор мекарданд ва дар моҳҳои аввали Covid 19 ин таносуб то 20% зиёд гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки технологияҳои рақамӣ ба як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти одамон табдил ёфтаанд ва чи хеле ки коршиносони Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ пешгӯйӣ намуда будаанд, дар 5 соли оянда 84% корфармоён як қисми кормандони худро ба кори фосилавӣ мегузаронанд, ки онҳо тақрибан 44% -ро ташкил мекунанд [129]. Ҳамин тариқ, ҳамаи ин далелҳо боиси зиёдшавии ҳиссаи қувваи корӣ дар платформаҳои меҳнатии рақамӣ мегардад. Таъсири ин раванд ба он оварда мерасонад, ки бозори анъанавии меҳнат оҳиста-оҳиста ҷойи худро ба бозори шабакавӣ табдил медиҳад. Ба рушди платформаҳои рақамии меҳнатӣ буҳрони ҷаҳонии ибтидои солҳои 2000-ум мусоидат намуд, зеро аксарияти ширкатҳо ва корхонаҳо ин платформаро фаъолона истифода бурда, баъзе вазифаҳои худро ба аутсорсинг супорида буданд. Мувофиқи маълумоти СБМ, то моҳи январи соли 2021 дар ҷаҳон тақрибан 800 платформаи рақамии меҳнатӣ вуҷуд дошт, ки калонтарини онҳо дар бахши дастраснамоӣ (383), таксӣ (106) ва платформаҳое мебошанд, ки доираи васеи хизматрасониҳоро пешниҳод мекунанд (тиҷорати электронӣ, фрилансерҳо ва ғайра).

Дар ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки соҳибкории рақамӣ ба яке аз омилҳои рушди ин соҳа табдил ёфтааст. Дар ин бора татқиқотчии ватанӣ Давлатов С.М. дуруст қайд менамояд, ки «Яке аз афзалиятҳои асосии соҳибкории рақамӣ ин аст, ки он имконият медиҳад, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тиҷорати худро бо истифода аз интернет ва дигар платформаҳои рақамӣ ташкил ва инкишоф диҳад. Дар шароити муосир, чи тавре, ки таҳлили мо нишон дод ин намуди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон бештар паҳн гардида, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки атрофи 75% аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд метавонад ба сифати омили асосии таъмини шуғл баромад кунад» [45, 115]. Ҳамчунин муҳаққиқи дигари ватанӣ қайд менамояд, ки «Соҳибкорӣ – қисми асосии

иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб меравад, зеро вай ба тағйирот ва қаишӣ зуд вокуниш нишон медиҳад. Ҳангоми мавҷуд будани рақобати баланд дар бозор, соҳибкорон аксар вақт маҷбур мешаванд, ки ба фаъолияти худ инноватсия ва технологияҳои рақамиро ворид намоянд. Корхонаҳои бузург қабули стандартҳои гуногуни иқтисоди рақамиро дар ҷараёни фаъолияти худ мушкилтар ва сусттар ворид менамоянд, аз ин рӯ иқтисодиёти рақамӣ бояд рушди худро аз корхонаҳои хурд оғоз намояд. Инкишофи минбаъдаи он бо тағйир додани шароити соҳибкори имконпазир мегардад. Иқтисоди рақамӣ метавонад як шарти рушди устувори соҳибкории хурд гардад. Технологияҳои нав, ба монанди алоқаи мобилӣ, Интернет, атмосфера, имзои электронӣ, зеҳни сунъӣ воситаи пешбурди бизнес гардида имкон медиҳанд, ки ба мавҷи нав зуд мутобиқ шаванд» [32, 167]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки рақамикунонии иқтисодиёт, яке аз омилҳои муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории занон баромад мекунад.

Омори платформаҳои рақамии меҳнатӣ дар ҷаҳон аз ҷониби Созмони байналмилалии меҳнат интишор карда мешавад ва омӯзишу таҳлили он равшан намуд, ки дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот вуҷуд надорад. Ҳисоб кардани шумораи одамоне, ки дар платформаҳои рақамии меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он кор мекунанд, аз сабаби набудани маълумот ва мавҷуд набудани пешбурди чунин маълумот аз тарафи мақомоти давлатӣ ғайриимкон аст. Ояндаи наздик Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ба зудӣ платформаи рақамиро барои сабти номи ҷавонони бекор ба роҳ монад, ки вазифаи муҳимми он таъмини ҷавонон бо ҷойи кори доимӣ ва касбомӯзӣ мебошад. Ба андешаи намояндагони ин вазорат, дар платформаи мазкур, ҳамчунин, баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки маълумоти касбӣ надоранд, ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, тағйироти технологӣ ва густариши иқтисоди рақамӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат ба пайдоиши шаклҳои нави шуғл

мусоидат менамояд. Пайдоиши платформаҳои рақамии меҳнатӣ, рушди кори фосилавӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки бозори меҳнат тадриҷан хусусияти ҷаҳонӣ ва рақамӣ касб мекунад. Мувофиқи ақидаҳои олими рус Баскакова М.Е. «дар чунин шароит омилҳои ҷаҳонишавӣ на танҳо ба сохтори иқтисод, балки ба имкониятҳои шуғл ва иштироки гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла занон, таъсири назаррас мерасонанд» [169]. Аз ин рӯ, барои дарки амиқи равандҳои муосири бозори меҳнат омӯзиш ва таҳқиқи сохтори гендерии шуғл аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян намудани сохтори шуғл аз нуқтаи назари гендерӣ мушкил аст. Дар ин ҷо Ражнева Ю.Н. дуруст қайд менамоялд, ки «агар дар як мамлакат саноат ё бахши алоҳидаи иқтисодиёт шумораи бештари коргарони зан дошта бошад, дар кишварҳои дигар занон бештар дар соҳаи хизматрасонӣ машғули кор доранд» [69]. Мусаллам аст, ки вақтҳои охир дар саросари ҷаҳон ҳаракати пурқуввати ширкату корхонаҳои калон барои дарёфти қувваи корӣ ва ашёи хоми низбатан арзон ба мушоҳида мерасад ва аксар вақт чунин ширкатҳо як қисми дороии худро ба зертаъминкунандагони беруна дар дигар кишварҳо месупоранд (дар бисёр ҳолатҳо аз давлатҳои мутараққии саноатӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ). Илова бар ин, низоми савдои ҷаҳонӣ вобаста ба ҳиссаи занон ё мардон ба ҳайъати қувваи корӣ дар як бахши муайяни иқтисодӣ таъсири гуногун мерасонад. Зиёд гардидани шумора занони муҳоҷир як сабаби дигаре мебошад, ки дараҷаи таъсири раванди ҷаҳонишавиро ба соҳаи шуғли занон муайян мекунад.

Агар доир ба тамоюле, ки вақтҳои охир дар бозори ҷаҳонии меҳнат ба амал меояд, сухан ронем, пас дар тамоми ҷаҳон кам шудани ҳиссаи занон дар қувваи корӣ ба назар мерасад. Сабаби асосии кам шудани ҳиссаи занон дар вазъи умумии қувваи корӣ метавонад бахши ғайрирасмии иқтисодиёт бошад, ва бо тасдиқҳои гурӯҳи олимони рус «чун қоида, ин навъи шуғл аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалан танзим

карда намешавад ва механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ таъмин нестанд, инчунин дараҷаи баланди равонӣ ва тағйирпазириро доранд» [31]. Маълумоти ҷадвали 2.7 дар бораи падидаҳои номбурда гувоҳӣ медиҳанд.

**Ҷадвали 2.7. - Нишондиҳандаҳои бозори меҳнати ҷаҳонӣ аз рӯйи категорияҳо**

| | Мардон | | Занон | | ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2023** | **2000** | **2023** | **2000** | **2023** |
| Қувваи корӣ (млн нафар) | 1658,2 | 2196,1 | 1093,5 | 1444,4 | 2751,7 | 3640,5 |
| Бо кор машғул будагон (млн нафар) | 1559,0 | 2069,8 | 1025,6 | 1359,7 | 2584,6 | 3429,5 |
| Бекорон | 99,2 | 126,3 | 67,9 | 84,7 | 167,1 | 210,9 |
| Ҳиссаи бо кор таъмин будагон дар шумораи умумии қувваи кории аҳолӣ (%) | 73,1 | 68,0 | 47,6 | 44,4 | 60,3 | 56,1 |
| Сатҳи бекорӣ (%) | 6,0 | 5,7 | 6,2 | 5,9 | 5,8 | 5,8 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [155, 138]

Масалан, дар соли 2023 шумораи қувваи кории занон дар ҷаҳон 1444,4 миллион нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000-ум 32,1 % зиёд мебошад. Ба ҳисоби миёна соли 2000-ум қувваи кории занон 1093,5 миллион нафарро ташкил карда буд. Умуман, аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар самти шуғли занон дар 23 соли охир тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд наомадааст. Масалан, агар соли 2000-ум дар соҳаи гуногуни иқтисодиёт занони машғули кор 47,6%-ро ташкил карда бошанд, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 44,4 % баробар шудааст, ки коҳишёбиро инъикос менамояд ва бо фаъолияти бахши ғайрирасмии иқтисодиёт алоқаманд аст.

Ҳарчанд солҳои охир дар самти меъёрҳои гендерӣ тағйирот ворид шудааст, то ҳол баъзе маҳдудиятҳо ба чашм мерасад. Қувваи кории занон сарчашмаи асосии афзоиши иқтидори иқтисодӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, тафовути амиқи гендерӣ дар бозори меҳнат боқӣ мемонад он яке аз хусусиятҳои муҳимми ин сегменти бозори миллӣ ба ҳисоб меравад.

Тадқиқоти коршиносони СММ дар ин самт нишон медиҳад, ки дар муқоиса бо Узбекистон (аз кишварҳои ИДМ Узбекистон ва Туркманистон аз рӯйи анъана, урфу одат, дин ва меъёрҳои иҷтимоӣ ба мо наздиктаранд) шумораи қувваи кории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 33,5% камтар аст ва нисбат ба Туркманистон 32,8 фоиз кам, яъне фосила назаррас аст. Дар маҷмуъ, дар байни кишварҳои таҳлилшуда Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи шуғли занон дар ҷойи охирин қарор дорад [172].

Сарфи назар аз он, ки Тоҷикистон дар соли 2022 рейтинги худро дар индекси “Зан, тиҷорат ва қонун”, ки Бонки ҷаҳонӣ нашр кардааст, дар муқоиса бо дигар кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон боло бурдааст, аммо то ҳол ин масъала ба таври зарурӣ роҳандозӣ нашудааст, яъне аз мадди назар дур мондааст. Чи тавре ки мутахассисони соҳаи бонкдорӣ дар соҳаи меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд, ҳанӯз имкониятҳои хеле зиёд барои беҳтар намудани ин ҳолат ҷой дорад.

Таҳлил дар ин самт нишон медиҳад, ки масъалаи шуғли занон ва рушди соҳибкории занон дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти хоса дорад. ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди мураккаби иқтисодӣ ба бозори меҳнат ва сохтори шуғли аҳолӣ таъсири гуногун мерасонад. Аз як тараф, он имкониятҳои нави иқтисодӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва шаклҳои нави шуғлро фароҳам меорад, аз ҷониби дигар бошад, боиси пурзӯр шудани рақобат дар бозори меҳнат, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва пайдоиши мушкилоти нави иҷтимоӣ мегардад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки тағйироти ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири назаррас расонидаанд. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва хусусан дар солҳои аввали истиқлолият, иқтисодиёти кишвар бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиши истеҳсолот, маҳдуд гардидани сармоягузорӣ ва норасоии ҷойҳои корӣ боиси афзоиши сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ гардиданд. Дар чунин шароит занон ба гурӯҳи

осебпазири бозори меҳнат табдил ёфтанд, зеро онҳо аксаран дар бахшҳои каммузд ва камҳимояи иқтисодиёт фаъолият менамоянд.

Дар айни замон таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир барои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муайян ташаккул ёфтаанд. Афзоиши шумораи аҳолӣ, зиёд гардидани захираҳои меҳнатӣ ва рушди бахши хусусӣ имкониятҳои васеъ барои ҷалби занон ба фаъолияти иқтисодӣ фароҳам меоранд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва махсусан шумораи занони соҳибкор дар вилояти Суғд мунтазам зиёд гардидааст. Ҳамчунин саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ аз 30 фоиз дар соли 2018 то 36 фоиз дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл аз фаъол гардидани занон дар бахши соҳибкорӣ ва баланд гардидани нақши онҳо дар рушди иқтисоди минтақа шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар бозори меҳнати вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам нобаробарии гендерӣ ба назар мерасад. Занон бештар дар бахшҳои анъанавии иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва хизматрасонӣ фаъолият менамоянд. Дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва соҳаҳои истеҳсолӣ иштироки онҳо нисбатан кам мебошад. Ин ҳолат бо як қатор омилҳо, аз ҷумла меъёрҳои иҷтимоӣ ва тақсимоти анъанавии меҳнат дар оила, алоқаманд аст. Ин ҳолат боиси маҳдуд гардидани имкониятҳои ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба кафолатҳои меҳнатӣ ва таъмини ҳуқуқҳои корӣ мегардад. Иқтисоди ғайрирасмӣ, ҳарчанд дар ташкили ҷойҳои корӣ ва таъмини даромади аҳолӣ нақши муҳим дорад, аммо барои занон як қатор мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, рушди технологияҳои рақамӣ ва пайдоиши платформаҳои рақамии меҳнатӣ метавонад имкониятҳои нави шуғлро барои занон фароҳам оварад. Платформаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки занон фаъолияти меҳнатиро фосилавӣ анҷом дода, имкониятҳои нави иқтисодиро истифода намоянд. Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

то ҳол маълумоти мукаммал оид ба шумораи коргароне, ки дар платформаҳои рақамии меҳнатӣ фаъолият мекунанд, мавҷуд нест. Аз ин рӯ, таҳияи механизмҳои баҳисобгирӣ ва таҳлили чунин маълумот барои ташаккули сиёсати самараноки бозори меҳнат аҳаммияти махсус дорад.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории занон метавонад ҳамчун яке аз механизмҳои муҳимми баланд бардоштани шуғли занон ва рушди иқтисоди минтақа хизмат намояд. Дар ин самт муҳим аст, ки дастгирии соҳибкории занон тақвият ёбад, имкониятҳои дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ зиёд карда шаванд ва барномаҳои омӯзишӣ барои рушди малакаҳои соҳибкорӣ васеъ гарданд. Танҳо дар чунин ҳолат занон метавонанд ҳамчун яке аз неруҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа саҳми назаррас гузоранд.

## 2.2. Тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд

Тавре ки дар тадқиқоти коллективии олимон иқтисоддонон таъкид мегардад, «рушди соҳаи соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва мунтазам баррасишавандаи замони муосир ба ҳисоб меравад, зеро ин бахш ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра» [46,19] таъсир мерасонад. Мувофиқи методологияи Ражнева Ю.Н. «барои баҳодиҳии дурусти вазъи соҳаи соҳибкорӣ ва муайян намудани омилҳои рушди он бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба дастгирии соҳа дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, тавсия дода мешавад» [69], ки нишондиҳандаҳои оморие, ки фаъолияти соҳибкоронро дар бозори дохила муайян менамояд, таҳлил кунем. Таҳлили динамикаи рушди ширкатҳо (ташкилотҳо, стартапҳо)-ро ба андешаи мо, танҳо аз мавҷудияти маҳдудиятҳо арзёбӣ намудан нодуруст аст. Дар сатҳи байналмилалӣ пажӯҳиши пешсафи ҷаҳонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба мисли «Мониторинги ҷаҳонии соҳибкорӣ» (Global Entrepreneurship Monitor, GEM) мавҷуд мебошад, ки бо баҳодиҳии ҳарсолаи сатҳи миллии фаъолияти соҳибкориро машғул мебошад.

Global Entrepreneurship Monitor соли 1999 аз ҷониби London

Business School (Британияи Кабир) ва Babson College (ИМА) таъсис дода шудааст. Дар шароити муосир GEM - ин иттиҳодияи донишгоҳҳо, бизнес-мактабҳо ва марказҳои таҳқиқотие мебошад, ки дар микёси ҷаҳон барои ҷамъоварӣ ва табодули иттилоот оид ба соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ фаъолият менамояд. Лоиҳаи GEM дар масоили баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҳукумат оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ ва такмилдиҳии сиёсат оид ба рушди соҳибкорӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон кумак мерасонад. Хусусияти фарққунандаи равиши байнифарҳангӣ ҷиҳати дарки соҳибкорӣ дар кишварҳои гуногун, пешниҳоди иттилоот ва арзёбии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷаҳон мебошад.

Дар асоси мониторинги глобалии GEM, чунин созмонҳои калидии байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ), Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) ва Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (OECD) гузоришҳо ва хулосаҳои худро таҳия мекунанд. Бартарии мониторинг аз он иборат аст, ки дар он ҳам шароити бақайдгирии ширкат ва ҳам ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ба инобат гирифта мешавад. Ин мониторинг беш аз 100 мамлакати ҷаҳонро фаро гирифта, барои ҳар як кишвар GEM чунин унсурҳо, ба монанди рафтори соҳибкорӣ ва дарки соҳибкорӣ дар ҷомеа, заминаи миллӣ ва таъсири он ба соҳибкориро баррасӣ мекунад [75, 92-116]. Аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, чунин давлатҳо, ба монанди Ҳиндустон, Қазоқистон, Тайван, Индонезия ва Ҷумҳурии Корея таҳти назорати ин мониторинг фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, Федератсияи Русия низ ба ин пажӯҳиш дохил шудааст, аммо мутаассифона, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори мониторинги мазкур ба ҳисоб намеравад. Мавҷуд набудани механизми мукаммали идоракунии ин бахш аз он шаҳодат медиҳад, ки давлати мо дар раванди маниторинги GEM қарор намегирад. Ин омил бори дигар мубрамият ва саривақтии таҳқиқоти илмии моро қайд менамояд.

Шуғли занон дар соҳаи соҳибкорӣ тааҷҷубовар нест ва имрӯз

соҳибкории занона яке аз шаклҳои худмашғулият буда, ба худтатбиқнамоӣ ва ояндаи занон нигаронида шудааст. Яке аз нуктаҳои калидии рушди бахши соҳибкорӣ дар он аст, ки он барои ба кор қабул гардидани шумораи зиёди коргарон мусоидат мекунад, ки ин бевосита ба баландшавии сатҳи шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад. Аксари ниҳодҳои байналмилалӣ барои арзёбии вазъи соҳибкории занон дар кишварҳои ҷаҳон ва бо мақсади ошкор кардани муаммоҳои ҷойдошта ва сари вақт андешидани тадбирҳо ҷиҳати боз ҳам беҳтар кардани фазои соҳибкории занон корҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои омориро иҷро мекунанд. Рейтинги Index of Women Entrepreneurs аз он ҷумла мебошад, ки аз ҷониби Mastercard омӯхта шудааст. Ин рейтинг дар асоси андозагирии 12 нишондиҳанда ва 25 зернишондиҳанда дар байни 65 кишвари ҷаҳон таҳия шудааст. Асоси рейтинги Mastercard Index of Women Entrepreneurs-ро нишондиҳандаҳои зерин муайян менамоянд:

- ✓ Нишондиҳандаи тахассусмандии занон (суботнокии молиявӣ ва майл ба фаъолияти соҳибкорӣ, сатҳи нобоварӣ нисбат ба занон - кормандони ҷомеаи меҳнатӣ, роҳбарони сиёсӣ ва тиҷоратӣ);
- ✓ «Фондҳои таълимӣ ва молиявӣ (шароитҳои мусоид ва дастгирии давлатӣ барои соҳибкории хурду миёна; дастрасӣ ба таҳсил барои занон ва хизматрасониҳои молиявӣ);
- ✓ Вазъияти соҳибкорон дар кишвар» [106, 62] (мавҷудияти монеа ва душвории пешбурди тиҷорат дар кишвар, сифати танзими маҳаллӣ, фикри занҳо доир ба сатҳи бехатарӣ; андешаҳои фарҳангӣ дар бораи таъсири зан ба буҷети оилавӣ).

«Ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарини дорои шароит ва имконоти беҳтарин барои муваффақ шудани занон дар тиҷорат кишварҳое аз ҷумла Зеландияи Нав (ҷойи 1, бо 74,4 хол), Канада (ҷойи 2, бо 72,4 хол) ва ИМА (ҷойи 3, бо 69,9 хол) дохил шудаанд, ки соҳиби бозорҳои пешрафта мебошанд» [119]. Мутахассисони Mastercard қайд мекунанд, ки дар ин кишварҳо барои дастгирии соҳибкории занон шароитҳои беҳтарин, аз ҷумла мавҷудияти ҷомеаҳои фаъоли соҳибкории хурду

миёна, танзими фаъолияти баландсифат, шароити одии пешбурди тиҷорат ва ғайра фароҳам оварда шудааст.

Як қатор кишварҳо дар Осиёи Марказӣ, ба монанди Эрон, Ҳиндустон ва Бангладеш чун узви индекси ҷаҳонии соҳибкории занон мебошанд. Мутаассифона, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба рӯйхати иштирокдорони ин рейтинги ҷаҳонӣ дохил нашудааст. Ба андешаи мо, иштирок дар рейтингҳои ҷаҳонии риштаи соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки вазъи соҳибкории занон дар байни кишварҳои пешрафта муайян гардида, муаммоҳои мавҷуда тавассути натиҷаи нишондиҳандаҳои рейтинги ҷаҳонӣ рафъ карда шавад. Дар навбати худ, натиҷаи рейтинг ба муайян намудани роҳҳои ташаккулдиҳии фазои соҳибкории занон ва дарки амиқи муҳити соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Дар ин ҷо Ражнева Ю.А. дуруст қайд мекунад, ки «бо вуҷуди он, ки барои рушди соҳибкории занон заминаҳои институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст, ин соҳа бо баробари инкишофи бахшҳои дигари иқтисодиёт, ки дар он ҷо шуғли занон назаррас аст, инкишоф меёбад» [69]. Бояд зикр намуд, ки «солҳои охир шумораи бештари шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда истодаанд, зеро ин бахши иқтисодиёт даромаднок маҳсуб ёфта, имконияти татбиқи қобилияти меҳнатии соҳибкорро медиҳад» [71, 12].

Гузариш ба шароити иқтисоди бозорӣ, таъсири омилҳои буҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба нақш ва мавқеи занон дар бозори меҳнат таъсир расониданд. Аз солҳои 90-ум, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ қисми зиёди занҳо дар кишвар, ки бе саробон монда буданд, маҷбур шуданд, ки ба бахши хусусӣ раванд ва ба тиҷорати хурд машғул шаванд. Далели ин гуфтаҳо маълумоти омории дар ҷадвал оварда шуда мебошад.

Маълумоти ҷадвали 2.8. доир ба ҳиссаи занҳои машғули кор аз рӯйи бахшҳои иқтисодӣ бартарии бахши хусусиро дар муқоиса бо бахши давлатӣ дар вилояти Суғд инъикос менамоянд.

**Ҷадвали 2.8. - Вазни қиёсии занҳои машғули кор аз рӯйи бахшҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
| | ҳаз. наф. | % | ҳаз. наф. | % | ҳаз. наф. | % | ҳаз. наф. | % | ҳаз. наф. | % |
| **ҳамагӣ, занон дар вилоят** | 218,8 | 100 | 196,6 | 100 | 204,9 | 100 | 205,0 | 100 | 207,3 | 100 |
| **Бахши вокеӣ** | | | | | | | | | | |
| Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ | 115,1 | 52,6 | 98,7 | 50,2 | 106,0 | 51,7 | 105,5 | 51,2 | 105,4 | 50,8 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 0,8 | 0,3 | 1,1 | 0,55 | 0,9 | 0,43 | 0,9 | 0,43 | 0,8 | 0,4 |
| Саноати коркард | 6,1 | 2,7 | 7,1 | 3,6 | 6,9 | 3,36 | 7,6 | 3,7 | 7,6 | 3,6 |
| Таъмини неруи барқ, газ ва таъминоти об | 0,9 | 0,4 | 0,4 | 0,2 | 0,3 | 0,14 | 0,3 | 0,14 | 0,4 | 0,19 |
| Сохтмон | 0,4 | 0,18 | 0,5 | 0,25 | 0,4 | 0,19 | 0,4 | 0,19 | 0,5 | 0,24 |
| **Аз ҷумла, дар бахши хизматрасонӣ** | | | | | | | | | | |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири нақлиёти автомобилӣ ва мотосикл | 2,5 | 1,14 | 1,4 | 0,7 | 1,6 | 0,78 | 1,7 | 0,82 | 1,8 | 0,86 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,6 | 0,27 | 0,7 | 0,35 | 0,9 | 0,43 | 1,1 | 0,53 | 1,3 | 0,62 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 0,7 | 0,3 | 0,7 | 0,35 | 0,7 | 0,34 | 0,7 | 0,34 | 0,7 | 0,34 |
| Почта ва алоқа | 0,4 | 0,18 | 0,6 | 0,3 | 0,6 | 0,29 | 0,5 | 0,24 | 0,5 | 0,24 |
| Фаъолияти молиявӣ ва суғурта | 2,4 | 0,97 | 2,3 | 1,16 | 2,2 | 1,07 | 2,5 | 1,2 | 2,6 | 1,2 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 1,9 | 0,86 | 4,3 | 2,18 | 4,5 | 2,19 | 4,3 | 2,09 | 4,5 | 2,1 |
| Маориф | 58,1 | 26,5 | 48,9 | 24,8 | 50,5 | 24,6 | 49,2 | 24 | 50,6 | 24,4 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ | 22,9 | 10,4 | 24,8 | 12,6 | 25,1 | 12,2 | 25,1 | 12,2 | 25,4 | 12,2 |
| Хизматрасониҳои дигари коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 4,8 | 2,19 | 0,9 | 0,45 | 1,1 | 0,53 | 1,2 | 0,58 | 1,0 | 0,48 |

Сарчашма: [20, 86-87]

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.8 нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти минтақа шумораи заноне машғулбуда сол то сол афзоиш меёбад. Бо сабаби он, ки иқтисодиёти вилояти Суғд бештар хусусияти аграрӣ дорад, бештари занҳо дар ин соҳа машғули кор мебошанд. Шумораи онҳо дар соли 2024 дар умум, 105,4 ҳазор нафарро ташкил кардааст ва ба 50,8 %-и

ҳиссаи занони коргар баробар мебошад. Дар давраи мавриди баррасӣ, яъне дар давоми 9 сол шумораи занҳо дар соҳаи кишоварзӣ қариб бетағйир боқӣ монда, дар бахши хизматрасонӣ бошад, бештари занон дар соҳаи маориф ва тиб бо кор машғуланд. Масалан, дар соли 2024 ҳамагӣ 50,6 ҳазор нафар дар соҳаи маориф ва 25,4 ҳазор нафар дар соҳаи тиб машғули меҳнат буданд, ки мутаносибан 24,4% ва 12,2 %-ро аз шумораи умумии заноне, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд машғуланд, ташкил медиҳанд. Яъне қисми назарраси занон дар соҳаи кишоварзӣ машғули кор буда, маориф дар ҷойи дуюм, тиб дар ҷойи сеюм, баъд саноат ва дигар бахшҳо қарор доранд.

Вобаста ба саҳми занон дар бахши соҳибкорӣ, қайд намудан зарур аст, ки соҳибкории занон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нисбатан нав аст ва боиси таҳкими мавқеи занон дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Аммо, бо вуҷуди он, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти шуғли занон чораҳои мушаххас андешида мешавад, то ҳол бекории занон дар мамлакат дар сатҳи баланд боқӣ мемонад. Дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ занон дар намуди ғайрирасмӣ бо кори кироя машғул мешаванд, ки ин гуна фаъолияти онҳо хусусияти мавсимӣ дорад ва устувории даромадро ба онҳо таъмин карда наметавонад. Илова бар ин, аксари онҳо дар бахши ниҳонии иқтисод кор мекобанд, зеро дар он имкони машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро доранд. Дар ин бобат Ражнева Ю.А. дуруст қайд менамояд, ки «барои занҳо муҳим аст, ки тиҷорати шахсии худро на танҳо барои худтақвиятдиҳӣ оғоз намоянд, балки пеш аз ҳама, барои гирифтани музди меҳнати барои рӯзгузаронии зарурӣ аст» [68, 17]. Омилҳои дигар, кам будани музди меҳнат, душвориҳои вобаста ба кор, фарқи музди меҳнати байни мардону занон ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Бо баробари ин, фаъолияти соҳибкорӣ метавонад бидуни бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ё дар асоси ҳуҷҷати инфиродӣ (патент ё шаҳодатнома) сурат гирад, ки ин шакли содаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Пас аз ноил шудан ба истиқлолияти давлатӣ ва ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллӣ барои занон имконияти бештари машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ пайдо гардад. Бо вуҷуди ин як қатор омилҳо, ба мисли нобаробарии гендерӣ, норасоии дониш ва таҷрибаи соҳибкорӣ, мушкилиҳои молиявӣ боис гардиданд, ки занон бештар дар соҳибкории хурд фаъолият кунанд ва корхонаҳои хурдро роҳандозӣ намоянд. Сабаб дар он аст, ки бо дастгирии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занон аз рӯйи баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ имтиёзҳо пешниҳод гардидаанд. Дар шароити имрӯза аксарияти занони соҳибкор дар кишвар дар бахшҳои зерини савдо ба соҳибкорӣ машғуланд: мағозаҳои хурд, нуқтаҳои хӯроквори, нуқтаҳои алоҳидаи фурӯш дар бозор, дӯзандагӣ, пазандагӣ, қаннодӣ, гулдӯзӣ, маркетинги шабакавӣ ва ғайра. Илова бар ин, бештари занони соҳибкор фаъолияти худро дар бахши хизматрасонӣ пеш мебаранд, ки онҳо асосан аз толори арӯсӣ, толори зебоӣ, дӯзандагӣ, косметологӣ, марказҳои тиббӣ ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин самт шумораи занҳоеро, ки дар асоси патенту шаҳодатнома дар вилояти Суғд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали 2.9. - Шумораи соҳибкорони инфиродие, ки дар вилояти Суғд тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият доранд**

| Номгӯйи фаъолият | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | 2024 |
| Шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда, нафар | 31452 | 33921 | 35478 | 35768 | 35667 | 20113 |
| Аз ҷумла соҳибкорзан (тибқи патент), нафар | 1264 | 1356 | 2376 | 3508 | 5252 | 7421 |
| Ҳиссаи занон аз шумораи умумӣ, % | 4 | 3,99 | 6,69 | 9,8 | 14,7 | 36,9 |
| Шумораи соҳибкорони тибқи Шаҳодатнома фаъолияткунанда, нафар | 10098 | 10445 | 10644 | 11155 | 11735 | 10777 |
| Аз ҷумла соҳибкорзан (тибқи шаҳодатнома), нафар | 1001 | 1131 | 1731 | 2360 | 3174 | 3808 |
| Ҳиссаи занон аз шумораи умумӣ, % | 9,9 | 10,8 | 16,2 | 21,5 | 27 | 35,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [8, 233]

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи патент ва шаҳодатнома

фаъолият менамоянд, дар солҳои охир назаррас тағйир ёфтааст. Аз рӯи маълумоти ҷадвал, шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда аз 31 452 нафари соли 2018 то ба 35 667 нафар дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Аммо дар соли 2024 шумораи онҳо то 20 113 нафар коҳиш ёфтааст. Ин коҳиш метавонад ба тағйироти низоми андозбандӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ё гузариши соҳибкорон ба шаклҳои дигари фаъолият вобаста бошад.

Ҳамзамон, иштироки занон дар соҳибкорӣ тамоюли мусбат дорад. Шумораи соҳибкорзанон, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, аз 1 264 нафари соли 2018 то ба 7 421 нафар дар соли 2024 расидааст. Ин нишон медиҳад, ки дар давоми шаш сол шумораи занони соҳибкор қариб шаш баробар зиёд гардидааст. Ҳиссаи занон низ аз 4 фоиз дар соли 2018 то ба 36,9 фоиз дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда далели баланд гардидани нақши занон дар иқтисодиёти минтақа ва беҳтар шудани шароити ҷалби онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Дар бахши соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда низ афзоиши муайян мушоҳида мегардад. Шумораи умумии чунин соҳибкорон аз 10 098 нафари соли 2018 то ба 11 735 нафар дар соли 2023 расида, дар соли 2024 ба 10 777 нафар баробар шудааст. Гарчанде ки дар соли охир коҳиш ба назар мерасад, нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 баландтар мебошад.

Теъдоди соҳибкорзанон дар ин гурӯҳ низ пайваста зиёд гардидааст. Агар дар соли 2018 шумораи онҳо 1 001 нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 3 808 нафар расидааст. Ҳиссаи занон дар байни соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда аз 9,9 фоиз дар соли 2018 дар соли 2024 то ба 35,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки занон бештар ба соҳибкории расмӣ ва устувор таваҷҷуҳ доранд.

Рушди соҳаи соҳибкориро дар вилояти Суғд ва ҳиссаи занонро дар ин бахш аз рӯйи миқдори соҳибкорони инфиродии фаъол муайян кардан мумкин аст, ки дар ҷадвали 2.10. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Миқдори соҳибкорони инфиродии (СИ) фаъол дар вилояти Суғд**

| | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | 2024 |
| Ҳамагӣ, СИ | 34820 | 89253 | 111028 | 121332 | 117419 |
| Аз ҷумла занон | 615 | 1848 | 5872 | 8433 | 40208 |
| Ҳиссаи занон нисбат ба шумораи СИ, % | 1,7 | 2,1 | 5,3 | 6,9 | 34,2 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [8, 232-233]

Маълумоти ҷадвали 2.10 нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар солҳои охир тамоюли афзоиш доштааст. Агар дар соли 2010 шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ 34 820 нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 89 253 нафар ва дар соли 2020 ба 111 028 нафар расидааст. Дар соли 2023 шумораи соҳибкорони инфиродӣ то ба 121 332 нафар афзоиш ёфта, соли 2024 каме коҳиш ёфта, 117 419 нафарро ташкил намудааст. Ин нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар минтақа тадриҷан рушд ёфта, ба яке аз бахшҳои муҳимми иқтисодиёти вилоят табдил гардидааст.

Дар баробари зиёд шудани шумораи умумии соҳибкорон, иштироки занон низ дар ин самт сол ба сол афзоиш меёбад. Аз ҷумла, агар дар соли 2010 аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ ҳамагӣ 615 нафар занон бошанд, пас дар соли 2015 ин нишондиҳанда ба 1 848 нафар ва дар соли 2020 ба 5 872 нафар расидааст. Дар соли 2023 шумораи занони соҳибкор ба 8 433 нафар, соли 2024 бошад, ба 40 208 нафар расидааст. Ин афзоиш аз болоравии фаъолнокии иқтисодии занон ва ҷалби бештари онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлили ҳиссаи занон нисбат ба шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ нишон медиҳад, ки саҳми онҳо дар солҳои аввал нисбатан паст буд. Масалан, дар соли 2010 ҳиссаи занон ҳамагӣ 1,7 фоизро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 2,1 фоиз, дар соли 2020 ба 5,3 фоиз ва дар соли 2023 ба 6,9 фоиз расидааст. Дар соли 2024 бошад, ҳиссаи занон ба 34,2 фоиз баробар гардидааст, ки нисбат ба солҳои пешин хеле баланд мебошад.

Ҳамчунин, омӯзиши динамикаи аҳолии ба фаъолияти инфиродӣ машғулбуда аз рӯйи соҳаҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар солҳои соҳибихтиёрӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он кадом соҳаҳои соҳибкорӣ бештар рушд кардаанд, муайян карда шавад. Дар ҷадвали 2.11. динамикаи тағйирот дар соҳаи соҳибкорӣ дар вилояти Суғд аз рӯйи бахшҳои иқтисодӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.11. - Шумораи соҳибкорони инфиродии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бахшҳои иқтисодӣ**

| Соҳаи иқтисодиёт | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
| Ҳамагӣ, ҳаз.нафар | 62,2 | 88,6 | 243,3 | 304,0 | 307,8 | 307,2 | 316,5 | 330,2 |
| Хизматрасонии маишӣ (бо %) | 8,5 | 5,6 | 2,9 | 2,0 | 2,5 | 2,3 | 2,4 | 2,6 |
| Фарҳангию иҷтимоӣ (бо %) | 0,1 | - | - | 0,4 | 0,5 | 0,7 | 0,8 | 0,9 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ (бо %) | 77,0 | 62,4 | 35,2 | 25,2 | 25,2 | 18,6 | 17,5 | 19,2 |
| Намудҳои дигар (бо %) | 14,4 | 32,0 | 61,9 | 72,4 | 71,8 | 78,4 | 79,3 | 77,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [25, 238]; [20, 232-233]

Дар асоси маълумоти ҷадвал ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ дар соҳаҳои савдо ва хӯроки омма, инчунин дар дигар намудҳои фаъолият, ки соҳаи хизматрасониро дар бар мегирад (толорҳои ҳусн, дӯзандагӣ ва ғайра), инкишоф ёфтааст.

Агар дар соли 2000 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 62,2 ҳазор соҳибкор фаъолият дошта бошад, соли 2024 шумораи онҳо 330,2 ҳазор нафарро ташкил дод, яъне қариб 6 баробар афзудааст. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки соҳаи соҳибкории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд мекунад.

Вазъият дар вилояти Суғд низ қариб дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки занон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият дошта, саҳми онҳо дар рушди бахши хусусӣ назаррас мебошад. Маълумотҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки фаъолияти

соҳибкории занон бештар дар соҳаҳое мутамарказ шудааст, ки сармояи нисбатан кам талаб намуда, имконияти ташкили соҳибкории хурд ва оилавиро фароҳам меоранд.

**Ҷадвали 2.12. - Сохтори фаъолияти соҳибкории занон аз рӯи соҳаҳои иқтисодӣ дар вилояти Суғд дар соли 2024**

| Соҳаҳо | Шумораи умумии соҳибкорзанон | Саҳми занон (%) |
|---|---|---|
| Савдо | 9399 | 36,2 |
| Хизматрасонӣ | 6842 | 26,4 |
| Кишоварзӣ | 5186 | 20,0 |
| Хунарҳои мардумӣ | 2109 | 8,1 |
| Истеҳсолоти хурд | 1564 | 6,0 |
| Дигар фаъолият | 829 | 3,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз руи ҳисоботҳои шӯъбаи соҳибкории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.12, қисми зиёди соҳибкорзанон дар соҳаи савдо фаъолият менамоянд. Дар соли 2024 шумораи заноне, ки дар ин соҳа ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, 9399 нафарро ташкил кардааст, ки ба 36,2 фоизи шумораи умумии соҳибкорзанон баробар мебошад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи савдо барои занон яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби чунин тамоюл дар он аст, ки ин соҳа барои оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ сармояи зиёд талаб намекунад ва имкониятҳои нисбатан васеъ барои ташкил ва рушди тиҷорати хурд фароҳам меорад.

Дар ҷойи дуюм аз рӯи шумораи соҳибкорзанон соҳаи хизматрасонӣ қарор дорад. Дар ин соҳа 6842 нафар зан ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, саҳми онҳо 26,4 фоизро ташкил медиҳад. Соҳаи хизматрасонӣ низ барои занон имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, фаъолият дар самтҳои гуногун, аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ, марказҳои зебоӣ, дӯзандагӣ, таъмири либос ва дигар хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

Соҳаи кишоварзӣ низ дар фаъолияти соҳибкории занон ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар соли 2024 дар ин бахш 5186 нафар зан фаъолият

намудаанд, ки ҳиссаи онҳо 20,0 фоизро ташкил мекунад. Бо назардошти он ки қисми зиёди аҳолии вилояти Суғд дар деҳот зиндагӣ мекунад, фаъолияти соҳибкории занон дар соҳаи кишоварзӣ бештар дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ, парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти хоҷагӣ амалӣ мегардад.

Ҳамзамон қисми муайяни соҳибкорзанон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ машғул мебошанд. Шумораи онҳо 2109 нафар буда, саҳмашон 8,1 фоизро ташкил мекунанд. Ин соҳа барои нигоҳдорӣ ва рушди анъанаҳои миллӣ, инчунин ташкили ҷойҳои нави корӣ барои занон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар соҳаи истеҳсолоти хурд 1564 нафар зан фаъолият мекунанд, ки саҳми онҳо 6,0 фоизро ташкил медиҳад. Илова бар ин, 829 нафар зан дар дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, ҳиссаи онҳо 3,3 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин бора таҳлилҳои олими ватанӣ Шодиев К.К. низ нишон медиҳад, ки «соҳибкории занон дар вилояти Суғд асосан дар соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ мутамарказ буда, ин соҳаҳо барои рушди фаъолияти иқтисодии занон заминаи мусоид фароҳам меоранд» [175].

Таҳлили маълумотҳо оид ба саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2024 нишон медиҳад, ки иштироки занон дар рушди бахши соҳибкорӣ дар минтақа тадриҷан афзоиш ёфта, дар бисёр шаҳру ноҳияҳо онҳо қисми назарраси субъектҳои соҳибкориро ташкил медиҳанд (ҷадвали 2.13). Ин ҳолат аз фаъол гардидани занон дар фаъолияти иқтисодӣ ва беҳтар гардидани имкониятҳои онҳо дар пешбурди тиҷорат шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 2.13. – Саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2024**

| Шаҳру ноҳияҳо | Шумораи умумии соҳибкорон | Шумораи занони соҳибкор | Саҳми занон (%) |
|---|---|---|---|
| Хуҷанд | 9510 | 3811 | 40 |
| Исфара | 7199 | 2694 | 37 |
| Конибодом | 6101 | 2197 | 36 |
| Панҷакент | 5814 | 1996 | 34 |
| Истаравшан | 5386 | 1900 | 35 |
| Б.Ғафуров | 6433 | 2108 | 33 |
| Ҷаббор Расулов | 4267 | 1497 | 35 |
| Спитамен | 3904 | 1298 | 33 |
| Деваштич | 3597 | 1197 | 33 |
| Ашт | 3399 | 1100 | 32 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз руи ҳисоботҳои шӯъбаи соҳибкории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

Аз рӯи маълумоти пешниҳодшуда, баландтарин саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ дар шаҳри Хуҷанд ба қайд гирифта шудааст. Дар ин шаҳр шумораи умумии соҳибкорон 9510 нафар буда, аз ин шумора 3811 нафарро занон ташкил медиҳанд. Саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ дар Хуҷанд 40 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят баландтар мебошад. Ин ҳолат бо рушди инфрасохтори иқтисодӣ, имкониятҳои васеи бозор ва мутамарказ гардидани фаъолияти савдо ва хизматрасонӣ дар маркази маъмурии вилоят алоқаманд мебошад.

Дар ҷойи дуюм аз рӯи иштироки занон дар соҳибкорӣ шаҳри Исфара қарор дорад. Дар ин шаҳр аз 7199 нафар соҳибкорон 2694 нафар занон мебошанд, ки саҳми онҳо 37 фоизро ташкил мекунад. Пас аз он шаҳри Конибодом қарор дорад, ки дар он аз 6101 нафар соҳибкор 2197 нафар занон буда, саҳми онҳо 36 фоизро ташкил медиҳад.

Дар шаҳрҳои Истаравшан ва Панҷакент низ иштироки занон дар соҳибкорӣ назаррас мебошад. Дар Истаравшан аз 5386 соҳибкор 1900 нафар занон мебошанд, ки саҳми онҳо 35 фоизро ташкил медиҳад. Дар Панҷакент бошад, аз 5814 нафар соҳибкор 1996 нафар занон буда, саҳми онҳо ба 34 фоиз баробар аст.

Дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Деваштич саҳми занон дар соҳибкорӣ ба ҳисоби миёна 33 фоизро ташкил медиҳад. Масалан, дар ноҳияи Б. Ғафуров аз 6433 соҳибкор 2108 нафар занон мебошанд. Дар ноҳияи Спитамен 1298 нафар зан аз 3904 соҳибкор ва дар ноҳияи Деваштич 1197 нафар зан аз 3597 соҳибкор фаъолият доранд.

Нисбатан нишондиҳандаи пасттар дар ноҳияи Ашт ба назар мерасад, ки дар он аз 3399 нафар соҳибкор 1100 нафарро занон ташкил медиҳанд ва саҳми онҳо 32 фоизро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки занон дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар фаъолияти соҳибкорӣ иштироки назаррас доранд. Ин тамоюл аз густариши имкониятҳои иқтисодӣ барои занон ва нақши рӯзафзуни онҳо дар рушди бахши хусусии иқтисодиёти минтақа шаҳодат медиҳад.

Таҳлили маълумоти оморӣ оид ба робитаи байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занон дар вилояти Суғд барои солҳои 2018–2024 нишон медиҳад, ки байни ин нишондиҳандаҳо вобастагии назарраси мусбат мавҷуд аст (ҷадвали 2.14). Омӯзиши чунин робита барои муайян намудани нақши соҳибкории занон дар баланд бардоштани сатҳи шуғл ва иштироки иқтисодии занон аҳаммияти муҳим дорад.

**Ҷадвали 2.14. – Таҳлили коррелятсионии робитаи соҳибкории занон ва шуғли занони вилояти Суғд дар солҳои 2018–2024**

| Солҳо | Шумораи соҳибкорзанҳо, ҳаз. нафар | Саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ, % | Шумораи занони машғули меҳнат, ҳазор нафар | Сатҳи шуғли занон, % |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | 15,6 | 30 | 188,3 | 45,8 |
| 2019 | 17,1 | 31 | 194,1 | 46,0 |
| 2020 | 18,6 | 32 | 199,0 | 46,1 |
| 2021 | 20,1 | 33 | 202,9 | 46,3 |
| 2022 | 21,8 | 34 | 208,5 | 46,5 |
| 2023 | 23,8 | 35 | 214,2 | 46,7 |
| 2024 | 25,9 | 36 | 221,2 | 47,2 |

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои 2.3 ҳисоб карда шудааст.

Пеш аз ҳама, таҳлили нишондиҳандаҳои динамикӣ нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда шумораи занони соҳибкор дар вилояти Суғд мунтазам афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2018 шумораи онҳо 15,6 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 25,9 ҳазор нафар расидааст. Яъне, дар давоми ҳафт сол шумораи занони соҳибкор қариб 1,7 маротиба зиёд гардидааст. Ин тамоюл аз афзоиши фаъолнокии иқтисодии занон ва беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ дар минтақа шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ низ тамоюли афзоиш дорад. Аз ҷумла агар дар соли 2018 ин нишондиҳанда 30 фоизро ташкил дода бошад, дар соли 2024 ба 36 фоиз расидааст. Афзоиши пайвастаи ин нишондиҳанда собит месозад, ки занон тадриҷан ба фаъолияти соҳибкорӣ бештар ҷалб гардида истодаанд ва барои онҳо шароити нисбатан мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин раванд метавонад бо татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкории занон, рушди барномаҳои омӯзишӣ ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок алоқаманд бошад.

Дар баробари афзоиши шумораи занони соҳибкор, нишондиҳандаҳои шуғли занон низ тамоюли мусбат доранд. Масалан, шумораи занони машғули меҳнат аз 188,3 ҳазор нафар дар соли 2018 то 221,2 ҳазор нафар дар соли 2024 зиёд гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки дар давраи мавриди баррасӣ шумораи занони бо кор таъминшуда зиёда аз 30 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, сатҳи шуғли занон низ аз 45,8 фоиз дар соли 2018 то 47,2 фоиз дар соли 2024 баланд гардидааст. Гарчанде ки афзоиши ин нишондиҳанда нисбатан муътадил мебошад, аммо он аз беҳтар гардидани иштироки занон дар бозори меҳнат шаҳодат медиҳад.

Барои муайян намудани дараҷаи вобастагии байни ин нишондиҳандаҳо таҳлили коррелятсионӣ истифода шудааст. Натиҷаҳои матритсаи коррелятсионӣ нишон медиҳанд, ки байни шумораи занони соҳибкор ва саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ робитаи хеле қавӣ

мавҷуд аст (коэффитсиенти коррелятсия 0,97) (ҷадвали 2.15). Ин маънои онро дорад, ки афзоиши шумораи занони соҳибкор бевосита ба зиёд гардидани ҳиссаи занон дар бахши соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, байни шумораи занони соҳибкор ва сатҳи шуғли занон робитаи мусбати баланд мушоҳида мешавад (0,95). Ин нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории занон метавонад ба баланд гардидани сатҳи шуғли занон таъсири мусбат расонад. Ба ибораи дигар, зиёд гардидани фаъолияти соҳибкории занон имкониятҳои нав барои ташкили ҷойҳои корӣ фароҳам оварда, метавонад ба беҳтар гардидани вазъи шуғли занон мусоидат намояд.

**Ҷадвали 2.15. - Матритсаи коррелятсионӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|---|
| Шумораи занони соҳибкор | 1,0 | - | - |
| Саҳми занон дар соҳибкорӣ | 0,97 | 1,0 | - |
| Сатҳи шуғли занон | 0,95 | 0,93 | 1,0 |

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои 2.3 ҳисоб карда шудааст.

Илова бар ин, байни саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ ва сатҳи шуғли занон низ робитаи мусбати назаррас (0,93) ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки зиёд гардидани иштироки занон дар соҳибкорӣ ба баланд гардидани фаъолнокии иқтисодии онҳо дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ нишон медиҳанд, ки байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занон дар вилояти Суғд вобастагии мустақим ва қавӣ мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, дастгирии соҳибкории занон метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи шуғл ва рушди иқтисодии минтақа хизмат намояд.

Ҳамин тавр арзёбии вазъи рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки ин соҳа дар солҳои охир ба яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ табдил ёфтааст. Соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо манбаи даромад ва худмашғулиятии аҳолӣ мебошад, балки ба

рушди бозори меҳнат, афзоиши истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва фаъол гардидани иқтидори иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунад. Дар ин раванд нақши занон низ тадриҷан зиёд гардида, онҳо ҳамчун субъекти фаъоли иқтисодӣ дар рушди бахши хусусӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар вилояти Суғд шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва махсусан шумораи занони соҳибкор мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ, васеъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент ва шаҳодатнома, инчунин зиёд шудани саҳми занон дар бахши соҳибкорӣ аз рушди тадриҷии ин соҳа шаҳодат медиҳад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар давоми солҳои охир шумораи занони соҳибкор якчанд маротиба афзоиш ёфта, имкониятҳои нави иқтисодӣ барои иштироки онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам омадаанд.

Дар баробари ин таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкории занон бештар дар соҳаҳое мутамарказ шудааст, ки сармояи нисбатан кам талаб мекунанд. Аз ҷумла, соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд ба ҳисоб мераванд. Ин ҳолат бо хусусияти иҷтимоию иқтисодии минтақа, сатҳи дастрасӣ ба сармоя, имкониятҳои бозор ва инчунин анъанаҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Дар баробари ин, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва истеҳсолоти хурд низ барои ҷалби занон ба фаъолияти соҳибкорӣ имкониятҳои муайян фароҳам овардааст.

Таҳлили минтақавии фаъолияти соҳибкории занон нишон медиҳад, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд занон дар рушди бахши соҳибкорӣ иштирок доранд. Дар баъзе минтақаҳо, махсусан дар шаҳри Хуҷанд, Исфара ва Конибодом, саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ нисбатан баланд мебошад. Ин ҳолат бо рушди инфрасохтори иқтисодӣ, имкониятҳои бозорӣ ва фаъол гардидани муҳити соҳибкорӣ дар ин минтақаҳо вобаста мебошад.

Оид ба ҷой доштани робитаи коррелятсионӣ аввалин бор дар асари олимони рус Леонова В.А. ва Никулина И.Е. исбот шуда буд. Онҳо дар асари худ қайд намуда будаанд, ки «натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ нишон медиҳанд, ки байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занон робитаи мустақим ва мусбати қавӣ мавҷуд мебошад» [163]. Афзоиши шумораи занони соҳибкор ва зиёд гардидани саҳми онҳо дар бахши соҳибкорӣ ба баланд гардидани сатҳи шуғли занон мусоидат мекунад. Инро Ражнева Ю.А. низ тасдиқ намуда, қайд мекунад, ки «рушди соҳибкории занон метавонад ҳамчун яке аз механизмҳои муҳимми коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии занон баромад намояд» [69].

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар рушди соҳибкории занон ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот мавҷуданд. Аз ҷумла, маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, набудани таҷрибаи кофии соҳибкорӣ, сатҳи нокифояи донишҳои иқтисодӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ метавонанд ба фаъолияти соҳибкории занон таъсири манфӣ расонанд.

Таҳлили рушди фаъолияти соҳибкории занон аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди соҳибкории занон ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат баромад мекунад. Тақвияти дастгирии давлатӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани малака ва дониши занони соҳибкор, инчунин васеъ намудани дастрастии занон ба манбаҳои молиявӣ бевосита ба рушди минбаъдаи соҳибкории занон ва афзоиши сатҳи шуғли онҳо мусоидат менамояд. Дар ин ҷо мо бо фикри муҳаққионаӯи ватанӣ рози ҳастем, ки «Такомул додани фаъолияти соҳибкорӣ ва мунтазам мусоидат кардан ба рушди он бо истифодаи тамоми имкониятҳо, аз ҷумла имкониятҳои табиӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ, рушди мунтазами  соҳибкории саноатӣ ва исеҳсолӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, барои афзоиш додани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд» [37, 256].

Ҳамин тавр, рушди соҳибкорӣ, инчунин соҳибкории занон дар вилояти Суғд метавонад ба таҳкими иқтисоди минтақа, беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ таъсири мусбат расонад.

## 2.3. Омилҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва роҳҳои идоракунии онҳо

Соҳибкории занон дар марҳилаи ҳозираи рушди ҷомеа бахши тараққиёфтатарини соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад, зеро дар сатҳи микро вай ба дигаргунсозии иқтисодиёт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҳавасмандгардонии суръати рушди иқтисодӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёт ва суботнокӣ нақши муҳим мебозад. Мувофиқи ақидаҳои Баскакова М.Е. «саҳми занҳо дар рушди иқтисодии кишвар назаррас аст (асосан дар сатҳи микроиқтисодиёт), чунки занҳо дорои қобилият ва маҳорати беназир ва маҳорати баланди қабули қарор мебошанд» [169]. Ба даст овардани суботи иқтисодӣ, пасткунии сатҳи бекорӣ ва бартарафнамоии бисёре аз муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодӣ яке аз омилҳои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон мебошад.

Дар шароити имрӯза бахши соҳибкорӣ гирифтори қолабҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ асир буда, «муносибатҳои психологиеро, ки ба рафтори мардону занон дар бозори меҳнат таъсир мерасонад, инъикос менамояд ва фаъолияти касбию сатҳи фаъолияти онҳоро муайян мекунад» [68, 19]. Боиси таассуф аст, ки ақидаҳои гендерӣ ба рафтор ва шуур, хусусияти муоширати байни мардон ва занон таъсир расонида, дар натиҷа занҳо ба имкониятҳои худ шубҳа мекунанд ва аз оғоз намудани тиҷорати худ меҳаросанд. Зеро баҳодиҳии пессимистии қобилиятҳои онҳо ва бартарияти ақидаҳои гендерӣ занонро дар интихоби самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд намуда, миқёси тиҷоратро маҳдуд мекунад ва занонро “бозигарони” эҳтиёткор намуда, рақобатпазирии онҳоро паст мекунад [107, 109-112].

Муҳаққиқи рус Н.Ю. Уткина чунин қайд менамояд, ки: «Имрӯз омили асосие, ки фаъолияти занони русро дар соҳаи тиҷорати хусусӣ ба таври қобили мулоҳиза маҳдуд мекунад, на ақидае мебошад, ки ба зан корношоямии касбӣ ва маҳдудиятҳоро нисбат медиҳад, балки ақидаест, ки тибқи он зан бояд худро пеш аз хама ба оилааш бахшад» [111, 17]. Анъанаҳои фарҳангӣ, динӣ, одобу ахлоқ рафтори занро новобаста аз хоҳиш ва орзуҳои шахсии онҳо дар бозор муайян мекунад. Вақте ки вай мувофиқи ин ақида зиндагӣ мекунад, қадамҳои ӯ фавран маҷбурӣ ва ғайриодӣ ҳисобида мешаванд. Аз тарафи дигар, корфармоён аксаран дар доираи ин ақида амал карда, аз киро кардани занҳо худдорӣ менамоянд ва гумон мекунанд, ки зан аз таҳти дил кор намекунад, зеро кор барои ӯ дуюмдараҷа (пас аз оила) мебошад. Тавре ки дар асари ин олими хориҷӣ қайд мегардад, «илова бар ин, хароҷоти эҳтимолии марбут ба функсияҳои репродуктивии зан пешакӣ муайян шудааст: кӯдакони ба нигоҳубин ниёз дошта, рухсатии беморӣ, аз ҷумла барои ҳомиладорӣ» [111, 17-27].

Олими иқтисоддон О.Коробова ба муаммои рушди соҳаи соҳибкории занон заминаҳои иқтисодӣ (набудани имкониятҳои молиявӣ барои оғози фаъолият мушкилӣ дар ҷалби сармоягузорӣ, дастрасии нобаробар ба қарз ва захираҳои молиявӣ, зарурати маблағгузории иловагӣ дар оянда), ҳуқуқӣ, маъмурӣ (надоштани шароит барои ворид шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирии давлатӣ ва имтиҳон, сертификатсияи ҳатмии маҳсулот ва ғайра) ва иҷтимоию психологӣ (надоштани дониш, таҳсилоти дахлдор ва таҷрибаи корӣ)-ро дохил мекунад [42,25]. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Қличев З.Р. ва Бахронова Х.А. «дар шароити муосир афзалиятҳои рушди соҳибкорӣ фарогири омилҳои иқтисодии рушди соҳибкорӣ, ташаккули устувор ва таъминоти инфрасохторӣ, самтҳои ташаккули раванди ҳамгироӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад. Дар ин замина омилҳои иқтисодие, ки ба ривоҷу равнақи фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, бояд дар

мадди аввал гузошта шаванд» [91]. Ба андешаи онҳо, ин омилҳо се гурӯҳи асосии шароитро ташкил медиҳанд: «сиёсати давлат нисбат ба соҳибкории хусусӣ; фарҳанг ё системаи арзишҳои ҷомеа; майл ва қобилияти одамон ба соҳибкорӣ (дутои охирин, ба андешаи ӯ, бештар аз ҷанбаҳои гендерӣ вобаста аст)» [111, 21].

Айнан, ҳамин ақидаро олимони дигари иқтисоддон Э.Р.Гилманова ҷонибдорӣ карда, омилҳои рушди соҳибкории занонро дар се гурӯҳ тасниф мекунад. Вай сабабҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва мавҷуд набудани мақомоти махсуси идоравӣ дар шохаҳои гуногуни ҳукуматро ба гурӯҳи аввал дохил намудааст. Гурӯҳи дуюм монеаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва гурӯҳи сеюм монеаҳои иқтисодиро дар бар мегирад [82, 230-233].

Дар асоси ақидаҳои олимон оид ба омилҳои рушди соҳибкории занон хулосабандӣ намудан мумкин аст. Ҳамаи омилҳоеро, ки ба рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- Омилҳои сохтори демографӣ ва шуғл дар иқтисодиёт;
- Омилҳои иқтисодию молиявӣ (дастрасӣ ба сармоя ва қарзҳои имтиёзнок, вусъати бозор ва талабот ба маҳсулот/хизматрасонӣ, дастгирии давлатӣ аз ҷиҳати андоз, субсидияҳо ва грантҳо ва ғайра);
- Омилҳои иҷтимоию психологӣ;
- Омилҳои институтсионалӣ ;
- Омилҳои технологӣ ва инфрасохторӣ.

Баъзеи онҳоро бо факту рақамҳои оморӣ дида мебароем. Аҳаммияти соҳибкории хурд дар рушди иқтисоди муосири миллӣ бебаҳо аст, зеро маҳз соҳибкории хурд бояд муҳити табиии рақобатро дар бозор таъмин намояд ва воситаи мубориза бо монополияи бозорӣ бошад. Хусусияти соҳибкории хурд дастрасии баланди он ба доираи васеи шаҳрвандон мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як шаҳрванд бидуни маблағгузорӣ, сарфи зиёди захираҳои моддӣ ва мехнатӣ ба фаъолият шуруъ карда наметавонад. Дар баробари ин, рушди соҳибкории хурду

миёна, пеш аз ҳама, ба шароити зерсохторӣ, баъдан аз ҳолати омодагии соҳибкорон ва дигар омилҳо вобаста аст. Қайд кардан зарур аст, ки рушди соҳибкории хурду миёна аз шароите, ки дар ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ фароҳам оварда шудааст, вобаста аст. Яъне фазои соҳибкорӣ дар кишвар бевосита ба ҳар як бахши иқтисод таъсир мерасонад. Бинобар ин то чи андоза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфтани соҳибкориро метавон бо истифода аз рейтинги кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи осонии оғози тиҷорат, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ таҳти унвони Doing Business мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ба риштаи таҳлил кашид. Рейтинги Doing Business мураккабии оғоз ва пешбурди тиҷорати хусусиро дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон инъикос мекунад, яъне вай сатҳи фазои соҳибкориро инъикос намуда, ба суръати воридшавии сармоя ва сатҳи зиндагии давлат таъсири мусбат мерасонад.

Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ яке аз омилҳои асосии рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, васеъ намудани истеҳсолот, харидории таҷҳизот ва зиёд намудани гардиши маблағ соҳибкорон аксаран аз қарзҳои бонкӣ истифода мебаранд. Махсусан барои занон, ки бештар дар соҳаи соҳибкории хурд фаъолият мекунанд, дастрасии қарзҳои бонкӣ нақши муҳим дорад.

Дар ҳамин замина, меъёри фоизи қарзи бонкӣ яке аз омилҳои муҳимме мебошад, ки метавонад ба рушди соҳибкории занон таъсири мусбат ё манфӣ расонад. Агар фоизи қарз баланд бошад, имконияти гирифтани қарз барои соҳибкорон маҳдуд гардида, хавфи молиявии фаъолияти соҳибкорӣ зиёд мегардад. Баръакс, паст будани меъёри фоизи қарз метавонад ба ҷалби занон ба фаъолияти соҳибкорӣ, васеъ намудани тиҷорат ва баланд бардоштани сатҳи шуғли онҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, таҳлили динамикаи меъёрҳои фоизи қарзи бонкӣ барои арзёбии имкониятҳои маблағгузории соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон, аҳаммияти муҳим дорад.

Дар ҷадвали 2.16 нишондиҳандаҳои меъёри фоизи қарзи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори миллӣ ва хориҷӣ барои солҳои гуногун

пешниҳод гардидааст, ки ба арзёбии сатҳи дастрасии захираҳои қарзӣ барои соҳибкорон имкон медиҳанд.

**Ҷадвали 2.16. - Меъёрҳои фоизи қарзи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо % солона)**

| Ном | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | 2024 |
| **Барои ҳама қарзҳо бо асъори миллӣ** | 28,18 | 26,03 | 22,72 | 14,83 | 23,95 | 23,34 | 22,70 |
| ***Аз ҷумла:*** | | | | | | | |
| қарзҳои муҳлатнок | 28,33 | 26,44 | 22,81 | 14,36 | 25,26 | 24,18 | 23,6 |
| то 1 моҳ | 26,27 | 22,12 | 19,78 | 17,90 | 22,52 | 19,90 | 16,12 |
| аз 1 моҳ то 3 моҳ | 33,17 | 24,34 | 18,50 | 20,85 | 21,83 | 17,58 | 19,29 |
| аз 3 моҳ то 6 моҳ | 17,93 | 24,25 | 23,49 | 26,15 | 23,51 | 15,78 | 21,03 |
| аз 6 моҳ то 1 сол | 31.61 | 26,25 | 24,93 | 26,13 | 26,53 | 27,33 | 25,61 |
| аз 1 сол | 29,64 | 28,59 | 21,84 | 13,19 | 25,11 | 24,47 | 24,40 |
| қарзҳои дигар | 25,19 | 18,98 | 20,23 | 19,01 | 17,44 | 17,89 | 16,33 |
| **Барои ҳамаи қарзҳо бо асъори хориҷӣ** | 21,05 | 17,22 | 15,89 | 13,17 | 12,94 | 11,97 | 11,69 |
| ***Аз ҷумла:*** | | | | | | | |
| қарзҳои муҳлатнок | 21,02 | 17,55 | 16,28 | 12,72 | 13,23 | 12,19 | 12,11 |
| то 1 моҳ | 20,08 | 14,44 | 14,58 | 7,86 | 11,91 | 9,40 | 5,79 |
| аз 1 моҳ то 3 моҳ | 18,29 | 16,43 | 14,99 | 15,39 | 12,87 | 11,80 | 11,27 |
| аз 3 моҳ то 6 моҳ | 19,21 | 18,90 | 16,33 | 14,72 | 13,95 | 14,02 | 11,92 |
| аз 6 моҳ то 1 сол | 18,23 | 16,33 | 15,84 | 10,64 | 12,81 | 12,49 | 12,84 |
| зиёда аз 1 сол | 21,78 | 18,53 | 17,04 | 14,55 | 13,89 | 12,15 | 12,55 |
| қарзҳои дигар | 21,10 | 15,29 | 13,26 | 15,68 | 9,55 | 6,90 | 9,23 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [3]; [27] .

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар 6 соли охир меъёри фоизи қарзи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ тамоюли пастшавӣ дорад. Аз ҷумла, агар дар соли 2017 фоизи ҳама намуди қарзҳо бо асъори миллӣ 28,18 %-и солонаро ташкил дода бошад, соли 2024 он то 22,7 % паст шудааст, яъне фарқ қариб 5,48 %-ро ташкил медиҳад, ки ин хеле калон аст.

Ҳамин ҳолат нисбат ба фоизи қарз бо асъори хориҷӣ мушоҳида мешавад, бинобар ин, агар фоизи солонаи ҳамаи намудҳои қарз бо асъори хориҷӣ дар соли 2017 21,05 %-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 11,69 %-ро ташкил кард, яъне қариб ду баробар афзуд. Ин камшавиро метавон бо баландшавӣ ва ноустувории қурби асъори хориҷӣ (яъне доллари ИМА) ва буҳрони ҷаҳонӣ шарҳ дод. Бо суханони дигар бо асъори хориҷӣ қарз гирифтан барои соҳибкор

хавфи иловагӣ тавлид менамояд. Ҳамин тариқ, бонкҳо ба хотири ҷалби муштариён бо пасткунии фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ шуруъ карданд. Агар фоизи қарзҳоро бо асъори хориҷӣ ва асъори миллӣ муқоиса намоем, маълум мешавад, ки фоизи қарз бо асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ хеле пасттар аст, Масалан, дар соли 2024 фоизи солонаи қарз бо асъори миллӣ 22,70%, бо асъори хориҷӣ бошад – 11,64% буд, яъне фарқ калон аст (зиёда аз 2 маротиба).

Маълумоти ҷадвал бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки меъёри фоизи қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд тамоюли пастшавӣ дошта бошад ҳам, ҳанӯз баланд аст ва ин дар навбати худ, ба рушди соҳаи соҳибкории кишвар таъсири худро мегузорад. Ин вазъияти баамаломада, мутаассифона, натиҷаи бuҳрони иқтисодӣ мебошад, ки метавонад ба ноустувории молиявии соҳибкорон оварда расонад. Вобаста ба ин, мо хусусияти вазъи субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро баррасӣ намудем.

**Ҷадвали 2.17. - Шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (то 01.01.2024)**

| | Шаҳрҳо ва минтақаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ҶТ** | **шаҳри Душанбе** | **ВМБК** | **вилояти Хатлон** | **вилояти Суғд** | **НТҶ** |
| Амалкунанда | 316463 | 37103 | 7531 | 102472 | 113847 | 55510 |
| Барҳамдодашуда | 369583 | 84948 | 8849 | 82245 | 125855 | 67686 |
| **Ҳамагӣ** | 686046 | 122051 | 16380 | 184717 | 239702 | 123196 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [25, 231]

Чи хеле ки аз маълумоти ҷадвали 2.17 дида мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1-уми январи соли 2024 ҳамагӣ 627173 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доштанд, ки аз онҳо 307878 нафарашон фаъол буданд, фаъолияти 319295 нафар бошад барҳам дода шуда буд, яъне тақрибан нисфи соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2023 фаъолияти худро қатъ карданд. Дар вилояти Суғд низ ҳамин ҳолат ба мушоҳида мерасад, яъне аз шумораи умумии соҳибкорон, ки 220233 нафарро ташкил мекунад, 107278 нафар барҳам дода шуда, 112955 нафари онҳо фаъол мебошанд. Дар шаҳри Душанбе фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар

аввали соли 2023 аз 111 922 нафар то 76087 нафар коҳиш ёфтааст, яъне қариб аз се як ҳиссаи соҳибкорон фаъолияти худро қатъ карданд. Чунин ҳолат дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба мушоҳида мерасад. Ин вазъ, яъне якбора кам шудани шумораи соҳибкорон аз таъсири манфӣ ба иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, яъне соҳибкорон ояндаи мусоиди фаъолияти минбаъдаи худро намебинанд. Омили дигари камшавии шумораи соҳибкорон гаронии андоз мебошад.

Азбаски занҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд, ба тиҷорати хурд машғул буда, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ фаъолият доранд, ҳиссаи занони соҳибкорро дар шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома дар ҳудуди вилояти Суғд фаъолият мекунанд, баррасӣ ва таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 2.18. - Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар тибқи ва шаҳодатнома дар вилояти Суғд фаъолият мебаранд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | | 2023 | | 2024 | |
| | ҳамагӣ | Аз он занон | ҳамагӣ | Аз он занон | ҳамагӣ | Аз он занон | ҳамагӣ | Аз он занон |
| Шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ (ҳамагӣ нафар) | 141038 | 41299 | 108790 | 31754 | 123100 | 32664 | 117419 | 40208 |
| Соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома кор мекунанд (нафар) | 66602 | 27769 | 10957 | 1964 | 10700 | 12028 | 10777 | 3808 |
| Соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи патент кор мекунанд | 74436 | 13530 | 35499 | 10259 | 18000 | 10989 | 20113 | 7421 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ (воҳид) | - | - | 62334 | 19531 | 122107 | 67300 | 67755 | 22101 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [25, 8]; [8, 232-233]

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки иштироки занон дар ин самт тадриҷан афзоиш ёфтааст. Тибқи маълумот, шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2015 ба 141 038 нафар баробар буда, аз ин шумора 41 299 нафарро занон ташкил додаанд. Дар солҳои минбаъда

тағйироти муайян ба назар мерасад: дар соли 2020 шумораи умумии соҳибкорон то 108 790 нафар коҳиш ёфта, шумораи занон 31 754 нафарро ташкил кардааст. Аммо дар соли 2023 шумораи соҳибкорони инфиродӣ боз афзоиш ёфта, ба 123 100 нафар расидааст, ки аз ин шумора 32 664 нафар занон мебошанд. Дар соли 2024 шумораи умумии соҳибкорон ба 117 419 нафар, шумораи занони соҳибкор ба 40 208 нафар расидааст.

Таҳлили шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки қисми муайяни соҳибкорон тибқи шаҳодатнома фаъолият мебаранд. Дар соли 2015 шумораи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 66 602 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 27 769 нафар занон буданд. Аммо дар соли 2020 ин нишондиҳанда то 10 957 нафар коҳиш ёфтааст, ки танҳо 1 964 нафари онҳоро занон ташкил мекарданд. Дар солҳои 2023-2024 шумораи чунин соҳибкорон нисбатан устувор боқӣ монда, мутаносибан 10 700 ва 10 777 нафарро ташкил намудааст. Шумораи занон бошад, дар соли 2024 ба 3 808 нафар расидааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки занон бештар ба шаклҳои расмии соҳибкорӣ рӯ меоранд.

Дар бахши соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда низ тағйироти назаррас мушоҳида мешавад. Агар дар соли 2015 шумораи онҳо 74 436 нафар бошад, пас дар соли 2020 то 35 499 нафар коҳиш ёфтааст. Дар соли 2024 шумораи онҳо ба 20 113 нафар баробар гардидааст. Бо вуҷуди коҳиши шумораи умумӣ, иштироки занон дар ин бахш нисбатан фаъол боқӣ мондааст. Масалан, шумораи занони соҳибкор тибқи патент дар соли 2024 ба 7 421 нафар расидааст.

Дар соли 2020 шумораи онҳо 62 334 воҳидро ташкил дода, аз ин шумора 19 531 воҳид ба занон тааллуқ дошт. Дар соли 2023 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 122 107 воҳид расид, ки 67 300 воҳиди онҳоро занон идора мекарданд. Дар соли 2024 бошад, шумораи умумии хоҷагиҳо 67 755 воҳид буда, хоҷагиҳои занона 22 101 воҳидро ташкил намудааст.

Новобаста аз он ки дар Тоҷикистон аз масоҳати умумии замин ҳамагӣ 7% заминҳои корам аст, кишоварзӣ дар хоҷагии халқ нақши

калонро мебозад, зеро вай қариб 48 %-и аҳолии қобили меҳнатро бо кор таъмин намуда, 23 %-и маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил мекунад. Аммо рушди тиҷорат дар ин самт ба сабаби маҳдуд будани дастрасии молӣ, набудани таҷҳизоти зарурии кишоварзӣ, тахассуси пасти кишоварзон, мушкилии харидории нуриҳои минералӣ ва тухмӣ ва ғайра муаммоҳо дорад. Ин муаммо, бахусус, ба занони соҳибкори кишоварзӣ дахл дорад, зеро дороии занҳои кишоварз дар Тоҷикистон нисбат ба мардон камтар буда, дастрасиашон ба воридот ва хизматрасониҳо маҳдудтар мебошад.

Ҳамин тариқ, қайд менамоем, ки дастгирӣ ва рушди соҳибкории занҳо на танҳо ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занҳо, балки дар тамоми ҷумҳурӣ (суботи молиявии оилаҳо ва дар маҷмуъ кишвар меафзояд) оварда мерасонад.

Дар маҷмуъ, рушди фаъолияти соҳибкории занонро дар вилояти Суғд баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба дар ин самт як чанд маҳдудиятҳо ҷой доранд. Аз ҷумла:

- сатҳи баланди фоизи қарзи бонкӣ. Ҳолати умумӣ ин аст, ки ҳамаи ташкилотҳо ва бонкҳое, ки дар вилояти Суғд фаъолият мекунанд, барои рушди соҳибкорӣ бо фоизи солонаи аз 20 то 30 % қарз медиҳанд;
- дар аксарияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди вилояти Суғд барномаҳои пешбурд ва рушди соҳибкории занона вуҷуд надорад;
- дар ҳамаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ тамоман вуҷуд надоштани қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла ба занҳо;
- шартҳои мураккаб барои пешниҳоди қарз ва ғайра.

Таҳлили иқтидори қарзии занони соҳибкор дар вилояти Суғд бинобар дастрас набудани маълумоти оморӣ мушкил аст, вале дар ду соли охир аз тарафи шуъбаи омори Раёсати омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон намудҳои нави нишондиҳандаҳо дар Бюллетени ҷумҳуриявии омори бонкӣ ҳамчун ҳаҷми қарзҳои хурд ба занон аз рӯйи намуди ташкилотҳои молиявӣ ба нашр расида истодааст.

Дар ҷадвали 2.19. маълумоти оморӣ оид ба ташкилотҳои молиявие, ки ба аҳолии  Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба занҳо қарзҳои хурд додаанд, оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди қарзҳои хурдро бонкҳо медиҳанд. Аз рӯи ин нишондиҳанда ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҷои аввал, ташкилотҳои қарзии хурд дар мавқеи дувум ва дар ҷойи охир фондҳои қарзии хурд қарор доранд. Мувофиқи маълумоти ҳисоботии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду соли охир аз ҳаҷми умумии қарзҳои хурд зиёда аз сеяки онҳо ба занҳо дода шуда, 32-40 %-и ҳаҷми умумиро ташкил мекунанд.

**Ҷадвали 2.19. - Қарзҳои хурди пешниҳодшуда аз рӯйи намудҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | | | 2023 | | | 2024 | | |
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла ба занон | Бо % | ҳамагӣ | Аз ҷумла ба занон | Бо % | Ҳамагӣ | Аз ҷумла ба занон | Бо % |
| Дода шудааст, ҳамагӣ | 9262,8 | 3238,7 | 35,0 | 10527,2 | 3729,0 | 35,4 | 108202,2 | 36840,8 | 34,0 |
| Бонкҳо | 5790,7 | 2033,7 | 35,1 | 6471,4 | 2285,4 | 35,3 | 69868,0 | 23282,1 | 33,3 |
| Ташкилотҳои микромолиявӣ | 3472,1 | 1205,0 | 34,7 | 4055,8 | 1443,6 | 35,6 | 38243,6 | 13537,0 | 35,4 |
| Ташкилотҳои микроқарзии депозитӣ | 3072,7 | 1071,1 | 34,9 | 3687,7 | 1299,3 | 35,2 | 35219,2 | 12755,0 | 36,2 |
| Ташкилотҳои микроқарзӣ | 300,6 | 98,4 | 32,7 | 222,2 | 90,4 | 40,7 | 1793,8 | 391,9 | 21,8 |
| Фондҳои микроқарзӣ | 98,8 | 35,5 | 35,9 | 145,9 | 53,9 | 36,9 | 1230,6 | 390,1 | 31,7 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [3], [27, 27].

Инчунин, тибқи ҷадвал, метавон хулоса кард, ки ҳаҷми қарзҳои хурде, ки аз ҷониби занҳо гирифта шудаанд, майли афзоиш дорад. Занҳо дар ҷумҳурӣ мисли мардон барои дарёфти қарзҳои хурд асосан ба бонкҳо муроҷиат мекунанд, яъне афзалиятро ба бонкҳо, баъд ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайра медиҳанд.

Ҳамин тавр, таҳлили дастрасии занон ба захираҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки имкониятҳои муайяни молиявӣ барои рушди соҳибкории занон дар кишвар мавҷуданд. Дар ин бора Ражневав Ю.А қайд

менамояд, ки «бо вуҷуди ин, самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо аз дастрасии қарзҳо, балки аз сатҳи рушди муҳити институтсионалӣ ва шароити умумии пешбурди тиҷорат низ вобаста мебошад» [69]. Дар ин замина арзёбии фазои соҳибкорӣ ва сатҳи осонии оғоз ва пешбурди фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. Яке аз нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, ки чунин шароитро инъикос менамояд, рейтинги ҷаҳонии Doing Business мебошад, ки имкониятҳои ташкили тиҷорат ва фаъолияти соҳибкориро дар кишварҳои гуногун арзёбӣ мекунад.

Рейтинги кишварҳо аз рӯйи осонии оғози тиҷорат - Doing Business фарогири 190 давлати дунё буда, дар асоси 10 нишондиҳандаи танзими тиҷорат ташаккул ёфтааст, ки ҳар кадоми онҳо вазни баробар доранд. Ҳангоми тартиб додани рейтинги мазкур чунин нишондиҳандаҳо, аз қабили вақт ва хароҷоти соҳибкоре, ки талаботи давлатиро барои бақайдгирии корхонаи нав иҷро мекунад, инчунин фаъолияти корхона, анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ, иҷрои шартномаҳо, андозбандӣ ва бастани корхонаро ба назар гирифтшудааст. Ин нишондиҳандаҳо чунинанд (ниг. ба ҷадвали 2.20):

1. Бақайдгирии корхонаҳо;
2. Гирифтани иҷозатнома барои сохтмон;
3. Пайвастшавӣ ба низоми таъминоти барқ;
4. Бақайдгирии амвол;
5. Қарздиҳӣ;
6. Ҳифзи сармоягузорон;
7. Андозбандӣ;
8. Савдои байналмилалӣ;
9. Таъмини иҷрои шартномаҳо;
10. Барҳам додани корхонаҳо.

Дар рейтинг чунин параметрҳо, аз қабили сифати инфрасохтор, сиёсати макроиқтисодӣ, тағйирёбии қурби асъор, тахассуси неруи корӣ, андешаи сармоягузор, амният ва сатҳи фасод ба назар гирифта

намешавад. Дигар хел карда гуем, фазои тиҷоратии кишварҳои ҷаҳон бе назардошти ҷанбаҳои сиёсӣ баррасӣ мешавад, яъне он танҳо дар сатҳи танзими давлатӣ тартиб дода мешавад. Дар рейтинги ниҳоӣ ҳамаи кишварҳо аз рӯйи сатҳи шароити мусоиди соҳибкорӣ аз 1 то 189 зина ҷой гирифтаанд. Мавқеи баланди кишвар маънои онро дорад, ки кушодан ва пешбурди тиҷорат дар ин кишвар зуд, осон ва бехатар аст.

**Ҷадвали 2.20. - Рейтинги баъзе кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи сабукии пешбурди тиҷорат дар соли 2023**

| Номи давлатҳо | ҷой дар рейтинг | Нишондиҳандаҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| Зеландияи Нав | 1 | 1 | 7 | 48 | 2 | 1 | 3 | 9 | 63 | 23 | 36 |
| Сингапур | 2 | 4 | 5 | 19 | 21 | 37 | 3 | 7 | 47 | 1 | 27 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 5 | 33 | 12 | 2 | 40 | 67 | 25 | 21 | 36 | 2 | 11 |
| ИМА | 6 | 55 | 24 | 64 | 39 | 4 | 36 | 25 | 39 | 17 | 2 |
| Норвегия | 9 | 25 | 22 | 44 | 15 | 94 | 21 | 34 | 22 | 3 | 5 |
| Малайзия | 12 | 126 | 2 | 4 | 33 | 37 | 2 | 80 | 49 | 35 | 40 |
| Канада | 23 | 3 | 64 | 124 | 36 | 15 | 7 | 19 | 51 | 100 | 13 |
| АМА (ОАЭ) | 16 | 17 | 3 | 1 | 10 | 48 | 13 | 30 | 92 | 9 | 80 |
| Қазоқистон | 25 | 22 | 37 | 67 | 24 | 25 | 7 | 64 | 105 | 4 | 42 |
| Федератсияи Русия | 28 | 40 | 26 | 7 | 12 | 25 | 72 | 58 | 99 | 21 | 57 |
| Узбекистан | 69 | 8 | 132 | 36 | 72 | 67 | 37 | 69 | 152 | 22 | 100 |
| Қирғизистон | 80 | 42 | 90 | 143 | 7 | 15 | 128 | 117 | 89 | 134 | 78 |
| Тоҷикистон | 106 | 36 | 137 | 163 | 77 | 11 | 128 | 139 | 141 | 76 | 153 |
| Эрон | 127 | 178 | 73 | 113 | 70 | 104 | 128 | 144 | 123 | 90 | 133 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [151]

Таҳлили ҷадвали дар боло оварда собит месозад, ки фазои соҳибкорӣ дар байни давлатҳои хориҷаи дур дар Зеландияи Нав баландтар арзёбӣ мешавад, яъне ин давлат мақоми аввалро дорост. Аз рӯйи нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки дар он ба қайд гирифтани тиҷорат, бақайдгирии амвол, шароити хуби қарздиҳӣ ва ҳифзи сармоягузорон хеле осон аст. Баъзе аз муаммоҳои пешбурди тиҷорат дар Зеландияи Нав пайвастшавӣ ба шабакаи барқ, тиҷорати байналмилалӣ ва бастани тиҷоратро дар бар мегиранд. Аз рӯйи ин индекс, дар мавқеи дуюм Сингапур, баъдан Кореяи Ҷанубӣ, ИМА, Норвегия ва дигар

кишварҳои ғарбӣ қарор доранд. Дар байни кишварҳои ИДМ, осонии пешбурди тиҷорат дар Қазоқистон қайд карда мешавад ва ин давлат дар индекс дар ҷойи 25-ум қарор гирифтааст. Аммо дар Қазоқистон зимни пешбурди тиҷорати байналмилалӣ, пайвастшавӣ ба низоми таъмини нерӯи барқ ва андозбандӣ баъзе аз муаммоҳо вуҷуд дорад. Федератсияи Русия аз рӯйи индекси мазкур дар ҷойи 28-ум қарор дорад. Дар Федератсияи Русия мушкилоти бақайдгирии корхонаҳо, сатҳи ҳимояи сармоягузорон, андозбандӣ ва барҳамдиҳии корхона, инчунин мушкилоти марбут ба тиҷорати байналмилалӣ то ҳол вуҷуд доранд. Ҷумҳурии Узбекистон аз лиҳози осонии тиҷорат дар ҷойи 69-ум, Қирғизистон дар ҷойи 80-ум ва Тоҷикистон дар ҷойи 106-ум қарор доранд. Мутаассифона, Тоҷикистон дар индекси Doing Business яке аз мавқеъҳои пастро соҳиб аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мавқеи назаррас пастро ишғол кардааст. Дар Тоҷикистон ҳини пешбурди тиҷорат дар нишондиҳандаҳои зерин муаммоҳо ҷой доранд: гирифтани иҷозатнома барои сохтмон, пайвастшавӣ ба низоми таъминоти барқ, ҳифзи сармоягузорон, андозбандӣ, тиҷорати байналмилалӣ ва барҳамдиҳии корхонаҳо. Таҳлил нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи кишварҳои мавриди баррасӣ мушкилоти савдои байналмилалӣ ва пайвастшавӣ ба системаи таъмини барқ вуҷуд дорад, ки ин раванд объективист. Дар ҳолати Тоҷикистон бошад, коршиносони Бонки ҷаҳонӣ мураккаб будани андозбандиро низ қайд мекунанд.

Дар шароити муосир танзими андозии фаъолияти соҳимкорӣ яке аз омили муҳимми рушди ин соҳа ба ҳисоб меравад. Танзими андозии фаъолияти соҳибкорӣ ду ҷанбаи худро дорад. Аз як тараф, тавассути андозҳо намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳавасманд гардонида шавад, аз тарафи дигар, фаъолияти соҳибкорӣ манбаи асосии андоз ва даромади андозии буҷети давлатӣ мебошад. Бинобар ин дар татбиқи танзими андозии фаъолияти соҳибкорӣ ҳар дуи ин ҷанбаҳо ба назар

гирифта мешавад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки андозҳо ва меъёрҳои андозӣ ба рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла ба рушди соҳибкории занон таъсири бевосита мерасонанд. Ба ибораи дигар, сарбории андозӣ дар иқтисодиёт боиси рушд мегардад ва баръакс, фаъолияти соҳибкорӣ боз дорад, ки ин дар ниҳоят ба ҳолати молиявии субъекти хоҷагидорӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аз сабаби он ки андоз омили рушди иқтисодӣ мебошад, баррасии гаронии андозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи мақсад аст. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили низоми андозбандии баъзе давлатҳо, маълум гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи андозҳои баландтарин байни давлатҳои ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Дар ҷадвали 2.21 рейтинги давлатҳо аз рӯйи андозҳои баландтарин оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.21. - Баъзе кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи гаронии андоз дар соли 2023**

| Номи давлатҳо | Ҷой дар рейтинг | Ҳаҷми умумии меъёри андоз (бо %) |
|---|---|---|
| Аргентина | 1 | 137,3 |
| Боливия | 2 | 83,7 |
| Тоҷикистон | 3 | 80,9 |
| Бразилия | 7 | 69 |
| Фаронса | 9 | 66,6 |
| Италия | 12 | 65,4 |
| Чин | 13 | 64,6 |
| Ҳиндустон | 18 | 61,7 |
| Украина | 23 | 52,9 |
| Мексика | 26 | 51,8 |
| Япония | 27 | 51,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [170]

Маълумоти ҷадвали 2.21 гувоҳӣ медиҳад, ки Тоҷикистон аз рӯйи меъёрҳои баландтарини андоз байни давлатҳои ҷаҳон ҷойи 3-юмро ишғол мекунад ва ин омил бевосита ба иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонад. Ниҳоят, меъёрҳои баланди андозбандии давлат рақобатпазирии кишварро нисбат ба дигар давлатҳо коҳиш медиҳанд.

Дар ин замина, муқоисаи баъзе намудҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе давлатҳои ҳамсоя мувофиқи мақсад аст:

Маълумоти ҷадвал собит месозад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида ва андоз аз даромад нисбат ба дигар кишварҳо меъёри баланд дорад. Масалан, андоз аз даромад нисбат ба Қирғизистон қариб 3 маротиба, нисбат ба Чин ва Қазоқистон қариб 2 маротиба зиёдтар аст. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбат ба дигар кишварҳо, ба истиснои Ҷумҳурии Халқии Хитой хеле баланд аст. Ҳаҷми он 12-13% -ро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 2.22. - Муқоисаи сатҳи андозҳо дар баъзе кишварҳо дар соли 2023**

| Намудҳои андоз | Номи давлатҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Қирғизистон | Чин | Қазоқистон | Тоҷикистон | Ӯзбекистон |
| ААИ | 12% | 17% | 10-15% | 18% | 12% |
| Андоз аз фоида | 10% | 15-25% | 16% | 14% | 15% |
| Андоз аз фоидаи шахсони воқеӣ | 10% | 5-45% | 10-15% | 12-15% | 12% |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [144]

Ҳамин тавр, бо такя ба омилҳои муайяншуда, мо хусусиятҳои рушди соҳибкории занонро дар вилояти Суғд ошкор намудем, ки он дар шароити муосир дар марҳилаи тараққӣ қарор дорад. Тавре ки дар боло қайд шуда буд, яке аз монеъаҳои асосӣ дар ин самт маҳдуд будани дастрасии занон ба хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки онро мутахасисони Бонки миллии Тоҷикистон низ таъкид менамоянд. ТАҚХ «Имон Интернешнл» низ як қатор хусусиятҳои фарогирии молиявии занҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла сатҳи баланди пардохти қарз (чунки занон камтар қарз мегиранд ва бештар захира мекунанд) ва набудани имкониятҳои молиявию саводнокии техникиро таъкид мекунад [40, с.259]. Бо мақсади ба даст овардани тасаввуроти пурраи дастрасии занони Суғд ба хизматрасониҳои молиявӣ, мо ҳиссаи қарзҳои аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд ба занони соҳибкор додашударо мавриди таҳлил қарор додем. Азбаски байни бисёре аз бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дар вилояти Суғд ТАҚХ «Имон Интернешнл» назди худ ҳадафи баландбардории ҳиссаи муштариёни ҷинси занро

гузоштааст ва аз соли 2008 инҷониб ин ташкилот занонеро, ки тиҷорати худро оғоз мекунанд, фаъолона дастгирӣ менамояд, ҳиссаи қарзҳои ба занони соҳибкор додаи ин ташкилотро мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷадвали 2.23).

**Ҷадвали 2.23. – Қарзи дар солҳои 2019-2024 барои фаъолияти соҳибкорӣ додаи ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар вилояти Суғд**

| Асъор | доллари ИМА | | | сомонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷинс | мардҳо | занҳо | ҳамагӣ | мардҳо | занҳо | ҳамагӣ |
| Шумораи қарзгирандагон | 223 | 191 | 414 | 313 | 1326 | 1639 |
| Маблағи қарз | 815561 | 515248 | 1330809 | 3701381 | 72436629 | 76138010 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [28]

Додаҳои ҷадвал собит месозад, ки бонкҳо ба занҳо барои рушди соҳибкорӣ нисбат ба мардҳо камтар қарз медиҳанд. Ҳамчунин, маълум аст, ки занон қарзро бо асъори миллӣ бештар истифода мебаранд ва дар ҳиссаи умумии шумораи қарзгирандагон қарзи занон 80,9% -ро ташкил мекунад. Мардон бештар бо асъори хориҷӣ (дар мавриди мо доллари ИМА) қарз мегиранд. Мардоне, ки бо асъори хориҷӣ қарз мегиранд 53,8% шумораи умумии қарзгирандагонро ташкил мекунанд. Ҷадвали мазкур аз мавҷуд будани фарқи гендерӣ дар соҳаи соҳибкории вилояти Суғд шаҳодат медиҳад. Занон дар гирифтани қарз нисбат ба мардҳо бо сабаби нобоварӣ дар бораи қобилияти пардохти қарз ва навиштани бизнес-нақшаҳо бештар мушкилӣ доранд.

Дар самти дастгирии занҳои соҳибкор омилҳои дигар, яъне пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо ва ташкилоҳои қарзии хурд дар вилояти Суғд аҳаммияти хело бузург дорад. Масалан, барои дастгирии занҳои соҳибкор бо мақсади рушди саноати сабук БДА ҶТ “Амонатбонк” қарзро бо 22 %-и солона пешниҳод намуда истодааст. Дар навбати худ, бонк ба занони соҳибкор, ки ба қолинбофӣ, дӯзандагӣ, гулдӯзӣ ва адрасбофӣ машғуланд, ҳамчунин барои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо 18 %-и солона қарзи имтиёзнок ҷудо мекунад.

Ҳамзамон, аз ҷониби ТАҚХ “Ҳумо-Бонк” ба занҳо барои рушди ҳунарҳои мардумӣ то 30 ҳазор сомонӣ бо 25%-и солона ба мухлати то 36

моҳ бе пешниҳоди гарав қарз пешниҳод мегардад. Ба шахсони воқеи барои  рушди сайёҳӣ, агар роҳбари ташкилот зан бошад, то 250 ҳазор сомонӣ, ба шахсони ҳуқуқӣ то 500 ҳазор сомонӣ, ба муҳлати то 36 моҳ бидуни комиссия, бо дарназардошти 6 моҳи имтиёзнок қарз пешниҳод мегардад. Барои рушди истеҳсолот, ба шахсони воқеӣ то 50 ҳазор сомонӣ бо 26 %-и солона барои шахсони ҳуқуқӣ аз 50 то 500 хазор сомонӣ бо 24 %-и солона (қисми зиёди коргаронро бояд занҳо ташкил кунанд) қарз дода мешавад. Барои оғози тиҷорат ба занҳое, ки соҳибкории худро бори аввал тшкил кардаанд, то 30 ҳазор сомонӣ қарз бо 30% -и солона бо 4 моҳи имтиёзнок дода мешавад.

Дар ин самт, бонки "Арванд" ба занон барои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳаҷми 1000 то 250 000 сомонӣ бо 32%-и солона аз 36 то 60 моҳ қарз медиҳад. Бонки "Эсхата" барои занони соҳибкор то 500 ҳазор сомонӣ бо меъёри 24% то 29% солона қарз медиҳад. Дар баробари ин, фонди қарзии «Имон Интернешнл» барои занони соҳибкор то 250 ҳазор сомонӣ бо 18%-и солона бо 36 моҳи имтиёзнок қарзро пешниҳод менамояд. Барои занҳои соҳибкор, ки бори нахуст ба тиҷорат шуруъ мекунанд, семинару тренингҳо гузаронида мешаванд, сертификатҳо то 50 000 сомонӣ бо 16 %-и солона ба муҳлати 48 моҳ дода мешавад. Барои занҳои ҳунарманд то 20 ҳазор сомонӣ бо 20 %-и солона аз 3 то 36 моҳи давраи имтиёзнок, барои бахши кишоварзӣ то 3 моҳ, давраи имтиёзнок то 9 моҳ қарз пешниҳод карда мешавад.

Бонки "Имон Интернешнл" ба занҳое, ки ба ҳунарҳои мардумӣ машғул мебошанд, аз 1000 то 500000 сомонӣ бо мухлати аз 2 то 24 моҳ бо 24%-и солона қарз медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил метавон ба хулосае омад, ки бо вуҷуди он ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дар вилояти Суғд ба занони соҳибкор қарзҳои имтиёзнок медиҳанд, вале ҳаҷми қарзҳои гирифтаи занон хеле кам аст. Ба андешаи мо, ин пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки фоизи қарзи банкҳо  баланд буда, аз 22 то 30 %-и солонаро ташкил медиҳад. Тавре ки дар таҳқиқоти масуси СММ дар ин

самт таъкид мегардад, «инчунин, омили дигари кам будани маблағи қарз барои занон аз набудани захираи молиявии онҳо замина мегирад, ки зимни баҳодиҳии вазъи пардохтпазирии қарз қобилияти қарзадокунии занон бештар арзёбӣ мегардад» [19]. Агар ин нишондиҳандаҳоро бо дигар кишварҳо муқоиса кунем, масалан, дар Русия бонкҳо ба занони соҳибкор аз 9 то 11 %, дар Ӯзбекистон то 14 %-и солона, дар Қазоқистон то 13 %-и солона қарз медиҳанд, чи тавре ки мебинем фоизи қарз нисбат ба вилояти Суғд 2 маротиба камтар аст.

Шароити муосири фаъолияти иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ бо рушди технологияҳои рақамӣ зич алоқаманд аст. Дар марҳалаи рушди иқтисодиёти кишвар технологияҳои рақамӣ воситаи ҷудонашавандаи рушди рақобатпазирии ҳама гуна намуди тиҷорат, аз ҷумла фаъолияти занон мебошад. Ба шарофати ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ширкату корхонаҳо, аз ҷумла низоми пардохтҳои электронӣ (НПЭ) устувории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ баланд мешавад. Дар ин ҷо мехостем ба моҳият ва зарурати низоми пардохти электронӣ (НПЭ) диққат диҳем. Зеро НПЭ хизматрасонии молиявист, ки пардохтро бо пули электронӣ барои ягон намуди хизматрасонӣ ё маҳсулот байни корбарони Интернет ё байни корбари интернет ва веб-сомона (ё муассиса) таъмин менамояд. Тавассути истифодаи низоми пардохтҳои электронӣ дар фаъолияти молиявии ташкилотҳо низоми самаранокии пардохтҳо байни контрагентҳо беҳтар мегардад, зеро истифодаи низоми пардохтҳои электронӣ барои соҳибкории хурду миёна роҳи ҳалли бисёр аз масъалаҳои пардохт мебошад. Ба туфайли истифодаи НПЭ, ширкатҳо ва ташкилотҳо як қатор бартариҳоро, аз ҷумла ҳаракат, дастрасӣ, амният, самаранокӣ, осонии истифодабарӣ ва ғайра соҳиб мешаванд.

Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ, ки дар ҷадвали 2.24. оварда шудаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 2.24. - Нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| Шумораи пардохтҳо, (ҳазор) адад | 125331 | 13445 | 16980.12 | 22371 | 22911 |
| **Аз онҳо:** | | | | | |
| Дар шакли ҳуҷҷатҳои электронии пардохтӣ | 3975 | 462 | 434.58 | 2289 | 4362 |
| Ба воситаи интернет | 494 | 44 | 89.41 | 77 | 105 |
| Тавассути таҷҳизоти телефонӣ (мобилӣ). | 79 | 120 | 750.79 | 1848 | 4067 |
| ҳаҷми пардохтҳо (млн. сомонӣ ) | 706415 | 111484 | 134180.52 | 104515 | 147214 |
| **Аз онҳо:** | | | | | |
| Дар шакли ҳуҷҷатҳои электронии пардохт | 217008 | 42593 | 38887.06 | 27921 | 26631 |
| Ба воситаи интернет | 10222 | 2247 | 2447.04 | 2225 | 2875 |
| Тавассути таҷҳизоти телефонӣ (мобилӣ). | 92 | 34 | 286.31 | 547 | 1761 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [27, 96-98]

Дар асоси таҳлили маълумоти ҷадвал қайд намудан мумкин аст, ки ҳаҷми пардохтҳо дар шакли ҳуҷҷатҳои электронии пардохт тамоюли зиёдшавиро дорад. Ҳарчанд пардохтҳои электронӣ маҷуданд, ҳиссаи онҳо дар маҷмуи умумии пардохтҳо кам боқӣ мемонад, ки аз рушди нисбатан сусти рақамикунонӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад. Агар доир ба ҳаҷми пардохтҳо сухан ронем, пас тибқи шабакаи Интернет ва таҷҳизоти мобилӣ ҳаҷми онҳо низ нисбат ба ҳаҷми умумии пардохтҳо паст аст, ҳарчанд дар шакли ҳуҷҷатҳои электронии пардохтӣ ҳиссаи онҳо қариб нисфро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки низоми пардохтҳои электронӣ НПЭ дар ҷумҳурӣ тамоюли афзояндаро соҳиб аст, чунки барои ширкатҳо ва корхонаҳо низоми пардохтҳои электронӣ ҳангоми анҷом додани муомилоти молиявӣ бо мизоҷони худ ба воситаи асосӣ табдил меёбанд. Дар навбати худ, ҳаҷми пардохтҳо бо истифода аз НПЭ торафт зиёд мешавад ва пардохтҳо бо истифода аз кортҳои дебетӣ ва кредитӣ торафт кам мешаванд.

Дар тадқиқоти муҳақиқи рус қайд мегардад, ки «пайдоиши технологияҳои рақамӣ инчунин гузариш ба иқтисоди рақамӣ аз одамон малака ва салоҳиятҳои нав, ҳамчунин омодагиро барои истифодаи

технологияҳои нав дар ҳаёти ҳаррӯза тақозо мекунад» [84]. Дар чунин шароит донистани қонунҳои иқтисодию молиявӣ аҳаммияти калон дошта, амнияти молиявии шахсиро мустаҳкам менамояд ва ба баланд шудани дараҷаи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, сатҳи кофии дониш ва малакаи касбӣ дар соҳаи молия имкон медиҳад, ки вазъи бозор дуруст арзёбӣ карда, қарорҳои оқилона қабул карда шаванд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дониши молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ нақши муҳим бозида, яке аз омилҳои рушди он мебошад. Дар ин самт истифодаи технологияҳои бонкӣ ва каналҳои хизматрасонии фосилавиро аз тарафи занҳо дар вилояти Суғд таҳлил менамоем, чунки истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва кортҳои бонкӣ вақтҳои охир хеле равнақ ёфтаанд (ҷадвали 2.25.).

**Ҷадвали 2.25. - Истифодаи кортҳои бонкӣ ва каналҳои хизматрасонии фосилавӣ дар вилояти Суғд дар соли 2024**

| Ҷинс | Нишондиҳандаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми маблағ, сомонӣ | Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, бо % | Миқдор | Интернет, банкинги мобилӣ | Ҳисса дар ҳаҷми умумии муомилот. бо % |
| Занҳо | 2458722 | 28% | 7443 | 38% | 34,2% |
| Мардҳо | 6313529 | 72% | 14317 | 62,0% | 65,8% |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [28]

Аз маълумоти ҷадвал маълум мегардад, ки дар самти истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ занони соҳибкори вилояти Суғд аз мардон хеле қафо мондаанд. Аз ҷумла, ҳаҷми маблағ ва муомилот бо кортҳои бонкии анҷомёфтаи занон дар соли 2023 2458722 сомониро ташкил додааст, азони мардон бошад 6313529 сомонӣ мебошад. Ҳиссаи занон дар миқдори умумии чунин пардохтҳо ҳамагӣ 28%-ро ташкил медиҳад, ҳол он ки ҳиссаи мардон 72%-ро дар бар мегирад. Занон 7443 амалиётро анҷом додаанд, ки он 34,2 %-и миқдори умумии амалиётҳоро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ҳиссаи истифодаи интернет (банкинги мобилӣ) нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии муомилоти аз ҷониби мардҳо анҷомёфта

нисбат ба занҳо бештар аст, яъне ҳиссаи занҳо дар ҳаҷми амалиёти электронӣ ҳамагӣ 38 %, ҳиссаи мардон бошад 62 %ро ташкил кардааст.

Чи хеле ки дар боло қайд намудем, омили дигари рушди соҳибкории занона ин мавҷуд набудани заминаи қонунгузорӣ мебошад. Қонунгузорӣ ҷузъи муҳимми фароҳам овардани муҳити мусоид барои баландбардории иқтидори занон мебошад. Дар масъалаи пардохти одилона барои кори якхела ва манъи зӯроварӣ дар байни кишварҳои узви БМБИОМ, ба андешаи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ, Тоҷикистон мавқеи пешсафро ишғол мекунад, ки дар гузориши созмони мазкур қайд гардидааст: “Дар байни кишварҳои БМБИОМ Тоҷикистон бо талаботи қонунан муқарраршуда дар бораи музди одилона барои кори арзишаш ягона фарқ мекунад ва зӯровариро аз рӯйи аломати ҷинсӣ ҳангоми ба кор қабул намудан манъ мекунад [18, 48].

Мавриди зикр аст, ки аз тарафи АМДЗТ тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуда, ба занҳои соҳибкор дастгирии ҳуқуқӣ (дар масъалаҳои андоз ва андозбандӣ, бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ, боҷҳои гумрукӣ ва ғайра) пешниҳод карда мешавад. Таҳқиқоте, ки аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ доир ба муайян намудани ҳиссаи ширкатҳо бо иштирок ва соҳибмулкии занҳо байни кишварҳои БМБИОМ анҷом дода шудааст, нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории занон шароити мусоид мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар ҳисоботи “Шарҳи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва имконияти занҳо дар кишварҳои БМБИОМ” Тоҷикистон байни давлатҳои Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Узбекистон пас аз Қирғизистон дар ҷойи 2-юм қарор дорад [18, 48].

Ҳамзамон, интиқоли соҳибкории занон аз бахшҳои анъанавии каммаҳсул, ба монанди савдо, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ ба чунин соҳаҳо, аз қабили сохтмон, нақлиёт ва логистика, технологияҳои иттилоотӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ, молия, истеҳсолот ба мушоҳида мерасад.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шуд, ки инфрасохтори ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи соҳибкорӣ низоми пайваста инкишофёбандаро дар худ таҷассум

менамояд. Аммо қайд намудан зарур аст, ки ин инфрасохтор барои пешбурд ва дастгирии соҳибкории занон ба қадри зарурӣ самаранок нест. Ба фикри мо, барои такмили механизмҳои мавҷудаи ҳавасмандкунии соҳибкории занон, бояд чораҳои махсуси ҳимояи манфиатҳои занони соҳибкор дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна андешида шавад. Аз ҷумла, бояд барномаи қарздиҳии имтиёзнок барои занони соҳибкор таҳия карда шавад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки соҳибкории занона асосан ба рушди иқтисоди ғайрирасмӣ, аз ҷумла дар деҳот мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, аз тарафи давлат бояд тадбирҳо ва санадҳою қонунгузории саривақтӣ андешида шавад, ки ба паст намудани осебпазирӣ тавассути фарохгардонии ҳифзи иҷтимоии ҳамагон ва мусоидат ба беҳтар шудани сифати кор, дастрасӣ ба бозорҳо ва хизматрасониҳо нигаронида шаванд.

Сатҳи таҳсил яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи шароити зиндагии занон ба ҳисоб меравад, чунки соҳибони маълумоти олӣ одатан даромади бештар доранд ва маҳз ҳамин омил дар оянда монеаи дастрасӣ ба тахассусҳо ва мансабҳои баландтар мегардад, ки дар бозори меҳнат талаботи бештар доранд. Доир ба ҳамин масъала раиси АМЗСТ Гулбаҳор Маҳкамова чунин қайд мекунад: “Таҷрибаи байналмилалӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибкорӣ ва ташаккули малакаҳои бозорӣ бояд аз мактаб омӯзонида шавад ва он дар низоми таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд фанни ҳатмӣ бошад» [168]. Дар ин ҷо бояд ҳолатеро қайд намуд, ки сатҳи маълумот ба имкониятҳои иқтисодии ҳам занҳо ва ҳам мардҳо таъсир мерасонад. Дар идомаи ин гуфтаҳо, баҳодиҳии сатҳи фарогирии таълимии занҳоро дар вилояти Суғд ба таври миқдорӣ муайян менамоем. Дар ҷадвали зерин маълумот доир ба ҳиссаи духтарон дар теъдоди донишҷӯёни мактабҳои олӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.26. - Ҳиссаи духтарони донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилояти Суғд (дар солҳои 2015-2024)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015-2016 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2021-2022 | 2022-2023 | 2023-2024 |
| Фоизи духтарҳо нисбат ба шумораи донишҷӯён, бо % | 45 | 49 | 49 | 47 | 51 | 48 |
| **Аз онҳо: (бо фоиз):** | | | | | | |
| Саноат | 19 | 21 | 17 | 17 | 20 | 15 |
| Кишоварзӣ | - | - | - | - | | |
| Иқтисодиёт | 30 | 37 | 34 | 33 | 35 | 33 |
| Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 18 | - | - | - | | |
| Маориф, фарҳанг ва синамо | 63 | 66 | 67 | 64 | 66 | 61 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [20, 69]

Аз маълумоти ҷадвал равшан мегардад, ки дар вилояти Суғд аз миқдори умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қариб 45-51%-ро занону духтарон ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, дар соҳаи саноат аз 17 то 21 % ва дар соҳаи иқтисодиёт аз 30 то 37 %-ро дар давраи баррасишаванда занону духтарон ташкил медиҳанд. Қисми бештари занҳо дар бахшҳои маориф, фарҳанг ва синамо таҳсил мекунанд, яъне ҳиссаи онҳо дар ин соҳа аз 63 то 67 %-ро ташкил медиҳад. Аммо дар соҳаи тандурустӣ бошад, аз соли таҳсили 2016-2017 инҷониб аз вилояти Суғд занону бонувон дар таҳсилоти олии касбии тиббӣ намоянда надоранд. Ин аз он сабаб аст,ки дар вилоят мактабҳои олии касбии соҳаи тиб вуҷуд надоранд. Дар соҳаи кишоварзӣ низ чунин вазъият ҳукмфармо аст.

Дар ин замина, тамоюли ҳиссаи донишҷӯдухтаронро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд баррасӣ менамоем (ҷадвали 2.27).

Чи хеле ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, дар вилояти Суғд аз миқдории умумии муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб 70%-ро занону духтарон ташкил мекунанд. Аз ин миқдор, таҳсилкунандагон дар давраи мавриди баррасӣ занону бонувон дар бахши саноат аз 26 то 36 % ва дар бахши иқтисодӣ аз 16 то 41 %-ро ташкил карданд. Қисми зиёди занону духтарон дар соҳаи тиб ва маориф

таҳсил мекунанд, яъне ҳиссаи онҳо аз 73 то 82 %-ро ташкил медиҳад. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки дар вилояти Суғд якчанд коллеҷҳои тиббию омӯзгорӣ амал мекунанд.

**Ҷадвали 2.27. - Ҳиссаи донишҷӯдухтарони таҳсилкунанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд (барои солҳои 2015-2024)**

| Нишондиҳандаҳо (дар %) | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2021-2022 | 2022-2023 | 2023-2024 |
| Фоизи занҳо нисбат ба шумораи донишҷӯён, бо % | 72 | 70 | 70 | 69 | 73 | 73 | 80 | 83 |
| **Аз онҳо**(бо %) | | | | | | | | |
| Саноат | 34 | 36 | 26 | 34 | 32 | 27 | 34 | 34 |
| Кишоварзӣ | 10 | 8 | 4 | 6 | 8 | 8 | 9 | 12 |
| Иқтисодиёт | 16 | 41 | 29 | 34 | 32 | 29 | 55 | 64 |
| Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 81 | 80 | 82 | 78 | 81 | 82 | 86 | 87 |
| Маориф, фарҳанг ва синамо | 74 | 73 | 73 | 73 | 75 | 79 | 77 | 77 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [20, 69]

Дар соҳаи саноат бошад, дар муассисаҳои миёнаи касбии техникӣ, ки дар онҳо мутахассисони соҳаи саноат омода карда мешавад, аз 26 то 36 % -и талабагонро духтарон ташкил мекунанд. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки мутахассисони соҳаи кишоварзӣ тайёр карда мешавад, ҳиссаи занон кам буда, ҳамагӣ аз 4 то10%-ро фаро мегирад.

Дар идома, тамоюли омода намудани мутахассисонро аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд таҳлил менамоем (Ҷадвали 2.28).

Нишондиҳандаҳои ҷадвал собит месозанд, ки дар миқдори умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд ҳиссаи духтарон ва занон хело назаррас мебошанд. Масалан, агар дар соли хониши 2016-2017 ҳиссаи онҳо 70% аз миқдори умумии донишҷӯёнро ташкил карда бошанд, соли 2023 дар умум ба 80,6% расидааст. Танҳо дар соли хониши 2018-2019 ин нишондиҳанда аз 70% кам буд, яъне 69 %-ро

ташкил дод. Ҳамчунин, аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар вилояти Суғд дар давраи мавриди таҳлил зиёдшавии шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.28. - Ҳиссаи духтарони донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии вилояти Суғд (дар солҳои 2016-2023)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 | 2021-2022 | 2022-2023 |
| Миқдори таҳсилку-нандагон, ҳамагӣ (ҳазор нафар) | 20.7 | 20.3 | 21.7 | 21.9 | 22.6 | 22,1 | 20,1 |
| Аз ҷумла, духтарон (ҳазор нафар) | 14.5 | 14.2 | 15.0 | 15.9 | 16.4 | 16,9 | 16,2 |
| Бо % аз миқдори умумӣ | 70 | 70 | 69 | 73 | 72,6 | 76,5 | 80,6 |
| Миқдори қабул (ҳазор нафар) | 6.8 | 6.2 | 6.8 | 6.4 | 7.6 | 7,1 | 6,7 |
| Хатми мутахассисон (ҳазор нафар) | 4.1 | 5.2 | 5.4 | 5.3 | 5.9 | 6,0 | 5,9 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [20, 59-60]

Омили дигари муҳим дар соҳаи шуғли занон, ин гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Баробари рушди босуръати инноватсияҳои технологӣ дар бозори меҳнат дониш ва таҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба як шарти ҳатмӣ табдил ёфтааст. Ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ муаммоҳои навро дар робита бо рушди иқтисодӣ, маҳсулнокӣ, инчунин баробарии гендерӣ дар қувваи корӣ, бахусус дар соҳаҳои технологияҳои муосир ва соҳаи илм муайян кардааст. Ин рушд махсусан ба занон таъсир расонд, зеро занон дар ин соҳаҳо танҳо қисми ками ҷойҳои кориро ишғол мекунанд (ҳарчанд занҳо қариб нисфи аҳолии қобили корро ташкил медиҳанд). Дар баробари ин, дар кишвар норасоии шадиди мутахассисони технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, донишу таҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ шарти асосии қабул ба кор шуда истодааст.

Нобаробарии гендерӣ бештар дар соҳаи омӯзиши компютерӣ, дар соҳаи таъминоти барномавӣ, хизматрасониҳои технологияҳои

иттилоотию иртиботӣ ва зеҳни сунъӣ ба мушоҳида мерасад. Мавҷуд набудани занҳо дар соҳаи иқтисоди рақамӣ боиси аз даст додани имконияти иқтисодӣ барои ҳар кишвар аст, зеро иштироки занҳо дар бахшҳои технологӣ метавонад ба афзоиши солонаи ММД оварда расонад.

Дар соҳаи иҷтимоӣ иқтисодиёти рақамӣ боиси баландшавии нобаробарии гендерӣ дар шуғл ва дар ҷомеа мегардад. Ин пеш аз ҳама ба якбора зиёд шудани миқдори аҳолии бекор аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои нав, аз ҷумла робототехника ва зеҳни сунъӣ таъсир мерасонад.

Тавре ки пештар таъкид шуда буд, «нобаробарии гендерӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба шароитҳои гуногуни ибтидоӣ вобаста аст. Намояндагии ками занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда онҳоро аз истифодаи захираҳои бахши давлатӣ дар марҳилаҳои аввали фаъолияти худ монеъ намуд. Илова бар ин, занон дар дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва иттилоотӣ душвориҳои махсус доранд, зеро чунин дастрасӣ дар шароити муосир асосан тавассути робитаҳои шахсӣ, ки ҳатто дар давраи пеш аз ислоҳот дар соҳаи идоракунии иқтисодиёт ва идоракунӣ инкишоф ёфта буданд, таъмин карда мешавад. Карахтии шуури омма, стереотипҳое, ки дар ҷомеа ба вуҷуд омадаанд, ки дар он роҳбарии занон ва ба даст овардани мансабҳои роҳбарикунанда дар иерархияи олии корхонаҳо низ нақши муҳим бозида, на танҳо дар байни мардон, балки дар байни худи занон ҳам ба муқобилияти дохилӣ дучор мешаванд» [3-М, с.160].

Умуман, дар шароити иқтисодӣ бозорӣ барои ноил шудан ба баробарии гендерӣ мушкилоти ҷиддие вуҷуд дорад, ки оид ба ҷалби занон ба бахши рақамӣ андешидани чораҳо ва татбиқи барномаҳои давлатиро талаб менамояд. Яке аз воситаҳои имконпазири ҳалли ин муаммо такмили ихтисоси кадрҳо дар бахшҳое мебошад, ки дар он шуғли занон зиёдтар аст. Сониян бо мақсади кор кардани занҳо на танҳо дар бахшҳои анъанавии шуғли занҳо, балки дар ҷойҳои кории марбут ба

технологияҳои пешрафтаи рақамӣ, духтарон ва ҷавонзанонро барои ба мактабҳои олии техникӣ дохил шудан ҳавасманд гардондан зарур аст.

Боз як муаммои дигар кам будани ҳиссаи духтарон дар донишгоҳҳои техникӣ мебошад, ки ба ақидаи мо, сабаби ин ҳолат набудани қобилият ва шавқу рағбат ба илмҳои дақиқ ва нобаробарии гендерӣ дар ин соҳа мебошад. Дар ҷомеаи имрӯзаи мо аксари волидайн ва худи духтарон ҳангоми интихоби донишгоҳ фоизи духтарони донишҷӯро дар мактаби олӣ ба назар мегиранд (яъне аз сабаби он ки дар донишгоҳҳои техникӣ асосан ҷавонписарон таҳсил мекунанд, падару модарон намехоҳанд, ки духтаронашон ба ин донишгоҳ ё факултет ба хондан дароянд.

Яке аз мутахассисони соҳаи шуғли иқтисоди рақамӣ М.Габриэл ҳангоми таҳияи чораҳо оид ба баланд бардоштани иштироки занон дар бахши рақамӣ се самти асосии амалро муайян кард: мубориза бо стереотипҳо, рушди малакаҳои рақамӣ ва таҳсилот, дастгирии бештари занони соҳибкор.

Дар муҳити рақамӣ дониш ва малакаҳои технологияҳои рақамӣ на танҳо ба мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, балки ба кормандону намояндагони дигар касбҳо (муаллимон, табибон, иқтисодчиён, кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва ғайра), аз ҷумла соҳибкорон низ зарур хоҳад буд. Имрӯз аллакай мушоҳида мешавад, ки муҳити рақамӣ як қисми рушди бисёр соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла тандурустӣ, маориф ва кори иҷтимоӣ мегардад.

Нақш ва аҳаммияти технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ бебаҳо аст. Дониш дар соҳаи технологияҳои рақамӣ барои соҳибкорон хеле муҳим аст, зеро истифодаи навтарин коркардҳо ва технологияҳои рақамӣ боиси тиҷорати муваффақ мегардад, яъне яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Дар марҳалаи ҳозира бе истифодаи технологияҳои рақамӣ на танҳо тиҷорат, балки дигар соҳаҳои фаъолиятро низ рушд додан ғайриимкон аст. Имрӯз технологияҳои гуногуни рақамӣ мавҷуданд, ки аз ҷониби соҳибкорон вобаста ба

намуди тиҷораташон истифода мешаванд. Масалан, агар тоҷир бо соҳибкории тарабхонавӣ машғул бошад (омодакунӣ ва дастраснамоии хӯрок), пас дар фаъолияти ӯ технологияҳои нав, ба монанди телеграм-бот, геолокатсия, сенсорҳои ҳароратӣ ва паёмнависии фаврӣ истифода мешаванд. Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар фаъолияти худ аз системаи CRM истифода мебаранд (ин таъминоти барномавиест, ки профили  муфассали муштариро нигоҳ медорад: ҷинс, синну сол, таърихи харид ва робита бо бренд, имзои электронӣ ва ғайра). Ширкатҳои суғуртавӣ бомуваффақият барномаҳои мобилӣ ва РБП (Risk-Based Pricing) (методологияи ҳисоби меъёрҳои фоизӣ, дар асоси баҳодиҳии эътимоднокии саҳмдорон)-ро васеъ истифода мебаранд. Инчунин, соҳибкорон низ аз технологияҳои интернет-банкинг ва интернет-маркетинг бомуваффақият истифода бурда истодаанд.

То имрӯз даҳҳо кишварҳо барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои рақамӣ ё рақамикунонии иқтисодиёти миллиро таҳия ва татбиқ мекунанд. Ин ба  Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсир расонд, аз ин рӯ, бо мақсади рушди дарозмуддати кишвар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 қабул гардида, бо қарори ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2030 таҳти № 429 тасдиқ карда шуд. Дараҷаи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар рейтингҳо ва гузоришҳои байналмилалӣ инъикос меёбад. Масалан, дар индекси байналмилалии «Рушди малакаҳои рақамии аҳолӣ» Тоҷикистон соли 2020 дар байни 141 кишвари ҷаҳон дар ҷойи 57-ум қарор гирифт. Ё худ, соли 2023 индекси ҷаҳонии омодагӣ ба таҳияи инноватсияҳои пешрафта барои рақобатпазирии иқтисодиёт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 104 қарор гирифт.

Технологияҳои рақамӣ имкониятҳои бештарро барои соҳибкорон, аз ҷумла худмашғулбудагон фароҳам меорад (чи тавре ки маълум аст, аксарияти худмашғулбудагон занони соҳибкор мебошанд). Чи хеле ки коршиносон қайд мекунанд, тақрибан 2%-и бартариҳои иқтисоди

рақамӣ пурра истифода шуда истодааст [144]. Маҳз барои ҳамин байни корхонаҳои хурду миёна ва ширкатҳои бузург фарқи назаррас дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ вуҷуд дорад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи соҳибкорӣ чунин афзалиятҳоро пешниҳод менамояд:

- ҷалби аудиторияи васеъ бо хароҷоти нисбатан кам барои реклама ва пайдо кардани мизоҷони нав;
- дастрасӣ ба маълумот ва таҳқиқоти бозор барои қабули қарорҳои дуруст;
- таъсис ва истифодаи роҳҳои нави фурӯш;
- рушди фурӯши молу хизматрасониҳо;
- беҳтар кардани муносибат бо муштариён тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ;
- муайян ва истифодаи каналҳои самараноки фурӯш;
- мутобиқсозии платформа ба талаботи бозор;
- пайдо намудани шарикони нав ва густариши ҳамкорӣ.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ, махсусан барои субъектони соҳибкорие, ки сармояашон дар сатҳи ҳадди ақал қарор дорад, самараи баланд дорад. Ин бо он алоқаманд аст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ нисбатан бо арзиши арзон дараҷаи фоиданокии фаъолияти соҳибкориро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда метавон ба хулосае омад, ки дар рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд, бешубҳа, омилҳои гуногун вуҷуд доранд, ки бо қолабҳою стереотипҳо алоқаманд буда, дар асоси он зан дар ҷомеаи имрӯза, пеш аз ҳама, мехоҳад худро ба оилаи худ, ки аз дину анъанаҳо бар меояд, бахшад.

Аммо, дар навбати худ, ҳам занон ва ҳам мардоне, ки роҳи соҳибкориро интихоб мекунанд, бо муаммоҳое вомехӯранд, ки характери гуногун доранд. Чунин мушкилот дар пешбурди соҳибкорӣ бо камбудиҳои қонунгузорӣ (зеро бахши соҳибкорӣ системаи рушдёбанда аст), омилҳои коррупсионӣ, хусусиятҳои низоми молиявӣ, гаронии андоз ва ғайра алоқаманд аст. Агар доир ба масъалаҳои соҳибкории занон дар

вилояти Суғд сухан ронем, пас монеаҳо барои занҳо дар ин самт нокифоягии дониши молиявӣ (аз ҷумла надонистани истифодаи технологияҳои бонкии фосилавӣ), мушкилот дар дарёфти қарз (фоизи баланд), нокифоя будани сармояи ибтидоӣ, набудани рақобатпазирӣ, меъёри баланди андозҳо, надоштани дониш дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, надоштани таҷрибаи корӣ дар соҳа ва ғайра ба ҳисоб меравindependent.

# БОБИ III. САМТҲОИ ТАКМИЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## 3.1. Равияҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон барои давраи оянда

Тавре ки дар боло қайд карда шуда буд, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон яке аз самти муҳим дар ҳалли масъалаҳои низомии иқтисодбаромад намуда, барои ташаккул ва рушди бозори меҳнат дар минтақа таъсири мустақим дорад. Вобаста ба ин олими рус Уткина Н.Ю. дуруст қайд менамояд, ки «дар ҷараёни ташаккулдиҳии бозори меҳнат масъалаи ба вуҷуд овардани ҷойи кор ва пешниҳоди қувваи корӣ ба бозор аҳаммияти калидӣ дорад» [111]. Яке аз хусусияти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ занон барои дарёфти ҷои корӣ мушкилӣ мекашанд, бинобар ин омӯзиши хусусиятҳои вазъи занон дар бозори меҳнат сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад. Аз ин сабаб, мақомоти давлатӣ ва иҷтимоӣ бояд ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба занҳо имкон медиҳанд, вазифаҳои кор ва оилавию хоҷагиро пурра ба ҳам пайваст намоянд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Аммо дар ин ҳолат, пеш аз ҳама, ин хадамот бояд хусусиятҳои бекории занонро муайян намуда, онро мавриди омӯзиш қарор дода, минбаъд ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли занон, ки асосан дар сатҳи минтақавӣ зуҳур мекунад, ба назар гиранд. Дар навбати худ, хадамоти минтақавии шуғли аҳолӣ бояд барномаҳои омӯзишӣ ё бозомӯзӣ дошта бошанд. Масалан, дар Федератсияи Русия дар доираи лоиҳаи таълимии рушди соҳибкории занон «Модар-соҳибкор» хадамоти минтақавии шуғли аҳолӣ як қатор вазифаҳо ва ваколатҳои зеринро иҷро мекунад:

1. “Машваратдиҳӣ ба занон оид ба интихоби барномаи таълимӣ барои бозомӯзӣ;

2. Интихоби муассисаи таълимии нисбатан мувофиқ барои бозомӯзӣ аз байни муассисаҳои таълимии минтақавӣ (дар ин марҳала имконпазир аст: а) занон метавонанд мустақилона муассисаи таълимиеро интихоб кунанд, ки дар он таҳсил ё бозомӯзӣ мегузаранд; б) корфармо барои тайёр кардан ва бозомӯзии кормандони зан муассисаи таълимиро интихоб мекунад, ё метавонад мустақилона бозомӯзии онҳоро ташкил намояд);

3. Бастани шартномаи таълимӣ бо муассисаи таълимӣ ва коргарзан;

4. Пешниҳоди роххат ё шаҳодатнома барои омӯзиш ва бозомӯзӣ, ки ба он шартномаи байни хадамоти шуғли аҳолӣ ва ва коргарзан дар бораи шартҳои истифодаи ин ҳуҷҷат замима мегардад;

5. Пардохти идрорпулӣ ба донишҷӯдухтарон дар давраи таҳсил (кор намекунанд);

6. Бақайдгирии занone, ки аз омӯзиш ва бозомӯзӣ гузаштаанд;

7. Ҳамоҳангсозӣ ва назорати татбиқи лоиҳа, риояи ҳама меъёрҳо ва қоидаҳо (пешгирии бозомӯзии такрорӣ)” [89, с.86-94].

Дар навбати худ, дар доираи лоиҳаи мазкур ба занон ба ҳисоби миёна то 3 моҳ касбҳои дар бозори меҳнат талаботи бисёрдошта омӯзонида мешаванд. Муҳимтарин нуктаи ин лоиҳа он аст, ки механизми шарикии иҷтимоӣ истифода мешавад ва чанд ташкилотҳои ҷиддиро барои ноил шудан ба ҳадафи ягонаи аҳаммияти иҷтимоидошта муттаҳид месозад. Ба андешаи мо, чунин лоиҳаҳоро бояд хадамоти минтақавии шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои татбиқ намудан истифода барад.

Муҳаққиқи рус Безкоровайная Е.С. қайд менамояд, ки «дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, шарту шароити корӣ низ тағйир меёбад, ҷойҳои нави корӣ, ба мисли краудсоринг, фриланс, онлайн-гигэкономика» [76] (намуди дигари фриланс), блогер ва ғайраҳо ташкил карда мешаванд. Вобаста ба ин муҳақиқи ватанӣ Юсупова З.Ш. таъкид намудааст «иқтисоди рақамӣ барои рушди соҳибкории занон як қатор

афзалиятҳоро дорад, ки занони соҳибкор метавонанд лоиҳаҳои худро самараноктар идора намуда, ба ин васила шарикон ва мизоҷони навро пайдо кунанд» [120].

Ба ҳайси муҳаррики рушди рақамикунонии ҳамарӯзаи корхонаҳо, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ва гузариши онҳо ба истифодаи технологияҳои рақамӣ бемории сироятии коронавирус дар соли 2021 баромад намуд. Тавре, ки олими рус Морозова Н.Н. қайд менамяод «ташкили платформаҳои рақамӣ ба корхонаҳои хурд имкон дод, ки тавассути дастрасӣ ба бозорҳо ва шарикони нав, аз технологияҳо, маҳорату малакаҳо ва маблағгузорӣ баҳра баранд» [95].

Дар ин самт, бо мақсади ҳавасмандгардонии давлатӣ ба шуғли аҳолии ҷумҳурӣ, аз ҷумла шуғли занон дар иқтисодиёти рақамӣ, таҳлили омории чунин нишондиҳандаҳо, аз қабили шумораи занҳо дар соҳаи рақамикунонӣ, ҳаҷми даромади онҳо, намудҳои фаъолияти рақамӣ ва ғайра, ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи кишвар бояд гузаронида шавад. Мутаассифона, ин навъи омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мавҷуд нест ва гузаронидани таҳлили амиқ ғайриимкон мебошад.

Дар шароити имрӯза тиҷорати рақамии занон дар Федератсияи Русия бештар рушд кардааст, зеро соли 2020 дар Форуми дуюми занони Авруосиё ташаббуси таъсиси платформаи рақамӣ барои Иттиҳодияи тиҷоратии занони БРИКС пешниҳод шуда буд, ки аз ҷониби ҳамаи шарикони БРИКС якдилона дастгирӣ карда шуд. Ин платформаи глобалӣ барои пешбурди тиҷорати занон дар кишварҳои БРИКС фаъолияти занони соҳибкорро ба низом дароварда, ба ташкили робитаҳои устувор, муттаҳидсозии шахсони тасмимгиранда мусоидат мекунад. Ҳамчунин, ба занони соҳибкор имконият медиҳад, ки ғояҳои нав, маслиҳатҳои коршиносон ва таърихи муваффақиятро мубодила кунанд. Мақсади таъсиси Иттиҳодияи тиҷоратии занони БРИКС ташаккули пойгоҳи ягона дар кишварҳои аъзо, яъне платформаи ягонаи электронӣ барои иштирокдорони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ,

платформаи таълимии онлайн ва дигар манбаъҳои иттилоотӣ мебошад. Ифтитоҳи версияи мукаммалгардидаи ин платформа дар соли 2023 ба нақша гирифта шуда буд. Чунин иттиҳодияҳо, ки соҳибкории занонро дастгирӣ мекунанд, кам нестанд ва яке аз онҳо Барномаи дастгирии соҳибкорзанҳо (Women's Entrepreneurship Accelerator, WEA) мебошад, ки барои ташкили як экосистемаи мукаммали инноватсионии рақамӣ барои занони соҳибкор фаъолият мекунад, то кишварҳо тавонанд аз тағйироти ҷории рақамӣ барои ноил шудан ба ҷаҳони фарогир ва устувор истифода баранд.

Ба андешаи мо, узвият дар чунин иттиҳодияҳо ба давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои зерин ноил шаванд:

- ✓ Пешбурди соҳибкории занон;
- ✓ Дохил намудани тиҷорати занона ба шабакаҳои глобалии арзиши иловашуда;
- ✓ Ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ;
- ✓ Ҳамкории фаъолона барои зиёд кардани иштироки занон дар равандҳои иқтисодӣ.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ақидаи олимон дар самти объекти таҳқиқот, ҳамчунин вазъияти бавуҷудомада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти такмили механизми ҳавамандкунии рушди соҳибкории занон ба тариқи зайл ироа мегардад:

1. Аз тарафи мақомоти хизматрасонии минтақавии бо кор таъмин намудани аҳолӣ, иҷрои барномаҳои мусоидат ба шуғли занон. Ин маънои омӯзиш ва бозомӯзии занон, амалӣ намудани барномаҳои баланд бардоштани мутаҳаррикии касбӣ ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнатро дорад. Бояд қайд намоем, ки ин раванд дар асоси талаботи бозори мехнат амалӣ карда шавад.

2. Таъсиси марказҳои машваратӣ доир ба роҳҳои муосири дарёфти намудҳои ғайристандартии шуғл, яъне огоҳнамоии занҳо оид ба намудҳои ғайристандартии шуғл бо истифода аз технологияҳои муосири

иттилоотӣ (ба монанди, планшетҳо ва замимаҳои компютерӣ), аз ҷумла намудҳои ғайристандартии шуғл, ба мисли фрилансинг, аутсорсинг ва ғайра. Азбаски тиҷорати рақамӣ вақтҳои охир хеле рушд кардааст ва сатҳи тахассусмандии занон дар кишвар паст аст, занон дар бораи шаклҳои нави тиҷорат тавассути интернет маълумоти кам доранд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки марказҳо барои роҳандозии барномаҳои омӯзиши технологияҳо таъсис дода шаванд. Дар ин ҷо қайд кардан муҳим аст, ки дар шароити муосир шаклҳои инноватсионии шуғл бо истифода аз IT технологияҳо хеле муҳим мебошанд.

3. Ташкил ва таъсиси онлайн-платформаҳо барои рушди механизмҳои шарикӣ бо кишварҳои дигар, ки тавассути онҳо занони соҳибкор метавонанд робитаҳои устуворро бо мақсади рушди тиҷорати худ пайдо кунанд. Ин раванд ба онҳо имкон медиҳад, ки ғояҳои навро мубодила кунанд, аз коршиносон маслиҳат гиранд ва ғайра.

4. «Гузаронидани рекламаи самараноки иҷтимоӣ тавассути васоити ахбори омма дар бораи нақши занон дар рушди ҷомеа (масалан, дар реклама фаъолияти занони соҳибкор, интернет-блоггерҳо» [69] ва ғайра тарғибу ташвиқ мешавад, ки модарони серфарзанд буда, фаъолияти худро бомуваффақият пеш мебаранд).

5. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба занони соҳибкор бо фоизҳои пасти солона (мутаассифона, дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри қарз ба занони соҳибкор дар сатҳи баланд, яъне аз 18 то 22% -и солона боқӣ мемонад ва ин дар ҳолест ки дар чунин кишварҳо, ба монанди Узбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Русия ва ғайра ин меъёр аз 9 то 12 %-ро ташкил медиҳад.

6. Ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкории занон, яъне ташкили марказҳои машваратӣ ва омӯзонидани занон ба тарзи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, кумаки якдафъаинаи молиявӣ, кумак дар таҳияи бизнес- нақшаҳо. Чунин марказҳо ба занон кумак мекунанд, ки малакаҳои шахсии ташкили тиҷорати худро пайдо кунанд, стратегияҳои нави рафтори меҳнатиро азхуд кунанд ва ба бозори меҳнат мутобиқ

шаванд. Тавассути кумаки мутахассис ва роҳнамоӣ оид ба касбу ҳунар, аз қабили қаннодӣ, дӯзандагӣ, ҳунармандӣ, ташкили чорабиниҳои оилавӣ ва ғайраро ба кори ояндадор табдил додан мумкин аст. Фикрҳои баёншударо ҷамъбаст намуда, метавонем самтҳои такмили рушди соҳибкорӣ дар байни занҳоро муайян намоем, ки дар расми 3.1 нишон дода шудааст.

Дар натиҷаи татбиқи самтҳо ва чорабиниҳои пешниҳодшуда ҷиҳати мусоидат ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ба натиҷаҳои зерин ноил шудан мумкин аст:

**1) Дар сатҳи минтақавӣ:**

а) баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва бозори меҳнат;

б) зиёдшавии миқдори занони соҳибкор дар минтақа;

в) мутобиқгардонии шарту шароити бозори меҳнат ба тарзу хусусиятҳои ҷомеа;

г) таъмини рақобатпазирӣ ва давраи нисбатан дарози фаъолияти соҳибкории занон;

д) коҳиш додани сатҳи бекории занон;

е) ҷалби бештари занон ба фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаю ташкилотҳо;

ж) рушди захираҳои инсонӣ ва иқтидори демографии минтақа ва ғайра.

**2) Дар байни занон:**

а) ташаккули маҳоратҳои касбии занон;

б) мутобиқгардонии холати равонии занон ба муҳити соҳибкорӣ;

в) баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии занон;

г) рушди тафаккури инноватсионӣ дар байни занон ва фаъолияти соҳибкорӣ;

д) баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии ҷамъиятии занон ва ғайра.

Рушди минбаъдаи соҳибкории занонро метавон тавассути коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ҷорӣ ва

татбиқ намудани механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ, иштироки занон дар озмунҳои соҳибкорӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ таъмин намуд.




**Расми 3.1. Татбиқи самтҳои мусоидат ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд**

Сарчашма: коркарди муаллиф

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, ҳалли мушкилоти рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд бештар ба таваҷҷуҳи доимӣ ва амалҳои мақсадноки мақомоти давлатӣ дар самти қабул ва татбиқи саривақтии барномаю лоиҳаҳои давлатӣ доир ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва

фаъолияти занҳо дар вилояти Суғд, ки дар ниҳоят метавонад ба як қатор нишондиҳандаҳо таъсири мусбат расонад ва ҳамчун пешгирии самаранок дар бозори меҳнати минтақавӣ хизмат кунад, алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин Ражнева Ю.А. қайд намудааст, ки «рушди соҳаи соҳибкории кишвар, аз ҷумла бахши занон яке аз нишондиҳандаҳои баландбардории сатҳи иҷтимоию иқтисодии рушди ҳам кишвар ва ҳам минтақаҳои он ба ҳисоб меравад» [69]. Дар бобати такомули соҳибкории занон, махсусан, иштироки занон дар соҳибкорӣ, ба ақидаи коршиносони варзида, метавон то 13-15 % маҳсулнокии бахшҳои гуногуни иқтисодиётро баланд намудан мумкин. Дар натиҷаи рушди фаъоли соҳибкории занона баробарии гендерӣ дар бозори меҳнат ва рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Дар ин ҷо як нуктаи дигарро таъкид намудан бамаврид аст. Шуғли самараноки занон на танҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид аз ҷониби давлат, балки ба хоҳиши худи занҳо барои баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии хоҷагии хонавода, нишон додани масъулият ва навоварӣ дар ташкили фаъолияти кории худ ва, бахусус, соҳибкорӣ вобаста хоҳад буд, ки он хеле муҳим аст.

Олими рус Глухих И.А. дуруст қайд менамояд, ки «масъалаи дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна хеле муҳим аст, зеро дар саросари ҷаҳон ҳудуди 90 %-и корхонаҳо, 60-70 %-и шуғли аҳолӣ ва 50 %-и ММД-ашон ба ҳиссаи ин бахш мувофиқ меояд» [65]. Ҳамчун такягоҳи ҷомеаҳои саросари ҷаҳон, онҳо ба иқтисодиёти маҳаллӣ ва миллӣ ва воситаҳои зиндагӣ, махсусан дар байни камбизоатон, занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир саҳм мегузоранд. Корхонаҳои хурду миёна дорои иқтидори тағйир додани иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои корӣ ва омили рушди иқтисодӣ мебошанд. Ин андешаро коршиносони Созмони Милали Муттаҳид иброз доштаанд, ки дар гузориши худ чунин қайд намудаанд: «Соҳибкории хурду миёна 70 %-и тамоми ҷойҳои кориро дар ҷаҳон таъмин намуда, ҳиссаи онҳо дар ММД 50%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, корхонаҳои хурд ва миёна субъекти асосии барқарорсозии иқтисодиёт мебошанд» [171].

Солҳои охир, бинобар таъсири бемории сироятии COVID-19, соҳибкории хурду миёна дар ҷаҳон бо муаммоҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст, зеро тибқи пажӯҳиши Маркази байналмилалии савдо оид ба таъсири пандемияи COVID-19 ба тиҷорат дар 136 кишвари ҷаҳон, 62%-и соҳибкории хурди занона дар давраи буҳрон зарари ҷиддӣ дидааст. Ин дар ҳолест, ки байни корхонаҳое, ки ба онҳо мардҳо сарварӣ мекунанд, ин нишондиҳанда 50 %-ро ташкил медиҳад. Соҳибкорие, ки ба зан тааллуқ дорад, нисбат ба соҳибкории мардона бештар аз 27% аз оқибатҳои пандемия наҷот ёфтаанд. Албатта, «ин падида тамоми кишварҳоро фаро гирифт, ки дар натиҷа ширкатҳои хурд бештар зарар диданд, зеро ширкатҳои бузург захираҳои худро доранд ва имкониятҳои зиёдтареро доранд, аз ин ҷиҳат онҳо ба ин гуна буҳронҳо тобовартаранд» [76].

Ба нақши соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар иқтисоди ҷаҳонӣ аз будаш бештар баҳо додан душвор аст. Мувофиқи ақидаҳои Морозова Н.Н. «дар марҳалаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бошад он аҳаммияти фавқулода калон касб кардааст. Таъмини рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии давлат ва таҳкими мавқеи он дар иқтисоди ҷаҳонӣ бидуни ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна ғайриимкон аст» [95]. Нақши корхонаҳои хурду миёна аз соли 2020 пас аз зарбаи ҷаҳонии иқтисодӣ, ки дар натиҷаи бемории сироятии Covid-19 ба вуҷуд омадааст, дучанд шуд ва афзоишро идома медиҳад. Ба андешаи коршиносон: "Маҳз ба корхонаҳои хурду миёна ҳукумати кишварҳои пешрафта умед баста, ба онҳо чун муҳаррике, ки метавонад тамоми оламро аз таназзули ҷаҳонӣ берун кунад, такя менамоянд" [85, 90-91].

Нақши назарраси соҳибкории хурду миёна дар рушди иқтисодии кишвар ва умуман ҷаҳон, дар таҳқиқоти бисёри илмии олимони иқтисоддон, инчунин мутахассисони созмонҳои байналмилалӣ ва бонкҳо қайд карда мешавад. Дар робита ба ин, коршиносони Бонки ҷаҳонӣ

чунин қайд менамоянд: “Корхонаҳои хурду миёна ба рушди иқтисоди маҳаллӣ мусоидат намуда, ба таъсиси ҷойҳои корӣ саҳм мегузоранд, ки ин бахш дар ҳалли масъалаҳои мубрами рушд, бахусус масъалаҳои марбут ба рушди устуворӣ ва сифати хизматрасонӣ нақши муассир доранд”. [95]

Бо дарназардошти он, ки қисми зиёди занон, асосан, дар соҳаи соҳибкории хурду миёна машғули кор мебошанд, барои муайян кардани миқдори фаъолияти соҳибкории хурду миёна аз як қатор нишондиҳандаҳо метавон истифода кард. Масалан, муҳаққиқи русзабон Н.Н. Морозова нишондиҳандаҳо ва усулҳои зерини ҳисобкунии онҳоро пешниҳод мекунад:

- **Вазни қиёсии ММД-и соҳибкорӣ дар ҳаҷми умумӣ.** Ин нишондиҳанда ҳамчун ММД истеҳсолкардаи тиҷорати хурд ба ММД-и кишвар тақсим карда мешавад. Маънои иқтисодии он аз муайян намудани ҳиссаи молҳо ва хизматрасониҳои дар кишвар аз ҷониби соҳибкорони хурд барои ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва барои истеъмоли ниҳоӣ, ҷамъоварӣ ва содироти соф пешбинишуда иборат аст.
- **Шумораи миёнаи соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони кироя, ки аз ҷониби онҳо ҷалб карда шудаанд.** Ин нишондиҳанда барои муайян кардани шумораи миёнаи шаҳрвандоне, ки дар корхонаҳои хурд кор мекунанд, ҳисоб карда мешавад. Ҳисобкунии он бо ҷамъ намудани шумораи миёнасолонаи кормандони доимӣ, кормандони беруна ва шахсоне, ки тибқи шартнома корҳоро иҷро мекунанд, амалӣ карда мешавад.
- **Ҳиссаи даромади соҳибкор аз фурӯши маҳсулот, мол, кор, хизматрасонӣ.** Маънои ин нишондиҳанда муайян кардани ҳиссаи даромади соҳибкорон аз фурӯши маҳсулот, мол, кор ва хизматрасонӣ соҳибкорон мебошад. Усули ҳисоб: даромади соҳибкорон/ даромад дар маҷмуъ.
- **Ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳибкорон**

Усули ҳисоб: сармоягузории соҳибкорон ба сармояи асосӣ/сармоягузории кишвар ба сармояи асосӣ. Маънои иктисодии ин нишондиханда: ҳиссаи харочоте, ки барои азхуд кардан, такроркистеҳсол намудан ва ба вуҷуд овардани фондҳои асосии нав аз тарафи соҳибкорон ҷудо карда мешавад.

**Содироти мол.** Ҳаҷми умумии молҳое, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ ба бозорҳои хориҷӣ содир карда мешаванд, бо доллари ИМА ҳисоб карда мешавад.

**Воридоти мол.** Маблағи умумии молҳое, ки соҳибкорон аз хориҷи кишвар ба дохили давлат ворид менамоянд, бо доллари ИМА муайян карда мешавад.

**Бақияи савдои берунии молҳои соҳибкорон.** Ин дар намуди фарқият байни содирот ва воридоти молу махсулот баромад мекунад.

**Тарзи ҳисоб:** ҳамчун фарқи байни арзиши умумии молҳои содиротӣ ва воридотии субъектҳои соҳибкории хурд муайян карда мешавад [136].

Аз усулҳои дар боло номбаршуда барои муайян кардани самаранокии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи вилояти Суғд ва дар маҷмуъ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъзе нишондиҳандаҳоро истифода бурдан мумкин аст, чунки дар маҷмуаҳои оморӣ баъзе нишондиҳандаҳои барои ҳисобкунӣ зарурӣ дастрас нестанд.

Дар мавриди таҳия, қабул ва татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи рушди соҳибкории хурду миёна, пеш аз ҳама, хусусиятҳои гендерӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Чи таврки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медихад, фаъолияти иктисодии занҳо сол то сол меафзояд. Ба андешаи коршиносони яке аз ширкатҳои консалтингии молиявии пешрафтаи ҷаҳон-«Bloomberg», ки маълумот ва иттилоотро дар бораи бозори саҳомӣ пешниҳод намуда, системаҳои компютерӣ ва терминалҳоро пешниҳод мекунад (бо ёрии онҳо одамон дар саросари ҷаҳон метавонанд барои қабули қарор ба иттилооти иқтисодӣ дастрасӣ пайдо кунанд), занҳо дар соли 2050 метавонанд барои рушди иқтисодӣ 20 триллион доллар ба даст оранд. Онҳо таъкид менамоянд, ки « барои

иқтисодҳое, ки аз пандемия барқарор мешаванд, рафъи фарқи гендерӣ муҳим аст ва иштироки занон дар бозори меҳнат калиди рушди иқтисодӣ мебошад» [163].

Вақтҳои охир дар вилояти Суғд намудҳои нави шуғл, аз қабили фрилансинг, аутсорсинг, блоггерӣ ва ғайра инкишоф ёфта истодаанд, вале дар низоми омории таҳқиқоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин маълумот мавҷуд нест. Ин ҳолат таҳқиқи чуқури объекти тадқиқоти илмии моро душвор месозад. Тавре маълум аст, ба назар гирифтани намудҳои нави нишондиҳандаҳои оморӣ дар сатҳи давлатӣ ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки манзараи умумии вазъи кишварро ошкор сохта, ҳангоми таҳия ва татбиқи Консепсияи миллии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба назар гирад.

Дар асари гурӯҳи олимони хориҷӣ қайд карда мешавад, ки «бо сабаби рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, бисёр кишварҳо барои пешниҳоди ҳисобот ва омори иқтисодӣ аз технологияҳои рақамӣ ва платформаҳо истифода менамоянд, ки ин хароҷоти трансаксионии онҳоро хеле коҳиш медиҳад» [46]. Ғайр аз ин, маълумотҳое, ки дар ин гуна ҳисоботу гузоришҳо оварда шудаанд, омори муфассалтар доранд, ки таҳлили вазъияти мамлакатро дар соҳаи муайян осон мегардонад. Мутаассифона, дар рафти тадқиқоти мо дарёфти маълумот ва таҳлили он барои таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани соҳаи соҳибкории занона мушкил буд.

Таҳлили равияҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон нишон медиҳад, ки дар шароити муосир ин раванд ба яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ табдил ёфтааст. Рушди соҳибкории занон, пеш аз ҳама, ба баланд гардидани фаъолнокии иқтисодии занон, васеъ шудани имкониятҳои худтатбиқнамоии онҳо ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии оилаҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дастгирии ҳамаҷонибаи ин самти фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби давлат ва ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар боби дуюми диссертатсия нишон доданд, ки барои рушди минбаъдаи соҳибкории занон дар вилояти Суғд, татбиқи маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ зарур мебошад. Дар ин ҷо Ражнева Ю.А. дуруст таъкид менамояд, ки «тақвияти фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ, ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии касбӣ барои занон, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат ва дастгирии ташаббусҳои соҳибкоронаи онҳо аҳаммияти калон дорад» [69]. Дар баробари ин, таъсиси марказҳои машваратӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд имкониятҳои нави иқтисодиро барои занон фароҳам оваранд.

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ, ба монанди фрилансинг, аутсорсинг, тиҷорати электронӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти онлайн барои ҷалби занон ба фаъолияти соҳибкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, барои истифодаи самараноки чунин имкониятҳо баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва ташкили барномаҳои омӯзишии махсус барои занон зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи шуғл, паст кардани сатҳи бекорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ хизмат намояд. Татбиқи чорабиниҳои пешниҳодшуда на танҳо ба баланд гардидани нақши занон дар иқтисодиёт, балки ба рушди устувори иқтисодиёти минтақа ва беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

## 3.2. Авлавиятҳои афзоиши таъминнокии молиявӣ дар рушди соҳибкории занон

Рушди шуғли занон дар соҳаи тиҷорат бештар аз ҳама аз маблағгузории он, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти он вобаста аст. Бинобар ин дар самти афзоиши шуғли занон як чанд барномаҳои давлатӣ ва чораҳои мушаххасӣ ҳукуматӣ татбиқ шуда истодааст.

Муҳаққиқи ватанӣ Шарофуддинзода қайд менамояд, ки яке аз консепсияҳои муҳимми дахолати давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ ин «назарияи нокомии бозор ба шумор меравад. Тибқи ин назария бозор на ҳама вақт захираҳоро оқилона ва самаранок тақсим карда метавонад» [118]. Бинобар ин давлат дар раванди тақсимоти захираҳои иқтисодӣ байни соҳибкорон ҳама вақт чораҳои танзимиро татбиқ ва амалӣ месозад. Ин гуна чораҳо дар ниҳояти кор ба шуғли занон ва баланд бардоштани иқтидори иҷтимоию иқтисодии онҳо мусоидат менамояд.

Азбаски занҳо асосан бо тиҷорати хурд машғуланд, маблағгузории ин соҳа як қатор хусусиятҳои худро дорад. Аз ҷумла:

- зиёд будани хавфи сармоягузории захираҳои молиявӣ аз ҳисоби хурд будани миқёси фаъолият, «набудани захираҳои шахсӣ, диверсификатсияи ночиз дар истеҳсолот;

- хароҷоти нисбатан баланди бонкӣ барои хизматрасонӣ ба корхонаҳои хурд нисбат ба корхонаҳои калон;

- зиёд будани маблағҳои худӣ дар сохтори сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва баланд будани эҳтиёҷ ба маблағҳои қарзӣ» [175];

- кам будани имкониятҳои истифодаи он барои маблағгузории бозори коғазҳои қиматнок.

Мувофиқи ақидаҳои Бескороваяная Е.С. «бо дарназардошти хусусиятҳои сармоягузории соҳибкории хурд гуфтан мумкин аст, ки аз ҷониби ҳукумат ва мақомот истифодаи механизмҳои бозории маблағгузории он қариб имконнопазир аст». Дар ин маврид дастгирии мақсадноки молиявию сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти

давлатӣ зарур аст, зеро ин бо муътадилии макроиқтисодӣ, мувофиқан бо рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ва дар минтақаҳои он вобаста мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар минтақаҳои он чанд сол инҷониб механизми дастгирии давлатии соҳибкории занон амал мекунад, вале мутаассифона, аз буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ маблағҳои нисбатан кам ҷудо карда мешавад. Ба андешаи мо, дар ин ҳолат, барои ҳавасмандии занони соҳибкор, беҳтар мебуд, ки давлат аз буҷет камаш аз 3 %-и маблағҳои дар шакли андоз ва дигар пардохтҳо аз соҳибкории хурд гирифташударо ҷудо мекард.

Таҳлили корҳои илмии олимони иқтисоддон доир ба масъалаи дастгирии давлатии корхонаҳое, ки ба онҳо занҳо сарварӣ мекунанд, нишон дод, ки андозбандии имтиёзнок яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат дар самти дастгирии соҳибкории занон мебошад. Дар баъзе кишварҳо ҳатто таҷрибаи комилан озод кардани занони соҳибкор аз андоз вуҷуд дорад, аммо истифодаи ин механизм дар ҷумҳурииии мо ба он оварда мерасонад, ки тамоми корхонаҳо ба таври қонунӣ ба номи занон сабти ном карда мешаванд ва дар паси онҳо мардоне, ки воқеан тиҷоратро идора мекунанд, фаъолият мебаранд.

Албатта, андозбандии имтиёзнок ба зиёдшавии шуғли занон дар соҳаи соҳибкорӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳарчанд андоз яке аз манбаъҳои асосии даромади мамлакат ба ҳисоб меравад, давлат барои муайян кардани имтиёзҳои муайян аз ҳисоби андоз аз даромад, андоз арзиши иловашуда имкониятҳои васеъ дорад. Татбиқи ин тадбирҳо асосан ба соҳибкории хурду миёна фоида меорад. Аммо, дар навбати худ, пасткунии чунин андозҳо, чун қоида, боиси аз даст додани қисми муайяни даромади буҷети давлатӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, тавре ки Ражнева Ю.А. қайд менамояд «дар шароити ҳозира, аксари давлатҳо аз зиёдшавии касри буҷет он қадар наметарсанд, зеро нигоҳ доштани фаъолияти соҳибкорӣ ва шуғл дар айни замон фоидаовар ва муҳимтар аст» [69]. Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки ҳоло пасткунӣ ва зиёдкунии меъёрҳои андоз

дар оянда метавонад боиси норозигии андозсупорандагон ва соҳибкорон шавад. Пешниҳоди баъзе имтиёзҳои андозӣ ба тиҷорати хурд, ки аксари ҷойҳои корӣ дар онҳо махсус барои шуғли занон пешбинӣ шудаанд, мувофиқ мебошад. Мо чунин мешуморем, ки такмили қонунгузории андоз аз нигоҳи содагардонӣ, дастрасӣ ва мутобиқати он шарти зарурии тамоюли мусбатро ифода менамояд ва танзими он ба рушди соҳибкории инфиродӣ ва такмили қонунгузории он мусоидат хоҳад кард.

Дар ин ҷо як нуктаро таъкид кардан муҳим аст. Сатҳи баланди сарбории андоз метавонад боиси афзоиши иқтисодиёти пинҳонӣ гардад. Ба ибораи дигар, корхонаҳо роҳҳоеро дарёфт менамоянд, ки одатан, берун аз низоми андоз қарор доранд ва аз даромади онҳо андоз ситонида намешавад. Бо вуҷуди ин, соҳибони тиҷорати ғайрирасмӣ метавонанд тавассути харид аз ширкатҳои расмӣ, ки маъмулан андоз месупоранд, фоидаи ғайримустақим ба даст оранд. Муҳиммияти ин нукта дар он ифода меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар минтақаҳои он намудҳои нави шуғл инкишоф меёбанд, ки то ҳол ба қайд гирифта нашудаанд ва баҳисобгирии онҳо то ҳол ба роҳ монда нашудааст, яъне ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ хеле зиёд аст.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки механизми қарздиҳии имтиёзнок бомуваффақият татбиқ мешавад. Мувофиқи маълумоти тадқиқоти олимони рус «соли 2019 дар Федератсияи Русия дар доираи лоиҳаи миллии «Корхонаҳои хурд ва миёна» низоми махсуси андоз ҷорӣ гардид, ки дар он меъёрҳои андоз барои шахсони худмашғул 4% аз даромади шахсони воқеӣ ва 6 % аз пардохтҳои шахсони ҳуқуқӣ таъин карда шуд» [119]. Баъди бақайдгирӣ, соҳибкорон ба таври автоматӣ бонуси андозро ба маблағи 10 ҳазор рубл мегирифтанд. Бонус як қисми андозро фаро мегирифт: то ба охир расидани он, меъёрҳои воқеӣ мутаносибан 3 ва 4% -ро ташкил медоданд.

Дастрасии маҳдуди соҳибкории хурд (аз ҷумла занҳо) ба сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ яке аз муаммоҳои асосии рушди

соҳибкории хурд мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ба гирифтани қарзҳои бонкӣ камтар рӯ меорад ва асосан барои оғози фаъолият ва пешбурди минбаъда аз маблағҳои худ он истифода мекунад. Мувофиқи таҳқиқоти GEM-2020 (Ассотсиатсияи донишгоҳҳо, бизнес-мактабҳо ва марказҳои илмӣ дар тамоми ҷаҳон барои ҷамъоварӣ ва додугирифти иттилоот доир ба соҳибкорӣ ва фаъолнокии соҳибкорӣ), беш аз 50% корхонаҳои хурду миёна ба қарз дастрасӣ надоранд [157]. Тавре коршиносони Бонки ҷаҳонӣ қайд мекунанд, танҳо ба зиммаи нисфи корхонаҳои хурду миёнаи навташкилшуда, пас аз 3 сол - 7-8% ва пас аз панҷ соли фаъолият на бештар аз 3% -и қарз боқӣ мемонад [142].

Ин гуфтаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи хориҷӣ, таҳлили он ва дар амал татбиқ намудани тадбирҳои мушаххаси муассир дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳои хурд нигаронида шудаанд, зарур аст. Мувофиқи ақидаҳои Ражнева Ю.А, «дар бештари мамлакатҳои тараққиёфта маблағгузории хурди молиявӣ яке аз роҳҳои самараноки дастгирии соҳибкории хурду миёна мебошад ва омили муҳимми дастрастии субъектони соҳибкорӣ ба манбаҳои молиявӣ ба шумор меравад». Ба қатори ин гуна манбаъҳо дохил мешаванд:

- пешниҳоди қарз ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус ба шахсони бекор;

- имконияти васеи қарзӣ барои субъектони соҳибкорӣ, ки лоиҳаҳои навро татбиқ менамоянд;

- татбиқи сармоягузории венчурӣ ва дастрастии соҳибкорони хурду миёна ба онҳо.

Дар сатҳи далатӣ низ қарзҳои хурду имтиёзнок аҳаммияти муҳим дорад. Ин гуна қарзҳо барои таъсиси корхонаҳои нав, мувофиқан шуғл дар иқтисодиёт мусоидат намуда, ба рушди соҳибкори таъсири мусбат мерасонанд. Чунин сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар рушди минбаъдаи ин бахши иқтисодиёт аҳаммияти махсус дорад. Масалан, як

қатор кишварҳои пешрафта аз маблағгузории хурд ҳамчун воситаи муассири дастрасӣ ба маблағ истифода мебаранд, ки мантиқан ба ҳалли муаммоҳои зерин нигаронида мешавад:

«- пешниҳоди қарз ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ (пеш аз ҳама бекорон), ки хоҳиши ташкили тиҷорати шахсии худро доранд, вале имконияти истифодаи хизматрасониҳои анъанавӣ ва бонкиро надоранд;

- дастрасии васеъ барои соҳибкороне, ки тиҷорати хурди худро доранд, ё соҳибкорони хоҳишманд ба захираҳои молиявӣ» [80];

- маблағгузории венчурӣ барои корхонаҳои нав ва лоиҳаҳои мавҷудаи тиҷорати хатарнок.

Дар сатҳи давлатӣ қарзи хурд барои фаъолияти соҳибкории хурд (ба кушодашавии корхонаҳои нави хурд ва паст кардани ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа), ҳамчунин барои нигоҳдорӣ ва рушди соҳибкории хурд мусоидат мекунад. Ҳамаи ин дар навбати худ ба ташкилшавии ҷойҳои нави корӣ ва таъмини даромади қисми зиёди аҳолӣ мусоидат мекунад. Қарзҳои хурд низ яке аз механизмҳои мубориза бо камбизоатӣ маҳсуб меёбанд, зеро онҳо ба аҳолӣ имконият медиҳанд, ки тиҷорати шахсии худро кушода, ба ин васила сатҳи даромади худро баланд бардоранд.

Аксарияти олимони иқтисоддон дар бораи маблағгузории хурд чунин ақида доранд, ки онҳо яке аз механизмҳои самараноки рушди иқтисодӣ мебошанд ва дар ин самт бояд дастрасии молиявиро барои аҳолӣ таъмин намудан омили муҳим мебошад. Бисёре аз созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои молиявӣ робитаи рушди иқтисодии кишвар ва татбиқи воситаи молиявии маблағгузории хурдро меомӯзанд. Аз ҷумла, соли 2016 як гурӯҳи олимони Донишгоҳи Ренн (Фаронса) фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар 52 кишвари рӯ ба тараққӣ мавриди таҳқиқ қарор доданд. Дар натиҷаи он робитаи байни маблағгузории хурд ва пастшавии нобаробарии даромад дар кишварҳое, аз қабили Бразилия, Боливия, Ҷумҳурии Доминикан, Салвадор, Эквадор,

Колумбия, Гватемала, Панама, Коста-Рика, Мексика, Никарагуа, Парагвай, Аргентина ва Перу муқаррар карда шуд. Онҳо инчунин муайян карданд, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон) ва Аврупои Шарқӣ (Руминия, Арманистон, Федератсияи Русия, Гурҷистон, маблағи миёнаи қарзи микромолиявӣ аз андозаи миёнаи қарз зиёдтар аст. Бо вуҷуди ин, тадқиқоти онҳо нишон дод, ки маблағи қарз як меъёри муҳимми муваффақияти маблағгузории хурд дар мубориза бо камбизоатӣ мебошад: «андозаи қарз ҳар қадар калонтар бошад, ҳамон қадар дастгирии соҳибкороне, ки маблағгузории хурдро ҳамчун манбаи захираҳои молиявӣ истифода мебаранд, зиёдтар мешавад» [69].

Дар ин самт, мутахассисони ташкилот оид ба расонидани кумак ба қишри камбизоати аҳолӣ Consultative Group to Assist the Poor (CGAP) робитаи байни рушди бахши молиявии иқтисод ва пасткунии нобаробарӣ (васеъ кардани филиалҳои бонк, аз ҷумла дар деҳот)-ро муайян намуданд [142]. Онҳо дар гузориши худ, ҳамчунин таъсири қарзи хурдро ба рушди фарогир дар давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Осиё ва Уқёнуси Ором, Халиҷи Форс ва Африқо қайд кардаанд. Аз ҷумла, дар натиҷаи истифодаи усулҳои ин механизм рушди иқтисодӣ дар Ҳиндустон (солҳои 1980-2014), дар кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ (солҳои 1990-2013), инчунин дар Кения таъмин гардида, истифодаи хизматрасонии интиқоли ғайринақдӣ то 10 % зиёд шудани даромади аҳолӣ мусоидат намуд (солҳои 2007-2013).

Дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Чин (соли 1993) аз маблағгузории хурд ҳамчун неруи пешбарандаи иқтисод барои мубориза бо камбизоатӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми татбиқи барномаи маблағгузории хурд ба дастгирии минтақаҳои суст рушдёфта ва аҳолии дурдаст таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Дар натиҷаи қабул ва татбиқи ин механизм, мақомоти Ҷумҳурии Чин дар охири соли 2018 тавонистанд портфели умумии маблағгузории ташкилотҳои қарзии хурдро то 13,39 триллион юан бо

суръати афзоиши солонаи 13,8% зиёд кунанд [156].

Рушди соҳибкории хурд аз бисёр омилҳо вобаста мебошад. Дар байни ин омилҳо аз тама муҳимтаринашон гаронии андоз дар иқтисодиёт, муҳити институсионалӣ ва фаъолияти корӣ баромад мекунанд. Аксари олимони иқтисоддон бар он назаранд, ки қарздиҳӣ яке аз василаҳои муассири рушди соҳибкории хурду миёна аст. Дар навбати худ, додани қарз ба соҳибкории хурд аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ на танҳо барои соҳибкорон, балки барои худи ин ташкилотҳо низ муфид аст, зеро ҳардуи ин иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ манфиатҳои иқтисодии худро амалӣ мекунанд. Масалан, қарз додан ба тиҷорати хурд барои бонкҳои тиҷоратӣ боиси васеъ шудани доираи  мизоҷони бонк, ҷалби бештари муштариён, афзоиши хизматрасонӣ ва бешубҳа, зиёд шудани фоида мегардад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти иқтисодиёт соҳибкории хурд қариб ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ ва бонкҳоро ба худ ҷалб мекунад. Дар навбати худ, байни бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ барои ҷалби соҳибкорони хурд рақобати озод пайдо мешавад, ки дар натиҷа ба соҳибкорон қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд. Бонкҳо на танҳо барои рушди корхонаҳои воқеӣ, балки барои кушодани корхонаҳои нав қарз медиҳанд, ки ин боиси рушди соҳибкории хурд шуда метавонад. Ба соҳибкор қарзи бонкӣ барои васеъгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, амалӣ намудани нақшаҳои рушди соҳибкорӣ, пӯшонидани хароҷот, таъмини амният ва ғайра имконият медиҳад

Дар ин самт мо таҳлили маблағгузории соҳибкории занонро аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд ва бонкҳои вилояти Суғд ва муайян намудани мушкилоти мавҷуда бамаврид мешуморем.

Дар рафти таҳқиқоти илмии мо фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл», ки яке аз калонтарин ташкилотҳои маблағгузории хурд дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз рӯйи шумораи қарзгирандагон дар бозори муассисаҳои молиявии Тоҷикистон пешсаф аст, таҳлил карда шуд. ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл», ки дар вилояти Суғд фаъолият

дорад, дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки исломии рушд, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ лоиҳаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёнаро аз ҷумла лоиҳаҳои Маблағгузории манзил, Рушди низоми молиявӣ дар деҳот, тиҷоратӣ намудани кишоварзӣ, VOLIP, Ташаккули устувории иқлим дар ҳавзаи баҳри Арал, CLIMADAPT, Маблағгузории иловагӣ барои лоиҳаи «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ», Дастрасӣ ба маблағгузории сабз, Барномаи озуқаи ҷаҳонии СММ, Занон дар тиҷорат, Баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ, Дастгирии муфид (грант)-ро таҳия ва амалӣ менамояд [167].

Хусусиятҳои ин лоиҳаҳоро омӯхта, мо ба хулосае омадем, ки қисми асосии лоиҳаҳо ба дастгирии Стратегияи давлатии рушди устувори бахши саноати ҷумҳурӣ, яъне стратегияи чоруми мамлакат равона шудааст. Бо мақсади дастгирии соҳибкории занона лоиҳаи «Занон дар тиҷорат» амалӣ ва анҷом дода шуд, ки ҳадафи он дастгирии соҳибкории занона тавассути пешниҳоди маблағгузории мақсаднок, дастрасӣ ба инноватсияҳо ва дастгирии машваратӣ ба низоми байналмилалии тандурустӣ таҳти роҳбарии занон мебошад. Дар ҷараёни татбиқи лоиҳаи мазкур 450 ҳазор доллари ИМА ҷудо карда шудааст, ки аз ҷониби Фонди рушди тиҷорати хурди БАТР маблағгузорӣ мешавад ва донорҳои он Италия, Ҷумҳурии Халқии Чин (Тайбэй), Корея, Люксембург, ИМА, Шветсария ва Шветсия мебошанд.

Маҷмуи хизматрасониҳое, ки барои дастгирии соҳибкории миёна ва хурд аз ҷониби ҶСП «ИМОН ИНТЕРНЕЙШНЛ» пешниҳод мегардад, албатта, боиси хушнудист, чунки вай қариб тамоми соҳаҳоро фаро мегирад. Аммо, мутаассифона, дар байни хизматрасоние, ки аз ҷониби ташкилот ба аҳолӣ расонида мешавад, дар қарз барои занҳо қариб ҳеҷ гуна имтиёз дода намешавад. Андозаи қарз ва меъёрҳои фоизӣ низ нигаронкунанда аст (фоиз одатан, баланданд, яъне аз 24% то 30%).

ҶСП «Арвандбонк» инчунин ба соҳибкорон як навъи қарзро бо номи “қарзи тиҷоратӣ” пешкаш менамояд, ки хусусияти тиҷорати

муштариро ба инобат мегирад. Ин ташкилот дар доираи ин намуди қарз ба соҳибкор имкон медиҳад, ки давраи имтиёзнок ва баргардонидани пеш аз муҳлатро бидуни ҷарима ва пардохти фоиз танҳо барои рӯзҳои воқеии истифодашуда дарёфт кунад. Маблағи қарз то 1 000 000 сомонӣ ва 19% барои тамоми муҳлати қарз ва то 36 % барои муҳлати қарз то 36 моҳ мебошад.

Дар вилояти Суғд ҳамчунин банкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзии хурд низ амал мекунанд, ки хизматрасониҳоро доир ба дастгирии тиҷорат таъмин мекунанд. Ба чунин ташкилотҳо Бонки саҳомии тиҷоратии мусоидат ва дастгирии соҳибкории «Тавҳидбонк» (Бонки инноватсионии исломӣ) дохил мешаванд. Ин бонк фаъолияти худро дар асоси консепсияи даст кашидан аз фоизи қарз ва ҷорӣ намудани бонкдории бефоиз, яъне дар асоси принсипҳои шариати исломӣ амалӣ менамояд.

«Тавҳидбонк» барои рушди тиҷорат соҳибкорони инфиродиро дар доираи намуди хизматрасонии худ, дар мисоли «Мурабаха Business» маблағгузорӣ мекунад. Ин намуди хизматрасонии бонкӣ ба дастгирии соҳибкорони инфиродӣ нигаронида шудааст. Бонк ба соҳибкорони инфиродӣ ба маблағи на бештар аз 3 000 000 сомонӣ ба муҳлати то 36 моҳ қарз медиҳад. «Мурабаха Business» (бо доллари ИМА ) бо қурби муқарраршуда 7,4% ва барои фоида 13%, бо пули миллӣ 13,1% ва 23% мебошад.

Дар ин самт, «Аввалин бонки маблағгузории хурд», ки дар вилояти Суғд низ фаъолият дорад, барои дастгирии соҳибкории хурду миёна хизмат мерасонад. Ин бонк ба муштариёнаш барои рушди соҳибкорӣ бо фоизи солона аз 20 то 28% бо пули миллӣ ва бо доллари ИМА аз 10 то 16% қарз медиҳад. Пас аз омӯхтани иқтидори қарздиҳии Аввалин бонки микромолиявӣ мо ба хулосае омадем, ки ҳаҷми қарз ҳар қадар калон бошад, фоизи он паст мешавад. Масалан, агар соҳибкор мехоҳад то 500 ҳазор сомонӣ қарз гирад , пас ӯ бояд фоизи солонаи аз 22 то 26 %-ро пардохт кунад .

Бонки байналмилалии Тоҷикистон дар вилояти Суғд низ бо муваффақият фаъолият дорад, ки ба аҳолӣ хизматҳои бонкӣ (қарз, пасандозҳо, интиқоли пул, пардохтҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ, мубодилаи асъорӣ) пешниҳод мекунад. Дар байни навъҳои қарзи ин ташкилот қарз барои рушди кишоварзӣ ва соҳибкорӣ низ вуҷуд дорад. Шартҳои додани қарз бо дигар ташкилотҳои молиявие, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, қариб якхела буда, меъёри фоиз аз 24% иборат аст.

Мутаассифона, дар байни намудҳои қарзи пешниҳодкунандаи ташкилотҳое, мисли «Тавҳидбонк», «Аввалин бонки маблағгузории хурд» ва «Имон Интернешнл» ягон қарзи имтиёзнок барои дастгирии соҳибкории занона вуҷуд надорад, ки дар рушди соҳибкории занона дар вилояти Суғд таъсири худро гузорад.

Дар вилояти Суғд яке аз бузургтарин иштирокдорони бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ки тамоми намудҳои асосии амалиёти бонкиро анҷом медиҳад, бонки «Эсхата» мебошад. Яке аз хизматрасониҳои асосии он қарз барои рушди тиҷорат мебошад. Бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкории занона, бонки «Эсхата» дар доираи Барномаи «Зан дар тиҷорат» (якҷоя бо Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд) маҳсулоти қарзии «Имкон»-ро пешниҳод менамояд. Шартҳои ин намуди қарз тақрибан ба қарзҳои бонкҳо ва ташкилотҳои дигари дар вилояти Суғд фаъолияткунанда монанд аст (маблағи қарз: то 500 000 сомонӣ , имконияти гирифтани давраи имтиёзнок вуҷуд дорад, асъори қарз: сомонӣ , фоизи солона: аз 29 % то 24 %, муҳлати қарз то 24 моҳ).

Дар байни ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ки дар вилояти Суғд фаъолият мекунанд, метавон фаъолияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҳумо»-ро низ қайд кард, ки ҳадафи асосии он мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои камбизоати ҷумҳурӣ мебошад. Барои рушди соҳибкории занона дар деҳот ҶСП «Ҳумо» қарзи «Старт бизнес»-ро танҳо ба занҳо пешкаш мекунад. Маблағи қарз аз 500 то 10 000 сомонӣ, муҳлати қарз аз 3 то 24 моҳ.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон дод, ки дар вилояти Суғд имкониятҳои муайяни маблағгузории соҳибкорӣ вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, меъёри нисбатан баланди фоизи қарзҳо метавонад ба занони соҳибкор як монеаи ҷиддӣ гардад. Аз ин рӯ, барои такмили рушди соҳибкории занон муҳим аст, ки барномаҳои махсуси қарзии имтиёзнок бо фоизҳои паст ва муҳлати дарозтар пешниҳод карда шаванд. Ин метавонад ба афзоиши шумораи занони соҳибкор, рушди тиҷорати хурд ва баланд гардидани сатҳи шуғли занон дар минтақа мусоидат намояд.

Ба андешаи мо, барои рушд ва беҳбудии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занона дар вилояти Суғд татбиқи самтҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- имконияти дастгирии молиявии дастгирии лоиҳаҳое, ки ба ташкили ҷойи корӣ барои занҳо нигаронида шудааст, ба назар гирифта шавад;

- ташкил ва гузаронидани озмунҳо барои беҳтарин лоиҳаҳои тиҷоратии занони соҳибкор; (таъсири фаврии лоиҳаҳои ояндадортарин). Ин дар навбати худ, ба пешрафт ва рушди тиҷорати занон дар минтақа мусоидат мекунад. Дар ин самт метавон чорабиниҳои таблиғотиро дар ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ аудиторияи зиёдро фаро гирифтаанд) ва телевизион гузаронд;

- пешниҳоди қарз бо фоизи нисбатан камтар;

- квота барои занони соҳибкор дар татбиқи барономаҳои давлатӣ.

Тавсияҳои пешниҳодшуда, ба андешаи мо, ба вусъат бахшидани иқтидори соҳибкории занон, такмилдиҳии шуғли онҳо, ба таври назаррас паст намудани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ ва мутобиқан мусоидат намудан ба рушд ва баландшавии рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғд дар умум мусоидат мекунанд.

Таҳлили масъалаи таъминнокии молиявӣ дар рушди соҳибкории занон нишон медиҳад, ки дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ яке аз омилҳои асосии густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли занон мебошад. Таҳқиқотӣ олимони ватанӣ собит менамояд, ки

«аксарияти занон асосан ба соҳибкории хурд машғул буда, имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, набудани сармояи кофӣ ва душвории гирифтани қарз аз ҷумлаи мушкилоти асосии рушди фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравранд» [175]. Аз ин рӯ, тақвияти механизмҳои маблағгузорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди молиявӣ барои рушди соҳибкории занон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар тадқиқоти пешинаи худ мо муайян намуда будем, ки «соҳибкории занон яке аз омилҳои муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад, ки захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода шуда, сатҳи шуғли аҳолӣ баланд гардад. Дар ин раванд занон метавонанд ҳамчун як қувваи муҳимми иқтисодӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва минтақа саҳми назаррас гузоранд » [4-М, с.307].

Бо вуҷуди ин, рушди соҳибкории занон дар минтақа бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ, нокифоя будани дониш ва малакаҳои соҳибкорӣ, маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин сатҳи пасти дастрасӣ ба бозорҳо метавонанд рушди фаъолияти соҳибкории занонро маҳдуд намоянд. Аз ин рӯ, барои рушди минбаъдаи соҳибкории занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар иқтисоди минтақа татбиқи як қатор тадбирҳои иловагӣ зарур мебошад. Бо мақсади рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар иқтисоди вилояти Суғд пешниҳодҳои зерин манфиатбахш ба ҳисоб мераванд:

«Аввалан, зарур аст, ки дастгирии давлатии соҳибкории занон тақвият дода шавад. Дар ин самт татбиқи барномаҳои махсуси давлатӣ, ки ба рушди соҳибкории занон равона гардидаанд, метавонад ба зиёд гардидани шумораи занони соҳибкор мусоидат намояд. Аз ҷумла, таъсиси барномаҳои махсуси грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба занони соҳибкор метавонад имкониятҳои онҳоро дар самти оғоз кардан ва рушд додани фаъолияти соҳибкорӣ васеъ намояд.

Дуюм, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои соҳибкорӣ дар байни занон аҳаммияти махсус дорад. Бо ин мақсад зарур аст, ки барномаҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва курсҳои махсуси омӯзиши соҳибкорӣ барои занон ташкил карда шаванд. Ин тадбирҳо метавонанд ба баланд гардидани савияи иқтисодӣ ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд.

Сеюм, беҳтар намудани дастрасии занон ба захираҳои молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳибкории занон мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд ҷиҳати пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба занони соҳибкор густариш дода шавад. Инчунин, татбиқи барномаҳои махсуси микромолия барои дастгирии соҳибкории занон метавонад натиҷаҳои мусбат ба бор орад.

Чорум, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар минтақа метавонад ба беҳтар гардидани фаъолияти соҳибкории занон мусоидат кунад. Аз ҷумла, таъсиси марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, марказҳои машваратӣ ва инкубаторҳои соҳибкорӣ барои занон метавонад имкониятҳои онҳоро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ васеъ намояд.

Панҷум, дастгирии соҳибкории оилавӣ ва ҳунармандӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими фаъолияти соҳибкории занон аҳаммияти калон дорад. Дар вилояти Суғд занон дар соҳаҳои ҳунармандӣ, дӯзандагӣ, истеҳсоли маҳсулоти хонагӣ ва дигар фаъолиятҳои анъанавӣ имкониятҳои васеъ доранд. Аз ин рӯ, дастгирии чунин фаъолиятҳо метавонад ба рушди соҳибкории занон ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодии оилаҳо мусоидат намояд.

Шашум, баланд бардоштани нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои занони соҳибкор дар рушди соҳибкории занон аҳаммияти муҳим дорад. Ин ташкилотҳо метавонанд ба занон дар самти омӯзиши соҳибкорӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва рушди шабакаҳои тиҷоратӣ мусоидат намоянд» [4-М, с.307].

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифодаи механизмҳои маблағгузории хурд, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, сабук намудани сиёсати андоз ва татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ метавонанд ба рушди фаъолияти соҳибкории занон мусоидати назаррас намоянд. Тавре, ки Асрорзода А.С. қайд менамояд «Ҳиндустон ба шарофати механизмҳои ҳадафманд, бахусус барои дастгирии соҳибкории занон ва гурӯҳҳои осебпазир, тавонист фаъолияти ШДБХ-ро бо татбиқи барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок тавсеа диҳад. Механизмҳои мазкур ба соҳибкорони нав имкон медиҳанд, ки бе гарав ва бо шартҳои сода маблағгузорӣ шаванд. Ин таҷриба дар кишварҳое чун Тоҷикистон, ки дорои сатҳи баланди нобаробарии минтақавии иқтисодӣ мебошанд, қобили истифода мебошад» [75, 71]. Дар ин раванд давлат бояд барои васеъ намудани имкониятҳои молиявӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси қарздиҳӣ ва дастгирии сармоягузории лоиҳаҳои соҳибкории занон тадбирҳои муассир андешад.

Ҳамин тариқ, рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд бевосита ба беҳтар гардидани дастрасии онҳо ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ вобаста мебошад. Татбиқи механизмҳои самараноки молиявӣ, аз ҷумла паст намудани меъёрҳои фоизи қарзҳо, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва рушди низоми маблағгузории хурд метавонад ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд. Ин раванд дар маҷмуъ ба рушди устувори иқтисодиёти минтақа ва таҳкими нақши занон дар фаъолияти иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

# ХУЛОСА

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳибкорӣ ҳамчун механизми таъмини шуғли занон дар вилоят ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро барорем:

